**АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ**

# СУНБУЛКОН

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-38

Муҳаррири масъул *Аламхон Кӯчаров*

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

М-38 **Алимуҳаммад Муродӣ. Сунбулкон** *(гулчини ашъор)*. – Душанбе, «Адиб», 2018, 440 саҳ.

«Сунбулкон» гулчинест аз ашъори тоза ва шеърҳои дар солҳои гуногун чопшудаи шоири шинохтаи тоҷик Алимуҳаммад Муродӣ. Дар ин шеърҳо андешаҳои шоир доир ба паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва Ватану ватандорӣ, инсону ишқи поку самимӣ, ғами имрӯзаву фардои миллат таҷассум ёфтаанд.

Умедворем, китоби нави шоир мақбули шумо, хонандагони азиз, мегардад.

ISBN 978-99947-2-534-2

© Алимуҳаммад Муродӣ, 2018

***Дар дафтари хотироти умрам,***
***Ҳар сафҳаи пуршуда дареғ аст.***

## ТОҶИКИСТОН – ТАХТИ МАН

Кӯҳу саҳро, хоку обат бебаҳост,
Хандаҳои офтобат бебаҳост,
Чаҳ-чаҳи мурғони озоди ту хуш,
Нағмаи чангу рубобат бебаҳост,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон, бахти  ман,
Кишвари ман,
Минбари ман, тахти ман.

Кӯҳсорат чун сари тоҷик баланд,
Оби рӯду чашмасорат ҳамчу қанд,
Чор фаслат чор рукни зиндагӣ,
Хушнавозу дилрабову дилписанд,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон, бахти ман,
Кишвари ман,
Минбари ман, тахти ман.

Сояи боли ҳумоям парчамат,
Файзи истиқлол файзи мақдамат,
Ту ба халқат, халқ бо ту арҷманд,
Муждаи иқбол бодо ҳар дамат,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон, бахти ман,
Кишвари ман,
Минбари ман, тахти ман.

Мардхезу бешаи шерон туӣ,
Ормони Рустами Дастон туӣ,
Сафҳаи таърихи ту дарс асту панд,
Ёдгори дудаи Сомон туӣ,

Тоҷикистон,
Тоҷикистон, бахти ман,
Кишвари ман,
Минбари ман, тахти ман.

Эй назаргоҳи Худо, лутфи Худо,
Хонаи умеди қавми ориё,
Осмонат офтобӣ буду бод,
Бод фардои ту пурнуру зиё,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон, бахти ман,
Кишвари ман,
Минбари ман, тахти ман.

## КӮҲЗОД

Дар зимистон бо хаёли навбаҳорон зиндаам,
Сабзаи саҳрояму бо оби борон зиндаам.
Қатраҳо бо ҳам биёмезанд, дарё мешаванд,
Ман дар ин дунё ба меҳри дӯстдорон зиндаам.

Зиндагӣ, гӯянд беғам нест, бовар мекунам,
Ҳаркиро ғам нест, одам нест, бовар мекунам.
Чашмро бо чашма гоҳе одамон нисбат диҳанд,
Чашму чашма ҳеҷ бенам нест, бовар мекунам,
Лек рӯзи сахтии умрам ба армон зиндаам.

Мисли чашма сангҳои кӯҳсорам зодаанд,
Бар хилофи сахра бесабру қарорам зодаанд.
То зи танҳоӣ нахушкам норасида бар мурод,
Ҳамнишини руду кӯҳу чашмасорам зодаанд,
Ҳар куҷо бошам, ба ёди кӯҳсорон зиндаам.

# ВАТАН

Дар тирароҳи зиндагӣ,
Равшан чароғи бахти ман,
Бо ёди ту гул мекунад,
Гулзори боғи бахти ман.
Эй ҷону тан,
Эй ҷону тан.
Модар, Ватан,
Модар, Ватан.

Донам, ки ранҷурӣ ,зи ғам,
Фарёду зорӣ мекунам,
Чун модари пирам туро.
Бемордорӣ мекунам
Эй ҷону тан,
Эй ҷону тан.
Модар, Ватан,
Модар, Ватан.

Онам, ки дар шодию ғам,
Аз ту намегардам ҷудо.
Мероси аждодам, Ватан,
Умеди қавми ориё.
Эй ҷону тан,
Эй ҷону тан.
Модар, Ватан,
Модар, Ватан.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ

Кӯдаки гаҳвора исён мекунад,
То кушояд дасту пои хешро.
Ишқи озодӣ ба майдон мекашад
Бандаи аз бандагӣ дилрешро.

Рӯҳи инсон-нури истиқлолро
Банд кардан роҳи дарё бастан аст.
То ҷаҳон будасту то бошад ҷаҳон
Кори дарё бандро бигсастан аст.

Тоҷики озоди истиқлолхоҳ
Гуфт истиқлолу сар бар дор дод.
Ҷони ширин доду озодӣ харид,
Сар ба дор аз баҳри нангу ор дод.

Аз Фаридуну Каюмарсу Ҳушанг
То ба Рустам ҷанги истиқлол буд.
Гурзи душманафгани Соми далер,
Баҳри истиқлол разми Зол буд.

Испатомону Муқаннаъҳо басе
Андар ин раҳ ҷони ширин бохтанд.
Оташи ҷомасафедонро баланд
Бо дирафши Ковиён афрохтанд.

Парчами мост он дирафши Ковиён
Парфишон дар ҷашни истиқлоли мо.
То абад хуршедсон тобанда бод
Ҷашни истиқлоли мо – иқболи мо.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Лафзи тоҷик,
Лафзи ширини дарӣ.
Лафзи шеъру шеваи хунёгарӣ,
Аллаҳои шакарини модарӣ.
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ.

Эй забони хосу девону вазир.
Эй забони шоҳу султону амир,
Номаи шоҳону «Девони кабир».
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ.

Шукри қисмат, шукри лутфи сарнавишт.
Дар замирам донаи меҳри ту кишт,
Бо ту дорад гуфтугӯ аҳли биҳишт.
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ.

Эй пур аз ҳикмат забони миллатам.
Ҳам  нишону ҳам тавони миллатам,
Ҷои ҷони ҷони ҷони миллатам.
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ.

То ту ҳастӣ зинда номи тоҷик аст.
Зиндагӣ доим ба коми тоҷик аст,
Ҳифзи ту роҳу мароми тоҷик аст.
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ.

## ЭЙ ҲАМВАТАН

Душман чӣ мекорад?
Низо,
Кишташ чӣ бор орад?
Бало,
Моро зи ҳам созад ҷудо,
Эй ҳамватан, ҳушёр бош.

Ӯ дӯстрӯ, ту дӯстҷӯ,
Ӯ ҳилладон, ту содахӯ,
Фанд аст дар ҳар қанди ӯ,
Эй ҳамватан, ҳушёр бош.

Гаҳ ёру ёвар мешавад,
Гоҳе бародар мешавад,
Мор аст, аждар мешавад,
Эй ҳамватан, ҳушёр бош.

Иғвои мову ман кунад,
Моро ба мо душман кунад,
Коре чу Оҳарман кунад,
Эй ҳамватан, ҳушёр бош.

Чун гард боло мешавад,
Бар дидаат ҷо мешавад,
Бахтат таги по мешавад,
Эй ҳамватан, ҳушёр бош.

## ЭЙ ВАТАН

Аз ҳавои ту мешавад хушбӯ,
Гул, ки аз хок сар бубардорад.
Рақси мастона мекунад ҷинбод,
Фахри гарди туро ба сар дорад.
Эй Ватан,
Эй баҳонаи зистан.
Дар дилам меҳри поки ту сабз аст,
Мурдан дар канори ту зиндаст.
Решаи зери хоки ту сабз аст.

## ХИРОМИ НОЗ

Бар қади хушхироми дилдуздаш
Чакра- чакра нигоҳ мешорид.
Аз бухори замини навмедон
Абри ҳасратбаоҳ меборид.
Мехиромид бо шукӯҳи ноз,
Рӯи дилпораҳо қадам мемонд.
Шабнами шарм мечакид аз гул,
Пой чун бар замини нам мемонд.
Сураи қатли ошиқон мехонд,
Расму оини дилситонӣ дошт.
Бо ҳама хор-хори озораш
Бо ҳавои ҷавонӣ мерақсид,
Гулбуне буд, ки гулфишонӣ дошт..
Дар баҳори ҷавонӣ гул мекард,
То хазонаш ҳанӯз фурсат буд.
Маст буд,
Мастии ҷавонӣ дошт.

## ДАРЕҒИ ҲАСРАТДАРҶИГАР

Ин хона на он хона-ст,
Як гӯшаи вайрона-ст,
Ин дил, ки паривар гашт
Хундарсари девона-ст.
Савдоии саҳрогард
Чун бод шудам бе ту.

Дар олами шӯру шар
Ороми дилам будӣ.
Дар асри ҳавасмурда
Илҳоми дилам будӣ.
Эй рафта чу ҳуш аз сар,
Беёд шудам бе ту.

Эй рафта зи ман, баргард,
Эй ҷон, ба бадан баргард.
Эй мурғи ватанбезор,
Б- оғӯши  Ватан баргард.
Ту шодии ман будӣ,
Ношод шудам бе ту.

## ГУЗАШТУ МОНД

Як сол пушти сар шуд,
Як зиндагӣ дигар шуд.
Шуд пир як ҷавонӣ,
Як пир пиртар шуд.

Аммо нагашт хомӯш
Ин ҷангу ҷӯши дунё,
Аммо нашуд сабуктар
Ғамбори дӯши дунё.

Девори Берлин афтод
Девори кин наафтод.
Сад шаҳр шуд валангор,
Девори дин наафтод.

Пур шуд муҳити ҳастӣ
Аз баччаи падаркуш.
Шуд дуди ғам кафанвор,
Шуд зиндагӣ кафанпӯш.

Як сол пушти сар шуд,
Як қисса мухтасар шуд.
Дунёи одамобод
Дунёи  гову хар шуд.

## КАЛОБАИ САРГУМ

Куфр чист?
Имон чист?
Фитнаи шайтон чист,
Инсон чист?
Пояи паймон чӣ,
Нолаи виҷдон чист?
Дар замине, ки ба худ меларзад,
Чун зи табларза  зи дарди инсон,
Дар замоне, ки замон метаркад
Охир аз бумбаи ҷаҳли  нодон,
Ҳама махлут шуда,
Ҳама курдуд шуда,
Раҳ паридаст,
Раҳе пайдо нест,
Роҳ то фардо нест,
Қисмати инсон чист?
Ҳикмати Яздон чист?

## СУКУТЕ, КИ РОЗ ДОШТ

Шаби ҷутӣ,
Шаби хомӯш.
Сукуте дошт,
Розе дошт.
Чу авбоше,
Чу бадмасте
Фақат боди зимистонӣ
Миёни кӯчаҳои деҳ ғавғо дошт.
Ва меомад
Садои як саги вилгард хоболуд
Ва мерахшид
Чароғе ҳамчу чашми духтари рӯпӯш
Миёни чодари рангаш сиёҳи ҷут.
Шабе буд,
Як шаби дамдузд.

## БАРГРЕЗОН

Косаи гулҳо
Соғари холӣ,
Барги гулро бод мемолад
Чун намадмоле.
Базми гулҳо сард,
Соқиёни боғ лаб баста,
Боғ пажмурда
Ҳамчу дилмурда
Зиндагӣ чун пири дилхаста.
Аз хазон дилтанг,
Аз ҳавои сарди авзои замон ларзон,
Бар сари ҳар ғунчае, ки гул нахоҳад шуд,
Чун ба марги як шаҳиди ормон гирям.
Чун дарахтон зери борони хазон гирям.

## МЕҶӮЯМУ НАЁБАМ

Савдои бесиёсат,
Дунёи беразолат,
Ёрони босадоқат,
Паймони бехиёнат,
Диндори бодиёнат,
Як ёри боамонат,
Инсони беҷаҳолат
Бодарку бофаросат,
Як илтифоти қисмат,
Мехоҳаму наёбам.

Бедард зиндагонӣ,
Бедоғи дил ҷавонӣ,
Якқавму якзабонӣ,
Якрӯҳу якравонӣ,
Як дӯстии ҷонӣ,
Осоишу амонӣ,
Як асри босаодат
Мехоҳаму наёбам.

## МАНУ ХОМА

Дуто пири баҷомонда,
Ду раҳҷӯи зи по монда,
Ду тори аз наво монда,
Ду ҷони дар бало монда,
Ду дасти дар ҳаво монда,
Ману хома.
Чу сабза дар нумӯ будем,
Баҳори орзу будем,

Гули хушрангу бӯ будем,
Равон чун оби ҷӯ будем,
Талоши ҷустуҷӯ будем,
Кунун аз дасту по монда,
Ба умеди Худо монда
Ману хома.

## ГАРДУНАКАШ

Гашта бо нолиши гардунаи худ ҳамоҳанг
Марди гардунакаше менолад:
–Зиндагиям беранг
Чун гули хонагӣ дар хурмаи танг.
Бачаам аз паи ризқу рӯзӣ,
Ризқи бо қиммати шаъни инсон,
Ризқи бо қиммати ҷон,
Дар диёри мардум
Солҳо шуд, ки бувад саргардон.
Ғайри гарди ҳасрат
Нест гарде ба таҳи суфраи ғамхонаи ман.
Бори мардум бикашад гардуна,
Бори кулфат бикашад шонаи ман.

## ИФРОТ

Базм буд,
Базми шукуфоии боғ,
Шохаҳо таблаки гул дар сари даст,
Сози мурғон ба фалак мепечид,
Бод буд гулгардон,
Ва баҳоре, ки чу дорои сахӣ
Хайр мекард ҳама дороиш,

Ҳама дар оромӣ,
Ҳама дар осоиш.
Раъд аммо чу яке ифротӣ,
Рӯи гулзор худашро тарконд.
Ҳама ҷо куштаи гул,
Тани оғӯштаи гул.
Мурдаи пуштаи гул,
Базми гул мотам шуд.

## ЧӢ ДУНЁЕ

Кину адоват шуд ҳалол,
Меҳру муҳаббат шуд ҳаром.
Ҷаҳлу ҷаҳолат шуд ҳалол,
Ақлу фаросат шуд ҳаром.
Бар раҳравони зиндагӣ
Ёди фароғат шуд ҳаром.
Одам ба одам гургу саг,
Амну амонат шуд ҳаром.
Бадзотҳо зотӣ шуданд,
Аслу наҷобат шуд ҳаром.
Саҷҷода буд ин хоки пок,
Дар он ибодат шуд ҳаром.

## ИДОМАИ ЗИНДАГӢ

Боғбон дар хобу марде ҷайрариш
Остини ҷомааш бармезанад.
Ҳамчунон ифротиёни масти хун
Нахлҳои сабзро сар мезанад.
Кӯдаке гул мешинонад дар хазон,
Кӯдаке бо хок бозӣ мекунад.

Дар харобазори як шаҳри хароб
Хонасозӣ мекунад,
Хонаи умеди ӯ обод бод.

## НАЁ ДИГАР

Наё дигар ба хоби ман,
Наё аз рӯзгори ёдҳои дур,
Наё бо ин фиребоиву зебоӣ
Чу як арвоҳи ғарқи нур.
Наё дигар,
Наё шабҳо ба хоби ман.

Дигар  бо чархи домонат,
Ки бодаш дардборон аст,
Ба бозиҳои чашмонат,
Ки чун арғушти тӯфон аст,
Накун рӯшан чароғамро,
Ки чун доруи хобовар
Фурӯ бурдам азоби дарду доғамро.
Наё дигар,
Наё ҳар шаб суроғи ман.

## ЗАНИ ТОҶИК

Зани тоҷик,
Бувад  покиза  имонат ба ранги сафҳаи Қуръон,
Бувад бедоғ домонат ба сони чеҳраи хуршед.
Туӣ ҳамчун малак дар иффату исмат,
Туӣ лакбахши саҳви Одаму Ҷамшед.
Ҳавои зиндагӣ имрӯз гарди фаҳшолуд аст,
Намехоҳам, ки бар домони покат гард биншинад.
Ба мӯи туву рӯи ту, ки нуронии яздонист,
Мабодо, ки ғубори боди ҳарҷогард биншинад.

## НАЗАРГОҲИ ХУДО

Ҳар замон
Дар ҳар макон,
Дар ҳар мақом
Тундгардони ҷаҳолат
Хокбоди  шӯрахоки ҷаҳлро
Борҳо хезондаанд.
Бар сари мардум палоси фаҳшро
Беибо афшондаанд
Гоҳ бо макри сиёсат,
Гоҳ бо фанди адолат,
Гоҳ бо лофи диёнат,
Бо ҷаҳолат,
Бо разолат,
Бо хиёнат

Чашмҳоро чун намакдон кардаанд,
Осёби фитнаро бо боди  оҳи дардмандон,
Бо сиёби  ашк,
Бо сурхоби хун бисёр  гардон кардаанд.
Орзуҳову ҳавасҳоро дар он дӯли ҷаҳолат
Рехтанду гард карданд.
Зиндагиро дард карданд,
Ин  диёр,
Ин хок аммо
Гарчи дар роҳи бало буд,
Бар сараш сад моҷаро буд,
Боз ҳам чун офтобаш нурзо буд,
Бас назаргоҳи Худо буд.
Офтбаш абрсӯз аст,
Субҳоин,
Шабфурӯз аст.

## БЕ ТУ

Ҳама кӯчаҳо пур аз сел,
Ҳама обҳо гилолуд,
Чи қадар хазон сияҳдил,
Чӣ қадар ҳавои курдуд.

На дигар гуле шукуфад
Зи баҳори орзуҳо,
На димоғи дил шавад тар
Зи бухори рангу бӯҳо.

Зи баҳори сабз бе ту
Ҳама барги зард мондаст.
Ҳама хотироти абрӣ,
Нафаси бадард мондаст.

## ХАЁЛИ РАҲГУМ

Дар ин деворбандиҳо,
Дар ин асри муҳаббаткуш
Миёни кӯчаи саргум
Чу як шабмондаи сархуш
Хаёлам пушти ин андеша сарсон аст,
Ки ҷое метавонӣ боз пайдо кард,
Ки осоиву н-андешӣ,
Ки номарди камингире,
Занад аз пушти сар тират.
Ба ранги сабзаҳои ташнамарги соҳили дарё
Насозад доғу дарди зиндагонӣ бемаҳал пират,
Дар ин асри фиребу фанд
Насозад фанд тақдират.

Дар ин қарни разолатҳо,
Ҷаҳолатҳо,
Хиёнатҳо,
Адоватҳо,
Ки одам мехӯрад монанди бода хуни одамро,
Дар ин ҷангал,
Ки расми ҷангалӣ ҷорист
Тавонӣ ҳамчу одам зист?
Тавонӣ ҳамчу одам мурд?
Барои гул
Ба пои гул
Чакиду ҳамчу шабнам мурд?

## ВАҚТЕ КИ ЁР РАФТ

Вақте ки ёр рафт,
Вақте баҳор аз паи ӯ рафту барнагашт,
Пажмурд завқи гул шудани ғунча дар лабаш,
Тобути барг дар бағали сарди боғ монд.
Тарконд раъд хонаи ободи хотирам
Сӯзонд барқ гӯшаи оромии дилам,
Дар осмони ёд, ки пур аз дуду гард шуд
Дуди димоғ монд.

## САДОИ ПОИ БАҲОР

Хазонҳо рафта аз хотир,
Зимистонҳо фаромӯшанд.
Дарахтон захмҳои худ,
Ба бинти пӯст мебанданд,
Ту гӯӣ ҳазрати Хизранд,
Либоси сабз мепӯшанд.
Харобаҳои даврони хазонро мекунад обод
Баҳору ашк мерезад.

## БАҲОРИ ХАЗОНШУДА

Ёд дорам,ки зи раҳ мерафтӣ,
Медавиданд зи пуштат гирён.
Чашмҳо кӯдаки думравворӣ,
Ҳушҳо дар хами нозат сарсон.

Рӯи дилҳои шикаста аз ноз
Мениҳодӣ қадами боминнат.
Дар ғурури ту аҷаб лаззат буд,
Дар ҷафои ту аҷоиб роҳат.

Бинамат,
Барги лабҳои гулат ҷинҷида,
Чашмҳоят чу чароғи хомӯш,
Лолаи ранги рухат пуркида,
Гардани хушки асо дар оғӯш.

Кай шуд он мӯи сиёҳат чун шир?
Қоматат ҳамчу камони бетир?
Нигаҳат сард чу абри бебарқ,
Ин қадар пир шудӣ,
Пири пир.

## ХИЗМАТИ МАҶБУРӢ

Бар муроди дил набошад зиндагӣ,
Зиндагонӣ хизмати маҷбурӣ аст.
Зистан бе матлабе, бе мақсаде
Иллати шабкӯрӣ аст.
Ҳар нафас, ки аз лаби беорзу
Мебарояд, нолиши ранҷурӣ аст.
Умр ҳамчун майсаҳои дони пуч
Мешавад сабзу наорад ҳосиле.

## ДАВИ МИЛЛӢ

Бояд аз бистари карахтӣ хест,
Бистари коҳилӣ ба дур андохт.
Дар сафи пеши мардуми чобук
Хешро ҷой бояд сохт,
Тоз,
Бояд тохт,
Бояд тохт,
Бояд тохт.

То ба марра расидан осон нест,
Роҳ душвору дуру ноҳамвор,
Пой чун сангбаста вазнин аст,
Пой кандан, нафаскашӣ душвор,
Лек бояд тохт,
Бояд тохт,
Бояд тохт,

Пайгаҳи аср мард мехоҳад,
Зиндагӣ ҳамнабард мехоҳад,
Миллати раҳнавард мехоҳад,
Чобуку тезгард мехоҳад.
Тоз,
Бояд тохт,
Бояд тохт,
Бояд тохт.
Пайгаҳи нангро набояд бохт.

## ШУМХАБАР

Дар чашми ғунча тарс,
Ранги ҳаво паридаву беранг офтоб,
Чун селаи рамидаи гунҷишк баргҳо
Аз шоха мепаранд
Бо тарсу изтироб.
Овоза паҳн мекунад аз даҳшати хазон
Боди хунукнафас.

## БАҲОРИ НООШНО

Дар он пайроҳаи хокии деҳа
Нишоне аз паи поям намондаст.
Миёни дуду чанги осмонаш
Дигар гарди қадамҳоям намондаст.
.
Дигар ин пуштаҳо он пуштае нест,
Ки рӯи сабзаҳояш мезадам ғел.
Набошад тифлиам дар мавҷи сабза
Дигар чун санги ғелони дами сел.

Намеёбам гули хушкардаамро
Миёни ин ҳама гулҳои худрӯ.
Дигар он гул ки бӯи кӯдакӣ дошт,
Набошад байни ин гулҳои хушбӯ.

Ба чашми ман ба ҳар орову торош
Баҳор он дилрабоиро надорад.
Баҳоре, к- ошнои кӯдаким буд,
Ҳавои ошноиро надорад.

## МЕҲМОНИ НОХОНДА

Бар хонаи хоби ёдҳоям
Меҳмони нахондавор оӣ,
Аз пардаи ашки ноумедим
Чун нури умед медароӣ.
Ишқи ту зи хоки хотиротам,
Чун сабзаи гӯр мешавад сабз.
Дар пуштаи бегиёҳи ёдам
Як ҳасрати дур мешавад сабз.
Эй ҳамчу баҳори гулбадоман,
Бо он, ки гузаштаӣ, наоӣ.
То ин, ки бубинаму бисӯзам
Шаб аз дари хоби ман дароӣ.

## ЭЙ ТУНДБОД

Гулҳо чу тифли масти хоб
Паҳлу ба паҳлу хуфтаанд.
Гулҳои лаззатҳо ҳанӯз
Дар комҳо нашкуфтаанд,
Мурғон ба серӣ ҳарфи меҳр
Бар гӯши гул ногуфтаанд.
Ором бош,
Ором рав,
Эй боди асри тундрав.
Болои гулҳо по намон,
Бар рӯи гулшанҳо надав.

## ДУОИ ДАР ДИЛИ ШАБ

Боз шаб ҷомаи мотам дорад,
Осмон ғам дорад.
Арғувони тани фарзанд ба бар,
Аз дили хокистар,
Модаре пеши Худо менолад.
Ба дуо менолад:

–Дасти номаҳрами номард дароз аст чаро?
Дар замин, гӯӣ, яке мард намонд.
Эй Худо, хонаи душман сӯзад,
Ки дигар як дили бедард намонд.

## САФАРЕ БА КӮДАКӢ

Чу чанги роҳҳои деҳа мечархад
Ба тори сар хаёлоти парешонам.
Зи роҳу рӯ нишони кӯдакиямро
Чу сӯзан дар миёни хок ҷӯёнам.
Вале ин деҳа дигар  деҳаи ман нест,
Агарчи пуштаҳояш беқасабпӯшанд.
Кушодачеҳраанду гармоғӯшанд,
Вале дигар маро дар бар намегиранд,
Хомӯшанд.
Маро ин ҷо ҳама бегона медонанд,
Агар хонанд, чун меҳмони шабмонда
Ба сӯи хона мехонанд.

## НАЗДИКИ ДАСТНОРАС

Эй ҳамчун орзу,
Як орзуи  дур,
Ширину дастнорасу зебову  дилпазир,
Рӯ кардаам ба ту
Чун сӯи офтоб
Дар ҷустуҷӯи нур.
Аз ман нарам,  кабутари ваҳшӣ,
Зи ман нарам,
Домони пур зи донаи ашкам барои туст.
Биншин канори дил
К-ин боғи аз муҳаббатат гулбез ҷои туст.

## ТИФЛИ ОББОЗ

Зиндагӣ ҷӯи гилолуд аст,
Ман чу кӯдак
Мекунам дар оби лояш оббозӣ.
Рӯи регаш,
Зери нури офтобаш
Ҷони сармобудаамро медиҳам афтоб,
Мекунам  аз регҳояш хонасозӣ.

## ХАЁЛИ НОБИНО

Нуқта, нуқта
Дар варақҳои ғиҷими кулмаки шаб
Ғуссаи талхи зимистонро
Менависад боз борон.
Достони моҷарои қатли гулҳоро
Бод хонад ҳамчу кӯрон
Бо сари ангушти ларзон.

## ЭЙ СУБҲ

Дар ин замон, ки хаймаи ғафлат заданду хуш
Дар селроҳи сели балоҳо нишастаанд.
Дар ин ҷаҳон, ки пахтабагӯшони кӯрдил
Инсофро чу косаи роҳат шикастаанд.
Эй субҳ,
Эй паёми наҷотовари Худо,
Сӯи замини ранҷу балоҳо хуш омадӣ.

## НОМАҲОЯМРО БИХОН

Номаҳоямро насӯз,
Хотироти меҳри тарбарги мананд.
Ҳарф, ҳарфаш чакра,чакра ашки дард,
Сафҳаҳояш лахта-лахта хуни дил,
Достони ишқи тармарги мананд.
Ҳамчу мусҳаф
Номаҳоро зери болинат бимон,
Аз балоҳои замон ҳифзат кунанд,
Номаҳоро чун дуо радди бало гӯю бихон.

## АШКИ ҲАСРАТ БАР ЛОШАИ ХИЁНАТ

Ту аз хоки манӣ, эй бо ҳама аждоди ман душман,
Ту аз хуни манӣ, эй бар Ватан осӣ,
Чу резад хуни ту хуни маро ҳам хок хоҳад хӯрд,
Чу мемирӣ,
Ман аз дарду аламҳои ту хоҳам мурд.
Туро, эй кош, дар ҷанги бародар не,
Туро дар ҳарбу зарби душмани бегона мекуштанд.

На чун хоин,
На чун оқипадар,
Манфур,
Чу як марди Ватан мардона мекуштанд,
Ки то ҳамчун бародар мурдаатро мӯя мекардам,
Ки чун Рустам
Зи пушти ту чу аз пушти Сиёвуш ҷанг мекардам
Ва ҳамчун хунбаҳои ту
Ҷаҳонеро ба хуни қотилонат ранг мекардам.
Аё хоин,
Дилам бар рӯҳи мурдори ту месӯзад,
Ба ҳоли мурдаи хори ту месӯзад,
Ту аз хоки манӣ охир,
Ту ҳамхуни манӣ, афсӯс.

## РӮДИ ПАНҶ

Хӯи тунду тез дорад
Чун кӯҳистонӣ.
Панҷ аммо меравад ором,
Пир дорад,
Пири дарё

Пеш-пешаш мезанад гом.
Эй шумо, соҳилнишинони чапу рост,
Бехабар аз дарсу тадрисаш,
Боадаб бошед дар пешаш,
Алҳазар аз пирранҷишаш.

Панҷ як рӯди хурӯшон нест,
Ин Ватан чун моми пир аст.
Панҷ дар пеши бари ӯ
Ҳамчунон пистони шир аст.

Ту дар он сӯ, ман дар ин сӯ,
Ду бародар чун дугоник,
Ҳарду хӯрда шири як пистон,
Ҳардумон фарзанди тоҷик.

## АЗ РАФТАҲОВУ МОНДАҲО

Аз азмҳо,
Аз ҷазмҳо,
Аз базмҳо, аз размҳо,
Аз хеваву хоразмҳо,
Аз будҳо буде намонд,
Аз судҳо суде намонд,
Ҷуз кӯрдуди оҳи ман
Дар осмон дуде намонд.

Не ҷому не паймона монд,
Не ҷону не ҷонона монд,
Аз ориён афсона монд,
Аз марву ишқободҳо
Бо номи дил вайрона монд.

Дил ҳасту дилбардор нест,
Кас ҷуз ғамам ғамхор нест,
Ёре куҷо?
Ағёр нест,
Рустам дигар бедор нест.

Дардам муғултозӣ кунад,
Қисмат ғарамбозӣ кунад,
Нангам замонсозӣ кунад,
То дардро розӣ кунад,
Сар ҳасту сарбардор нест.

## ИНҚИЛОБ КУН

Эй дилшикаста мард,
Вақте бухори мавҷи ғамат жола мешавад
Дар осмони ҷудии[1] шоми хазони дард,
Дар офтоби гарми умедаш ту об кун.
Тафсири зиндагӣ
Вақте ки ҷуз кашокаши ранҷу азоб нест,
Вақте ҳама шаб аст,
Ному нишони шабшикани офтоб нест,
Аз зарраҳои хурди умед офтоб кун.
Домони сабрро
Монанди шохи охирин вақте раҳо кунӣ,
Вақте ки маргро
Чун ҷонхалоси ҷони худоӣ[2] садо кунӣ,
Дар ҷонамози субҳ,
Шин,
Бомдоди азм бихон пеши офтоб,
Бар худ хитоб кун:
Дунё агар, ки хонаи бахту умед нест,
Онро хароб кун!

## ШИНОСОӢ

Маро бишнос,
Шиноси куҳнаам, гарчи фаромӯшам.
Маро бишнав,
Навои нолаи як дарди хомӯшам.
Маро бӯ кун,
Ки бӯе аз баҳори рафта меёбӣ,
Чу хокистар бикун бодам,
Нишоне аз шарори хуфта меёбӣ.

---

[1] Ҷуд – туман.
[2] Ҷони худоӣ – нидои имдодталабонаи шахс ҳангоми хавфу хатар.

Ман он нурам,
Ки мерезад шаб аз чашми чароғи ту,
Ман он рӯҳам,
Ки ҳар шаб мекунад пурсу суроғи ту.
Агар як хотироти мурдаам дигар барои ту,
Ба сеҳри як нигоҳам боз эҳё кун.
Маро гум карда будӣ дар ҷавониву ҳавасбозӣ,
Зи хоки роҳи ёди навҷавониҳот пайдо кун,
Маро бишнос,
Маро бишнос.

## БОЗГАШТИ ЁД

*Барои Озар*

Ҳанӯзам аз лаби дарёчаи деҳа
Навои шӯхии тифлона меояд,
Вале бегона меояд ба гӯши дил,
Дили бо сози оҳу нола хӯ карда.
Ҳанӯзам кӯдаке гулчин
Ба дандон мекашад аз дасту пояш неши хореро,
Намедонад,
Ки рӯзе аз даруни синаи ӯ кунда хоҳад зад,
Тамоми хадраҳояш хадраи дарданд,
Тамоми баргҳояш чеҳраи зарданд.
Дар ин сангоб
Ҳанӯз ангушти пое мехурад бар санг,
Ҳанӯз ангушти тифле мешавад хуншор,
Ба санге лола мерӯяд
Ва тифле ланг-лангон меравад аз донаи ашкаш
Раҳораҳ нола мерӯяд.
Ҳанӯз ин ҷо
Тамоми кӯдакиҳо мешавад такрор,
Тамоми ёдҳои хуфта аз нав мешавад бедор,

Баҳори рафта меояд,
Вале чун ман ба чашми тар,
Ба мисли ман мусофирвор.

## ТАНҲОӢ

Садоҳо мурда дар оғӯши сарди шаб,
Ҳавасҳо хуфта дар тобути раҳпоӣ,
Дару девор менолад:
Чӣ танҳоӣ!
Чӣ танҳоӣ!
Чӣ танҳоӣ!
Ба кунҷи хонаам гаҳвораи холӣ
Чу оғӯши зани нозост армонӣ,
Шаби торест ҳамчун рӯзгори пири бефарзанд,
Хазонрезиву сардиву парешонӣ,
Дарахти пири бебарги паси тиреза менолад:
Чӣ танҳоӣ!
Чӣ танҳоӣ!
Чӣ танҳоӣ!
Баҳори рафтаам, то кай намеоӣ?

## ИШҚИ БУРИДАКУНДА

Шаб…
Ин шабе, ки борон
Шӯяд рухи ҳаворо,
Гӯё ки нуқта монад
Девони ишқи моро.
Бунгаҳ кашад чу ғамдор[1]
Шаббоди хонавайрон,

---

[1] Бунгаҳ кашидан[1] – зери лаб оҳанги ғамангезеро замзама кардан.

Рӯша ба ашк шӯяд
Беруни дар зимистон.
Ёди ту сайр дорад
Дар кӯчаи хаёлам,
Рӯяш намекунад дуд[1]
Аз хотири малолам.
Дар тан ҳазору як захм,
Захми забони теша,
Ишқи буридакунда
Кунда занад[2] зи реша.
Шаб…
Ин шабе, ки борон.

## ОХИР, БИЁ

Сӯзи ғамат дар ҷони ман,
Шаб мезанад чашмони ман,
Дидори ту армони ман,
Охир, биё,
Охир, биё.
Хобам парида аз сарам,
Қулфи дарам чашми тарам,
Эй меҳри ту болу парам,
Охир, биё,
Охир, биё.
Дар сина аз шавқи ту шӯр,
Эй рӯи ту субҳи банур,
Бар дил қариб, аз дида дур,
Охир, биё,
Охир, биё.
Ҳар дам, ки аз сар бигзарад,

[1] Дуд кардани рӯ – шарм кардан, хиҷолат кашидан.
[2] Кунда задан – сабз шудан, хадраи нав баровардани дарахти бурида.

Бо дидаи тар бигзарад,
Умрам сари пар бигзарад,
Охир, биё,
Охир, биё.
Бо ёди ту мезистам,
Бе ту дигар ман кистам?
Як рӯз ойӣ, нестам,
Охир, биё,
Охир, биё.

## ДИЛШИКОР

Барқи нигоҳи тираш,
Мӯи сиёҳи қираш,
Рӯи ба ранги шираш
Дорад шикори дилҳо.

Раҳ гаштани хиромон,
Қадди банози ҷунбон,
Чашмони офати ҷон
Дорад шикори дилҳо.

Дар тан пироҳани гул,
Доман чу домани гул,
Рӯи чу хирмани гул
Дорад шикори дилҳо.

Файзи қадам баҳорӣ,
Нози нигаҳ хуморӣ,
Зебои зеби ёрӣ
Дорад шикори дилҳо.

## ТАШНАИ ДИДОР

Саҳро ҳама гулпӯш аст,
Дунё ҳама дар ҷӯш аст.
Хору гули боғ имрӯз
Оғӯш ба оғӯш аст.
Ман ташнаи дидорат,
Ман ошиқи гулзорат.

Доғат ману доғат ман,
Умре ба суроғат ман,
Месӯзаму мегирям
Монанди чароғат ман.
Ман ташнаи дидорат,
Ман ошиқи гулзорат.

Дар ҳар гули бишкуфта,
Сад шавқу ҳавас хуфта,
Аз ман нагузар чун бод,
Дорам ғами ногуфта:
Ман ташнаи дидорат,
Ман ошиқи гулзорат.

## СУРОҒАМ КУН

Чун докаи гулбастат
Гулпӯш талу пушта,
Ҳуснат дилу ҳушам бурд,
Чашми ту маро кушта.
Сад бор ту доғам кун,
Як бор суроғам кун.

Саҳро шуда гулдӯзӣ
Ранги лаби домонат,
Сад печу хами савдо
Дар кокули печонат,
Сад бор ту доғам кун,
Як бор суроғам кун.

Дар олами савдоӣ,
Бедориву рӯъёӣ
Бо ҳусни худодат,
Сарчашмаи зебоӣ.
Сад бор ту доғам кун,
Як бор суроғам кун.

## ОФТОБШИН

*Ба ёди акаи Раҷабмуҳаммад*

Чеҳрааш нуронӣ,
Хандааш хуршедӣ,
Мақдамаш наврӯзӣ,
Бо ҳамон соддагии деҳқонӣ,
Бо ҳамон покиву боимонӣ
Медаромад зи дарам,
Хонаам пур мешуд,
Пур-пури сарвати меҳр,
Пур-пури давлати дидори азизи дилхоҳ,
Пур-пури дил,
Дили аз дил огоҳ.
Бехабар меомад
Ҳамчу илҳом зи ғайб,
Ногаҳон меомад
Ҳамчу пайғом зи ғайб.

Бехабар меомад,
Бехабар рафт чу шодӣ аз дил,
Рафтанаш рафтани лабханд зи лаб.
Дар уфуқи хотир
Шишт[1],
Чун шиштани хуршед ба шаб.

## БОЗ ЯК БӮСА

Боз як бӯсаву боз,
Гарм чун бӯсаи хуршеди тамуз,
Барфҳо об шаванд,
Тирамаҳ сабз шавад чун наврӯз.

Боз як бӯсаву боз,
Нарм чун бӯсаи шаббода ба гул.
То ҳавои ҳавасам гарм шавад,
То шавад об яхи ҷони малул.

Боз як бӯсаву боз,
Бодаангезу шакармаззаву хуш,
То кунад талхии комам ширин,
Сабзсӯзам накуну ташна накуш.

Боз як бӯсаву боз,
Дастмузди дами duздида зи вақт,
Хунбаҳои ғами бе ту мурдан,
То лабам хун нашавад,
То дилам тар нашавад,
То нарезӣ хунам аз афшурдан,
Аз ту як бӯсаи дигар хоҳам,
Боз як бӯсаву боз.

[1] Шишт – нишаст, киноя аз фурӯравии хуршед аст.

## ГИЛА

Ҳаво борону борон дона-дона,
Суруди боду борон маҳзунона.
Ман аз сардии меҳри ту биларзам,
Зимистонро кунам гарчи баҳона.

Дигар нарху навои дил фаромад,
Дилам сӯзад барои ту, туро чӣ?
Намехоҳад, намехоҳад касеро,
Дили зорӣ ба ҷои ту, туро чӣ?

Бирав чун абри беборон сабукбор,
Бимон чун сабзаи саҳро бимирам.
Ғамамро, мон, ба танҳоӣ бинолам,
Бимон, ки ошиқи шайдо бимирам.

## СОЯИ ХОТИРАҲО

Шаб,
Шаби дилгирифти танҳоӣ,
Хира-хира чу чароғи кӯре,
Чеҳраи ҳамсафаре метобад,
Чеҳраи ҳамсафари як сафари қисмати дуре,
ки дигар ёдам нест,
Гарди ҷинбоде нест,
Доду бедоде нест,
Суҳбати гарме нест,
Хотири шоде нест.
Ин шаби танҳоӣ
Зи кучои тақдир,
Зи нидои тақдир

Чеҳраи ҳамсафаре метобад,
Чеҳраи ҳамсафари як сафари пурхатари умр,
ки дар ёдам нест.

## ПУШТУ РӮИ ОИНА

Таги порисаи як боми ғампӯш
Ману ту чун ду кафтар лона дорем.
Ба як оҳанг ғамҳоро бинолем,
Валекин пардаи бегона дорем.

Ту сӯе мезанӣ пар, ман дигар сӯ,
Сари як ришта дар пои ману туст.
Сари як риштаи банди бирешим
Ба гулмехи ҳавасҳои ману туст.

Чу пушти оина ман рӯсиёҳам,
Чу рӯи оина ту пурҷилоӣ.
Агар оинаро садпора созанд,
Надорад пушту рӯи он ҷудоӣ.

## СУРОҒИ ҶАВОНӢ

Раҳу пайроҳаи паймударо ҷустам,
Хасу хори набуду бударо ҷустам,
Ҳама помондаҳои ёдро гаштам,
Тагорӯи дили фарсударо ҷустам.
Намедонам,
Ҷавониро куҷо кардам.

Ба ман буд он замон, ки омадам берун
Шакармаст аз дари кошонаи тифлӣ,
Ба ман буд, лаҳзае падруд мегуфтам,
Ба он афсонаи тифлӣ,
Намедонам,
Ҷавониро куҷо кардам.
Ҷавониро Худо донад,
Ки дар он шаҳри аз афсонаҳо обод,
Яъне шаҳри бедардиву бемаргӣ раҳо кардам.

## ЧӢ КУНАМ?

Хирманам дона надорад,
Чӣ кунам?
Мурғи дил лона надорад,
Чӣ кунам?
Фасли афсона гузашт,
Фасли сармои зимистон омад,
Баргу бори ҳавасам таг-таги по,
Нолиши ҷон омад,
Ҷон, ки ҷонона надорад,
Чӣ кунам?
Боддармушти сару савдоям,
Хонадарпушти раҳи дунёям,
Шоми бефардоям,
Ин қадар танҳоям,
Раҳм бегона надорад,
Чӣ кунам?

## РӮЪЁ

Қатора чун қатори пуршитоби вақт
Зи шаҳри сабз берун шуд.
Садое зад
Чу фарёди дареғи як пушаймонхӯрдаи камбахт
Ва дуде бар ҳаво сар дод,
Чу дуди оҳи як марди ҷигарсӯхта,
Чу дуди талхи як афсӯси ҳастисӯз
Ва гум шуд дар дили хушки биёбоне…
Қатора
Ё қатори рӯзҳои бебароре буд,
Ки холӣ буд.

## БЕ ТУ

Зиндагии бе ту будан,
Бе ту зистан,
Бе баҳори ту шукуфтан,
Бе хаёли ту ғунудан
Зиндагии боғ дар қайди зимистон аст.
Бе талоши муғҷа бастан,
Сабз гаштан,
Ғурра кардан,
Зиндагии бе гулу барг,
Зиндагии бадтар аз марг.

## МАН АҲЛИ ХУРОСОН

Гаҳ субҳаму хандонам,
Гаҳ абраму гирёнам,
Гаҳ ҷамъу парешонам,
Аз тухми бузургонам,
Ман аҳли Хуросонам.

Ман Соми Наримонам,
Ман Рустами Достонам,
Суҳроби пурармонам,
Таҳминаи бирёнам,
Ман аҳли Хуросонам.

Бунёди сухан аз ман,
Эҷоди сухан аз ман,
Фарёди сухан аз ман,
Ҳам инаму ҳам онам,
Ман аҳли Хуросонам.

Шохобаму дарёям,
Ман куҳаму саҳроям,
Ман зодаи ин ҷоям,
Овораи дунёям,
Ман оҳаму афғонам,
Ман аҳли Хуросонам.

Вайрона зи ман обод,
Бегона зи ман дилшод,
Шуд банда зи ман озод,
Худ лек ба зиндонам,
Ман аҳли Хуросонам.

Бо ҳикмати зардуштӣ,
Фазлу ҳунари пуштӣ,
Эй чарх, маро куштӣ,
Аз ҷабри ту нолонам,
Осияму исёнам,
Ман аҳли Хуросонам.

# РУХСОРААЛОВИ ЧАШМЛАХЧА[1]

Рухсори ту оташи ҳавасҷӯш,
Чашмони ту лахчаи алаврез,
Рухсораалови чашмлахча,
Дорӣ чӣ нигоҳи барқмаҳмез.

Шарми ту шукуфтани гули сурх,
Ҳарфи ту балоғати сухансанҷ,
Нози ту хиҷолати баҳорон,
Ганҷинаҷамоли роҳатиганҷ.

Ҳоло ту ба ҳукми навбаҳорӣ,
Аз ҳоли хазон дарак надорӣ,
Бар сели шикастамавҷи қисмат
Наззораи кӯдакона дорӣ.

Шаҳзодаи бахт дар канорат,
Ғамбодаи дард дар барат нест.
Дар сояи чатри орзӯӣ,
Як сояи гард бар сарат нест.

Ман ҳамчу лапов[2] сустгардам,
Ту тезравӣ ба ранги тезоб.
Афтови сарам шаву наяндеш,
Барфи сари ман намешавад об.

[1] Лахча – зуғоли оташбори чӯб ё ангишт.
[2] Лапов – акси тезоб, оби сустҳаракат.

## ШАБЕ

Осиёи базм
Дар хуни гулӯи буридаи шиша мечархид,
Кабоби иштиҳо дар ҳаври даҳони майхорон
буғпаз мешуд,
Бодаҳо гул мекарданд,
Чеҳраҳо мешукуфтанд,
Ҳарчи дар сарези дили мастон буд
Аз шаршараи забонҳо бурун мерехт.
Мунофиқро
Сели шароб аз маҳфили аҳбоб ба суроғи сароб
андохта буд,
Шаб розпӯшӣ мекард.
Шабе, ки пур аз ҷавонӣ буд.

## ХАЗОНИ ХОТИРАБОР

Тирамаҳ омадаву чун дили пир
Нафаси гарми ҳаво сард шуда.
Чун рухи ғурбати дунёдида
Ин қадар ранги ҳаво зард шуда.

Номаи ғуссаи бефарёданд,
Баргҳое, ки таги по хобанд.
Ташнаи лаззати оби сарданд,
Ҷӯйҳое, ки пур аз партобанд.

Дар дилам ёди баҳоре, ки намонд,
Мекунад обилаву месӯзад.
Ҳама ҷо хотираҳо, хотираҳо, хотираҳо,
Оташи мурда кӣ меафрӯзад?

## ГИРДБОД

Ҳамсафарҳои бовафо рафтанд,
Хотироти чу гарди по монданд.
Лаҳзаҳои хушӣ куҷо рафтанд?
Ғуссаву дардҳо чаро монданд?
Ин манам байни регзори ёд,
Регҳои чу ранги зардовӣ.
Регҳои равони дарёвор,
Рӯзгорам дар он шуда овӣ[1].
Гирди худ чархаму чӣ чархидан,
Чархуши чарх гаштани гирбод.
Ба куҷо меравам,
Намедонам,
Аз куҷо омадам,
Надорам ёд.

## БАҲРОМИ ЧӮБИНРО ХАБАР КУН

Баҳор,
Ин хушпаю пои мусофир,
Ду-се рӯзе чу меҳмон мешавад боз,
Кӣ медонад, ки дар фотиҳаи кӣ
Дигар боре дуохон мешавад боз?
Гуле чину гуле бӯю гуле бахш,
Гумон дорам, ки имкон мешавад боз.
Зи фардои Ватан андеша дорам,
Чу Кисро хеши Хоқон мешавад боз.
Бирав, Баҳроми Чӯбинро хабар кун,
Ки ҷанги турку Эрон мешавад боз.

[1] Овӣ шудан – обӣ шудан, ба об афтодан, ғарқ шудан.

## ТАСАЛЛО

Тоза шуд боз умеди пажмурда,
Зинда шуд дил,
Дили мурда,
Рӯҳи маҷрӯҳ,
Ҷони озурда-
Мешавад боз зиндагӣ кардан.

Наҳсии наҳси сад бало бигзашт,
Тири партобии қазо бигзашт,
Ғуссаи дарди бедаво бигзашт,
Буданӣ буд,
Будаҳо бигзашт-
Мешавад боз зиндагӣ кардан.

Рафта, ки рафт, барнамегаштаст,
Умри рафта зи сар намегаштаст,
Бад, ки аз бад батар намегаштаст,
Расми дунё дигар намегаштаст-
Мешавад боз зиндагӣ кардан.

## ЯК ШАБ

Шаб…
Чароғе нест,
Дар китоби шаб
Ғайри доғе нест,
Дил ба дард омад,
Дилсуроғе нест,
Бодаи ғам мехӯрам дар кунҷи танҳоӣ.

Пушти дарвоза
Бод менолад,
Мекунам ёдат,
Ёд менолад,
Бодаи ғам мехӯрам дар кунҷи танҳоӣ.

Кӯча торик аст,
Хона торик аст,
Тиратар аз тирагии шаб муҳити ман,
Бодаи ғам мехӯрам дар кунҷи танҳоӣ.

## ХИЁБОНИ ҲУЛБУК

Дар ин раҳу рӯ пову пае нест,
Як гарди ёде аз рафтае нест,
Бод асту борон дар ин хиёбон.

Бо ранги канда чун ранги мурда,
Гулбун лабашро маҳкам фишурда,
Дод асту афғон дар ин хиёбон.

Нахле хамида чун гардани хам,
Хаспӯш ҳавзе чун чоҳи Рустам,
Гарди биёбон дар ин хиёбон.

Хокаш ҳама сурх чун реги хунпӯш,
Ин ҷо чакида хуни Сиёвуш,
Сад қисса пинҳон дар ин хиёбон.

Не боли Шаҳбол, не Шери Хатлон,
Ҷанги бародар ҳайтолу Эрон,
Гӯри далерон дар ин хиёбон.

Шайтони туркӣ, имони тозӣ,
Дар қатлу ғорат, дар фитнасозӣ,
Ҳамаҳду паймон дар ин хиёбон.

Ин тахти вожун ин шаҳри вайрон,
Дарс асту ибрат бар қавми Эрон,
Аз рӯзгорон дар ин хиёбон.

## ТАБРИКИ ХУДАМ БА РӮЗИ МАВЛУДАМ

Зиндагиро балокаше боист,
Ҷони дар обу оташе боист,
Пештози balову офатҳо,
Содаи хуш зи нохушӣ боист,
Баҳри ин ҳама маро зоданд,
Инчунин як рисолатам доданд,
Рӯзи мавлуди ман муборак.

Чун шудӣ дард, ман намебудам?
Ғам чӣ мекард, ман намебудам?
Боғи дунё чӣ рангу зебе дошт
Бе гули зард, ман намебудам?
Баҳри ин ҳама маро зоданд,
Инчунин як рисолатам доданд,
Рӯзи мавлуди ман муборак.

То намонад даме ба ҳам бошем,
Зиндагии баҳоначӯ ҳар бор,
Пеш орад баҳонаи бисёр.
То дами кӯтаҳе ба ҳам бошем,
Зиндагонӣ баҳона мехоҳад,
Зодрӯзам баҳонаи дидор,
Рӯзи мавлуди ман муборак,
Сӯзи бедуди ман муборак.

## ГИЛАИ МАН АЗ МОСТ

Гилаи ман зи хазон нест,
Гилаи ман зи баҳор аст, ба як тап-тапи по
Чаманашро ба хазон додаву бигрехт куҷо?
Ханҷари хору қиёғаш[1] аз чӣ
Натавонист дами теғи хазонро гирад?
Лӯлаи ғунчаи сахташ чу гулӯлагардон
Натавонист раҳи тиру камонро гирад.
Гилаи ман зи хазон нест,
Зи ҳамон мурғи баҳории фирорист, зи тарс,
Тарси ҷони арзон,
Тарси ҷони ношуд,
Ба яке ғӯзаки кафки даҳани сарди хазон
Ёд аз лона накард,
Ҷанги бегона накард,
Ҷанги мардона накард,
Думбро ходакунон рафт зи майдон ларзон.
Гилаи ман зи араб несту аз турку муғул,
Гилаи ман аз мост.

## ПАСМОНДАЕ ДАР БИЁБОН

Турнаҳо, ки занги реҳлатро заданд,
Рафтаанду монд овошон ба гӯш.
Турнаҳо чун тӯшаи раҳ бурдаанд
Рангу бӯи рӯзгорамро ба дӯш.
Рӯзҳоям корвони гумшуда
Дар биёбонҳои ёди гардпӯш.
Чун алови гулхани нокуштае
Офтоби умр мегардад хамӯш.
Дар куҷои ин биёбон то ҳанӯз
Ҳаст як пасмондае дар ҷумбу ҷӯш.

[1] Қиёғ – килк, навъе гиёҳи буттагӣ, ки тезу буррандааст.

## ШОМИ ДЕҲА

Маҳтоб дафи заррин, даффовӣ[1] бувад гардун,
Ин ҷо ҳама арғуштӣ, мавзунқаду номавзун.
Рахшидани ахтарҳо аз гунбади ахтарбор
Чун чашми тамошобин аз бому сари девор.

Ҷумбондани[2] шаббода рақсидани нозолуд,
Махмур чу тарёкӣ, ҳар хона барорад дуд.
Зоғони сияҳҷурда аз сайри баҳор оянд,
Хубони хушу қадрас бо села зи кор оянд.

Хам карда чу дар саҷда кӯҳу талу пушта пушт,
Рӯ бар шафақи ҳамчун оташкадаи Зардушт.
Ҷо карда ба оғилҳо мардум бузу бузғола,
Чир-чиркунон мурғон гиранд ҳама ҳола[3].

Шаб пардаи гулдӯзӣ оҳиста кунад поён,
Неку бади мардумро дар парда кунад пинҳон.
Хайр, эй ғаму ташвишҳо, ранҷу ситами дунё,
Хушпову қадам бодо пову қадами фардо.

## АЗ ВАТАН НАМЕРАНҶАНД

Аз Ватан, ҷони ман, намеранҷанд,
Ҳамчунон аз насибаву тақдир.
Ҳамчу аз модар,
Ҳамчу аз устод,
Чун зи ҷабри пир.

---

[1] Дафовӣ – дафнавоз, доиразан.
[2] Ҷумбондан – киноя рақсидани бошавқу боҳунарона.
[3] Ҳола гирифтан – дар лонаҳои худ ором гирифтани парандагон.

Мон, ки гоҳе кунад таги поят
Чун гулу сабзаи ба раҳ руста.
Аз сари нон бимон кунад пешат
Ҳамчунон тифли дасту рӯй ношуста.

Гар чу модар ҷазот хоҳад дод,
Мисли кӯдак ба домани ӯ часп.
Гар чу деҳқон кунад лагадмолат,
Мӯросо ба хирмани ӯ часп.

Меваи хом мешавад ширин
З-оташи офтоби тобистон.
Ту ҳамон ғӯраӣ, Ватан бошад
Офтобе, ки мепазӣ дар он.

Бедаҳан аз Ватан бимон ҷоғад,
Бе сухан ту бикун ватандорӣ.
Оқибат мисли саг шавад сагмур,
Аз Ватан ҳар кӣ кард безорӣ.

## ХУДКАРДА

Китоби қисмати моро варақ зан,
Давот аз чашму аз мижгон қалам кун.
Ҳиҷо андар ҳиҷояш ашки ҳасрат,
Варақ андар варақ тар карда дар хун.

Хато пушти хато дар ҳар саҳифа,
Гунаҳ пушти гунаҳ бори варақҳо.
Сабақ андар сабақ баҳри сабақгир,
Гарон афтода моро ин сабақҳо.

Ба ҳар як бекафан дода кафанвор,
Ватанро бекафан монда ватандор.
Чу мо бар мо накарда душманӣ кас,
Накарда ҳамчу мо моро касе хор.

## ГИМНИ ОЗОДАГОН

*Мо барои озодӣ меразмем. Барои ман зистан зери чатри бардагӣ пасттарин навъи зиндагист.*
*(Аҳмадшоҳи Масъуд)*

Хоки пурмоҷарои мо шоҳид,
Ҳасрати рафтаҳои мо шоҳид,
Қисмати пурбалои мо шоҳид,
Бар ҳақиқат Худои мо шоҳид.
Разми мо аз барои озодист,
Рӯи мо бар Худои озодист.

То хирадро ба худ алам кардем,
Рӯй бар дафтару қалам кардем,
Даҳр обод ҳамчу Ҷам кардем,
Беш кардем ё ки кам кардем,
Разми мо аз барои озодист,
Рӯи мо бар Худои озодист.

Хуни мо рехт арраи Заҳҳок,
Хоки мо бехт душмани бебок,
Сар чу бардошт нанги мо аз хок,
Хашми мо сӯхт хонаи афлок,
Разми мо аз барои озодист,
Рӯи мо бар Худои озодист.

Зиндагӣ, к-аз барои нон бошад,
Ҳамчу саг баҳри устухон бошад,
Зиндагӣ не, балои ҷон бошад.
То ҷаҳон буду то ҷаҳон бошад,
Размни мо аз барои озодист,
Рӯи мо бар Худои озодист.

## БОРОНУ БОРОН

Борону борон,
Чун тирборон,
Ҳоли ту чун аст,
Эй боғи урён?

Борону борон,
Тири зимистон,
Ҳоли ту чун аст,
Эй барги ларзон?

Борону борон,
Бечора деҳқон,
Ҳоли ту чун аст
Бе бурдаи нон?

Борону борон,
Ашки ғарибон,
Эй ризқ дар мушт,
Эй хона дар пушт,
Ҳоли ту чун аст,
Эй қавми сарсон?

## ХАЙРБОДӢ

Дар лаби шишае, ки хун партофт,
Хуни дил жола-жола мерахшад.
Хонарӯшанкунии айши мост,
Май, ки дар пиёла мерахшад.
Чашми ғамбори соядори мо
Ҳамчу маҳ, ки ба ҳола мерахшад.
Ашки шабчакидаи падруд
Субҳ дар чашми лола мерахшад.
Бар булӯри дилам назан нохун,
Офтобо, ки нола мерахшад.

## АФСОНАИ ЁД

Чӣ зебоӣ
Дар он шабҳо, ки бар хоби шабам
дуздона меоӣ,
Ту як афсонаи ёдӣ,
Ки аз афсона меоӣ.
Чу нури хираи равзан,
Чароғи куштаи хотир шавад рӯшан,
Ту бар бӯи чароғи ёд чун парвона меоӣ.
Ту як ҷӯёи гумҷӯӣ,
Суроғи ганҷи гумкарда,
Ба кӯи дил,
Ба ин вайрона меоӣ.
Чӣ нохурсанд меоӣ,
Хиҷолатманд меоӣ,
«Ту соҳибхонаӣ охир,
Чаро дуздона меоӣ»?

## АСОИ ГИРДБОД

Сари кӯтал нигоҳи хаста кардам,
Ҳанӯзам пиртуруш[1] ҳезумзани ланг
Хараш дар зери бору банд мекофт
Ба зери сояи ғафси сияҳфарк.
Ба чашми чашма зоғе нӯл мезад,
Раҳе, ки омадам, дигар наметофт.
Қади хамгашт чун пушти хамида,
Ба пушти раҳ ьамон пуштораи[2] тал.
Ҳанӯзам хок бар сар, хор дар по,
Дар он ҷо буд сарсон боди шалпар.
На тифлӣ буд, на пирӣ, не ҷавонӣ
Дар он саҳрои гум дар гарди ёде.
Фақат дар осмон мехӯрд амвоҷ,
Асои гурмдори гирдбоде.

## ДИГАР БА БОҒИ ДИЛАМ

Дигар ба боғи дилам лаззати шукуфтан нест,
Дигар зи доғи дилам роҳати гиристан нест.
Дигар ҳавои даҳони баҳори зиндагар пуфест,
Дарахти хушки танамро умеди зистан нест.

Ба мисли марди ҳалолхораам камризқ,
Чу марди фуртакигӯям[3] ба ҳар куҷо шумрӯ.
Чу ҷайби аҳли қалам ҷайби орзу холӣ,
Ба ҳукми сурати гул гули ҳавас бебӯ.

[1] Пиртуруш – ифодаи таҳқиромезест нисбат ба пире, ки аз зиндагияш ҳама безор шудаанд.
[2] Пуштора – боре, ки ба пушт мекашанд.
[3] Фуртагигӯ – касе, ки суханро рӯирост, дар рӯи одам мегӯяд.

Чу қавми гашта парешон хотири парешонам,
Чу дасти хушки сахо шохи бахт бебарг аст.
Накун фариштаи марг, ин қадар даҳон ширин,
Ки марг муждаи зист асту зистан марг аст.

## БУНГАИ АРОБАКАШ

Дилам дар изтиробай, очаи ҷонам,
Аҷаб ҳолам харобай, очаи ҷонам,
Ҳаётам як азобай, очаи ҷон,
Очаи ҷон,
Очаи ҷонам.

Сарам мечарха чун чархи ароба,
Ба поён мерава нархи ароба,
Нафас дуди кабобай, очаи ҷон,
Очаи ҷон,
Очаи ҷонам.

Шавад чархи ароба гирдгардон,
Ба ёдам мерасонад гирдаи нон,
Ду чашмам ҳавзи обай, очаи ҷон,
Очаи ҷон,
Очаи ҷонам.

Фараҳ дар дасту пои шалпарам нест,
Пас аз ту соябоне бар сарам нест,
Сарам дар офтобай, очаи ҷон,
Очаи ҷон,
Очаи ҷонам.

## БАҲОРИ БАЪДИ ҶАНГ

Имсол дар ҷамоли гулу сабза гард нест,
Имсол хок ашки алам дам намекашад.
Аз ҳар сурох мори аҷал сар намехалад,
Аз ашк хишти хонаи дил нам намекашад.

Мурғе ба сӯи лонаи худ бо ҳазор тарс,
Нолон нигоҳ карда дилаш рам намекунад.
Дигар забони баҳс набошад забони тир,
Шайтон фиреби ҳазрати Одам намекунад.

Имсол шукр,
Шукри Худо,
Шукри зиндагӣ,
Хоби банози кӯдаки хотир бароҳат аст,
Имсол гӯ баҳорро:
Гулбезтар биё,
Соли муҳаббат аст.

## ИҚРОР

Ту охирин баҳонаи зистан,
Ту охирин нишонаи будан,
Ту охирин таронаи фарёд,
Ту охирин забонаи гулхан,
Гулхани дилам астӣ.

Бе ту ман сабзаи биёбонам,
Сабзсӯзии нози боронам,
Бозии бодам,
Дар таги поям,

Бе ту, охир, чӣ гӯямат, чунам?
Ҳайкали зиндаёд Маҷнунам.
Ба Худо,
Худое ҳастам кард,
Ишқоину ғампарастам кард,
Бе ту як дам будан наметонам,
Наметонам,
Наметонам.

## ХАЗОН

Сабзаҳо шакзадаи[1] шӯшабагӯш,
Киштаҳо мурдадили хоболуд.
Боғҳо барҳанаи duздзада,
Зиндагӣ фалсафаи буду набуд.

Бод авангарди сипоҳи сармо,
Боғбон рӯ ба гурез аст аз боғ.
Қавми аз хасм гурезон мурғон,
Ғунчаи сардзада мурдачароғ.

Осмон гиҷу дарундору малӯл,
Ҷӯй чун кисаи деҳқон холӣ.
Барг бо ранги рухи зардовӣ,
Мекунад чун аламӣ кафмолӣ.

Шох паррандаи парканда шудаст,
Бод даррандаи гиранда шудаст,
Мурданизеб хазон зинда шудаст,
Давр даври ғами пайканда[2] шудаст.

---

[1] Шак – шабнам.
[2] Пайканда – яъне каси паяш канда шуда, беному нишоншуда, мурда.

## ШОИРИ ШОИРОН, БАҲОР

Дар сабқате, ки бигзарад дар базми фаслҳо,
Фасле ба ту намекунад баҳси баробарӣ.
Барги ба барг ҳар гулат печида чун хаёл,
Борони ту чакомаи андешапарварӣ.

Сад санъат аст дар хати тиру камони ту,
Сад ҳикмат аст дар лаби гӯёи обшор.
Ҳар сабзаат қасидаи часпу талоши зист,
Ҳар соқаи гули тарат як сатри обдор.

Мурғони боғ ровии шеъри баланди ту,
Бодат кунад ҳикояти табъат ба рангу бор.
Имрӯз байни ин ҳама даъвогарони шеър,
Шоиртарин касӣ, касӣ, касӣ, касӣ, баҳор.

## ТАВБАИ ЯЪС

Эй хоки ориён,
Озодазодагон,
Эй сарзамини мард,
Эй садршини дард,
Мушриквор тавбаи навмед мекунам,
Дар ҷонамози доманат бо рангу рӯи зард.

Ин ман,
Ҳамон манам,
Истода пеши ҳазратат муҷриму шармсор
Тан дода бар ҷазост.
Дармондае ба пеши ту чун пеши кирдгор
Дар рӯзи бозхост.

Ин ман,
Ҳамон манам,
К-аз рӯи ақли кӯр,
Аз ҷаҳлу аз ғурур,
Аз ҳол то куҷо,
То ибтидои дур
Фанди шиори мардуми бегона хӯрдаам.
Гуфтӣ:
Ба худ биё,
Фармон набурдаам.

Ин ман,
Ҳамон манам,
К-аз хишти ҷаҳли хеш
Кардам бино ба гирди ту девори мазҳабӣ,
Тираравон манам,
К-овехтам чу Маздакат бар дори мазҳабӣ.
Гаҳ дар баҳои ҷон,
Ҷоне баҳои зарраи гарди туро надошт.
Гоҳе барои нон,
Ноне, ки нархи чеҳраи зарди туро надошт,
Бо элаки адӯи ту хоки ту бехтам,
Бо ханҷари адӯи ту хуни ту рехтам,
Инак ман, он манам,
Бегонапарваре,
Бехонаву даре,
Як хокбарсаре,
Истода пеши ҳазратат муҷриму шармсор,
Чун пеши кирдгор
Бо тавбаҳои яъс.

## ҒАРИБАМРО БИЁР

Барфи аввал ….
Барфи тар …
Пораҳои номае аз хоки ғайр,
Аз баҳор,
Аз як ғарибу дарбадар.
Барфи аввал …
Барфи сард …
Аз ҷудоӣ,
Аз баҳори рангзард.
Барфи аввал …
Пораҳои номаҳо,
Номаҳои бе ҷавоб.
Номаи гулғунчаҳои роҳпо,
Шохаи аз кундапайвандаш ҷудо,
Аз ғарибиҳо баҳорамро биёр.
Эй Худо,
Эй Худо,
Эй Худо!

## ИШОРАЕ ДАР ХОБ

Чанд мурда,
Мурдаи дар зиндагӣ номӣ.
Чун хаси афтода дар гирдоб мечархид,
В-ин аҷаб, ки мурда менолид:
Ҳайфи умрам,
Ай дареғи умри барбодам.
Эй Худо,
Хоби киро дидам,
Шаб ба ҳоли зори кӣ дар хоб нолидам?

## ХАЗОНРЕЗ

Охирин барг мепарад аз боғ,
Шишта дар об ҳамчу мурғобӣ.

Охирин тарона мемирад,
Дар лаби хушки ҷӯи мурдобе.

Боғбон меравад ва мегирад,
Аз зимистон қасоси бехобӣ.

Боғ медонаду гаронхобӣ,
Бод медонаду хазонрӯбӣ.

## АШКИ ҲАСРАТ ДАР ЗОДГОҲИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Аз осмони шаҳри ту
Мерехт борон ин саҳар,
Ҳар нахли боронхӯрда буд
Тоҷики гирён ин саҳар.

Чун оби борони хазон
Дар кӯчаҳо сарсон будам.
Гӯри туро, шеъри туро
Аз ёдҳо пурсон будам.

Дар мағзи ҷонам мехалид
Хучхорҳои чашми танг,
Ҳар қатра борон ин саҳар
Дар гарданам мебаст санг.

Тирмизи ту, Тирмизи ман
Аз мо буду аз мо набуд.
Бегона соҳибхона буд,
Соҳибватан бегона буд.

Шеъри ту лабҳои маро
Месӯхт монанди шарар,
Байни найистон навҳа дошт,
Омӯй бо лафзи дигар.

## НИШОНИ ХАЗОН

Чу шудгори заминаш бо ҷабини пур зи чин деҳқон
Таконда доманаш, вақте ки рахт аз кишта мебандад,
Маҳи хасрав[1]
Ба ангушти баҳори мурда вақте ришта мебандад,
Ба завқи сабз
Даме, ки муғҷае дигар намехандад,
Дигар ғунча
Ба чашми тар намехандад.
Даме мурғони гармодӯст,
Гурезавор тарки хонумон карданд,
Ва чун хатти сияҳ зоғон
Чаманро пурфиғон карданд,
Дигар дар боғ
Ниҳоле дар хаёли сабзпӯшӣ нест.
Дигар ҷӯеву ҷӯше нест,
Гуле бо гулфурӯше нест,
Бидон,
Даври хазон омад,
Замони имтиҳон омад.

---

[1] Моҳи хасрав – ғози мизон, торҳои чун тори анкабут, ки ҳангоми хазон дар ҳаво парвоз мекунанд.

## ФАСЛИ РАФТАНИ ТУ

Он фасли рафтани ту,
Фасли хазони ман буд.
Андӯҳи кӯчбандӣ
Дар ошёни ман буд.

Боғи хазонрасида
Ҳоли хароби ман дошт.
Абри азо гирифта
Чашми пуроби ман дошт.

Мезад ба кӯча ҳиккас
Боди забонгирифта.
Чун оҳи сарди ман буд
Сармои ҷонгирифта.

Дигар набуд барге
Дар шохи бахти тарбарг.
Поёни кори дил буд.
Поёни ишқи тармарг.

## ЁДИ ГУМҶӮ

Дида, дида ба раҳи умри дароз
Марди пурдидаи пурмила[1] шудам.
Он қадар сӯхтаву месӯзам,
Ки дигар пайкари обила шудам.
Боз ҳам дар дили пӯшида қуналғ[2]
Ҷои доғи ту ҷудо месӯзад,

[1] Пурмила – касе, ки бисёр дидаву берӯ шуда, маҷозан бешарм.
[2] Қуналғ, қуналғак – пӯст давондани болои захм.

Ишқи покизатар аз домани субҳ,
Ишқи сӯзандатар аз барқ задан,
Ишқи бо содагии бовари тифл,
Ишқи аввал, аввали гум кардан.

## БОЗГАШТИ ЁД

Аз диёри кӯдакӣ вақте ки мерафтам
Бо раҳи хам дар хами ноошнои сабз
Сӯи як фардо,
Рӯ ба як фардои дури дур,
Аз чароғи орзу пурнур,
Сӯи як фардои ғарқи гул,
Зиндагии он қадар аз орзу пур-пур,
Ки дар он як гарди навмедӣ намеғунҷид.
Гарчи медидам,
Намедидам,
К-осмони деҳа гирён буд,
Бод менолид,
Раъд меғуррид,
Барқ мерахшид.
Саддаи танҳои нимахушк
Аз канори роҳ ҳамчун модари пирам
Даст меафшонду меларзид,
Зери борон буд,
Гӯиё як обшори сабзи ларзон буд.

Рӯи боми хонаи лоӣ
Чашми сурхи лолае метофт,
Чашми сурхи лола, ки тар буд,
Балки чашми духтари ҳамсоя буд он лолаи гирён,
Он нигоҳи ҳасратии оташ андар қаър
Сахт сӯзон буд.

Раҳ ба раҳ хоре
Мекашид аз доманам:
Баргард.
Бо забони тез
Санги сангов огаҳам мекард:
Аз раҳат баргард.
Лек раҳ дар пои ман чун мор печон буд,
Зери дандони каҷи ӯ заҳр пинҳон буд,
Заҳри ҳиҷрон буд.

## АЗ СӮХТАИ ДИЛ

Меравӣ?
Бо худ бар
Гарди он хотираро,
Ки чу хокистари як оташи сӯзон монад,
Нагузор
Хасу хошоки баҳоре, ки гузашт,
Таги борон монад.

Меравӣ?
Боз чу рӯҳи гушна
Ту ба хобам надаро дар шаби мадҳушии ман,
Ҳамчу ҳаври ғусса
Ба фиғонам набаро аз лаби хунҷӯшии ман.

Меравӣ?
Рав чу насими гузарон беовоз,
Мон, ки дар барги лабам шабнами борон монад.

Меравӣ?
Мегузарад хоби парешонворӣ
Ғуссаи рафтани ту,
Шевани ман.
Гарчи бисёр дароз
Ларзаи даҳшати ин хоби парешон монад.

## ҶИГАРПОРА

Дастам намерасад, ки барам бар сарат ба меҳр,
То панҷаҳои хушкро дар обшори мӯт.
Аз шохаҳои сумбули домони шаршара
Шодобтар кунам,
Ин дасти хушкро
Дар торнови[1] дидаи боронии шабам
Чун кунда тар кунам.
Оҳ, эй зи дида дур,
Эй нури чашми рафтаи аз дидагони пир,
Акнун суруди ёди туро аз забони дард
Ҳар дам шунида гиряму ҳар шаб зи бар кунам,
Чун ҳофизони кӯр.

## РАҲОӢ

Ҳамчу нур аз қабати шиша заҳидам берун,
То кунам шоми туро нуронӣ,
Банди зиндони туро бишкастам.
Ҳасрати зиндонӣ,
Пару боли ту раҳост,
Пар задан натвонӣ,
Ин даму фурсати парвозраво мегузарад.

[1] Тарнов – борони барфолуд.

Теғи ҷаллоди бало боло буд,
Бар сарат,
Дар назарат
Фурсате нест дигар,
То ба як ташнагии ошиқи дунё дами марг
Дидаи ҳасратие сӯи ҳавасҳо дӯзӣ.
Гуфтамат:
Бош басабр,
Ин ҳама дарду бало мегузарад.

Лолаи сурх ба гулдони пуроб
Дидаи боронӣ,
Шарфаи хушқадаме меояд,
Шарфаи пои саҳар,
Дар шаби зулмонӣ,
Дил, дилам, мешунавӣ,
Ғуссаи мо, ба Худо, мегузарад.

## ШИНОСИ НОШИНОС

Чӣ қадар ту ношиносӣ,
Чӣ қадар ту ошноӣ,
Ту чӣ сон балои ҷонӣ, ки чу дӯст менамоӣ.
Ту ки аҳримантаборӣ,
Ту, ки деву дадқаторӣ
Ба диёри дил чӣ оӣ,
Ба диёри рӯшноӣ.
Ба Худо, ғами сабилӣ, зи ту хиратар надидам,
Ки зи дар биронамат ман, ту зи ғуфра медароӣ.

## БЕ ТУВУ БО ТУ

Дар ин сафар, ки нест
Хоби бароҳате,
Дар ин сафар, ки нест
Ёди фароғате.

Дар ҳар қадам, ки ҳаст
Дарди чу раҳзане,
Дар ҳар қадам, ки ҳаст
Дунёву душманӣ,

Дастам ба дасти ту,
Дастат ба дасти ман,
Ту чун шикастабанд
Дар ҳар шикасти ман.

Дар шаҳри бечароғ
Ишқат чароғи ман,
Ман дар суроғи ту,
Ту дар суроғи ман.

Бе ту ва ишқи ту
Бекастарин манам,
Бе ту ва ишқи ту
Хоки замин манам.

## ХАДРАИ ЁД

Наврӯз боз омаду ёди ту сар кашид,
Чун шохи нав зи хадраи хушкидаи дилам.
Чун оби захми кундаи фартути тути пир,
Зардоб мечакад ҳанӯз аз кундаи дилам.

Омӯхт ҷӯ таронаи ширин зи хандаат,
Duздид гул шукуфтани лабхандаи туро.
Орад ба ёд печиши ҷӯ гирди нахли сабз,
Мӯи ба гирди гарданам печандаи туро.

Дидори ту саодати ду олами ман аст,
Камбахт ошиқам, ба саодат намерасам.
То чанд ҳамчу ханда зи ман мекунӣ гурез,
То кай чу ғам ба хотири шодат намерасам?

## ШУБОН

Само чун курпаи таркӣ ба рӯяш[1],
Замини зери пояш ҳамчу қолин.
Ба рӯи сабза чун дар ҷогаҳи нарм,
Бихобад дастҳоро карда болин.

Чу зад бар хок паҳлу марди чӯпон,
На мӯраш мегазад, не каждуму мор
Бувад чун қалъабони қалъаи кӯҳ
Рама ҳамчун сипоҳу ӯ сипаҳдор.

Ба сар дорад сала чун кӯҳи лола.
Ду чашми торсаш мисли пиёла.
Балои ҷони гургон чӯбдасташ,
Зи дасти ӯ надорад дузд ҳола.

Ба мисли марзбон бедору ҳушёр,
Бувад ҷонбозу сарбозу ватандор.

---

[1] Таркӣ-кӯрроқӣ, кӯрпае, ки аз порчаҳои матоҳои гуногун сохта мешавад.

## ГАҲВОРА ВА ГӮР

Гӯр морест хӯрда, дам карда,
Дар гулӯяш чу луқма гаҳвора.
Ҳамчу арвоҳи ланг саргардон
Подаи дар мазор овора.

Ҳамфиғони ба дарди хомушӣ,
Боди шабзиндадор бедор аст.
Дар сари гоҳвора менолад,
Бод, гӯӣ, ки модари зор аст.

Шохаҳо,
Шохаҳои хушку тар
Қабза, қабза чу мӯ парешонанд.
Абрҳо, абрҳои дилпора,
Бар сари гоҳвора гирёнанд.

Дар сукути фиғони хомӯшӣ,
Дар ғиреви ғамовари ҷинбод.
Модаре боз алла мегӯяд,
Қиссаи зиндагӣ кунад эҷод.

## ХАЁЛИ БОРОНӢ

Осмон субҳу шом азодор аст,
Бар гулу хори пушта менолад,
Бар баҳори шаҳид мегиряд,
Аз дайи баччакушта менолад.

Тупи тундар намешавад хомӯш,
Дар замин ҷангу осмон ҷанг аст.

Беканор аст ин ҷаҳон ин қадр,
Ин қадар,
Ин қадар ҷаҳон танг аст.

## ДУХТАРИ ЗАРКОКУЛ

Духтари лахчачашми Заркокул[1],
Ҷони аз ташнагӣ ба лаб дорам.
Аз лаби ширбӯи ту имшаб,
Бӯсаи қарзиям талаб дорам.

Баъди ин бо гуноҳи ман, ҳайҳот,
Шири деги ту сар нахоҳад рафт.
Рӯи ту меравад агар аз ёд,
Доғи ту аз ҷигар нахоҳад рафт.

## ЗИНДАГӢ ДУРӮЯСТ

Гуфтам ба зиндагӣ:
Ширинӣ ин қадар.
Гуфто, ки талх низ.
Гуфтам:
Ҳаёт медиҳӣ,
Гуфто, ки марг низ.
Гуфтам:
Баҳори мақдамат гул ҳадя мекунад.
Гуфто, ки хор ҳам.
Гуфтам:
Насими мақдамат орад шамими пок.

[1] Заркокул, Саркокул – деҳаест дар Хатлон, ки кӯдакии муаллиф он ҷо гузаштааст.

Гуфто:
Ғубор ҳам.
Гуфтам:
Зи васл мужда деҳ.
Гуфт:
Аз фироқ чӣ?
Гуфтам:
Зи меҳр қисса кун.
Гуфт:
Аз нифоқ чӣ?
Гуфтам, ки ҷабр мекунӣ, ман мепарастамат,
Дар ин чӣ ҳикмат аст?
Гуфто, ки дилбарам,
Аз имтиҳони ошиқон ман завқ мебарам.

## ПӮЗИШ

*Ёде аз Одина Ҳошим*

Дасти бозихунуки шаб, ки расид,
Даффи тиллоии хуршед кафид.
Турнаҳо
Ҳамчунон тори рубоби ту садое доданд
Ва зи ҳам бигсастанд.
Осмон косаи безиҳи рубоб аст, онро
Ҳамчунон бар сари бесоҳиби ту,
Бар сари санги мазори ту зада бишкастанд.
Ва садафҳош парешон гаштанд.
Пеши беғам ғами дилро натавонӣ гуфтан,
Омадам бар сари гӯри ту, ки бо ту гӯям.
Аз ду чашми чашма
Лавҳаи гӯри туро мешӯям.
Ту вале хомӯшӣ,
Ту малолӣ аз ман …

Дар гусели ту набудам он рӯз,
Ки чу тобути шаҳид
Ҷисми зардови ғаматро монданд,
Пои як минбари чун минбари иблис баланд.
Ва чу дар зиндагият
Ту ба пои минбар.
Душману дӯст ҳама дар сари минбар буданд,
Сифатат мекарданд.
Дар забоншон афсӯс,
Гиряҳошон пурфанд,
Дили ториктар аз гӯри сияҳшон хурсанд,
Ки бишуд боз чароғе хомӯш,
Як дили рӯшану бедор бимондаст аз ҷӯш.
Эй дилат оина.
Акаи Одина,
Эй дарунсӯхтаи берунсабз,
Дар гусели ту набудам з-он рӯ,
Ки на бинад ва на сӯзад дигар,
Ин дили хокистар,
Ман ба марги ту надорам бовар.

## БА ЁДИ МОДАРАМ

Ҳамчунон кирми замин мелӯтам
Аз паи рӯзии худ саргардон.
Кас напурсад, ки:
Фалон, ҳолат чист?
Кас нагӯяд, ки чӣ дорӣ армон?
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон.

Як сари қоқи ману ин ҳама дард,
Ту будӣ, дард набуд танҳоӣ.
Ту будӣ, аз алами дунёӣ
Ин қадар ман набудам савдоӣ.
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон.

Покашон нимашабӣ меоям
Бо дили хаставу захми тоза.
Сарду хомӯш ба ман менигарад
Чашми қулфи сияҳи дарвоза.
Мекунам боз дари ғур-ғурӣ,
Мекашад бод дар он хамёза.
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон.

Дур аз рӯи чу шират чашмам
Тифли аз сина ҷудокарда шудаст.
Ашки рӯпуш– ҳиҷоби мижгон
Дур афкандаву бепарда шудаст.
Ғуссаҳои хӯрдам
Дар дилам зарда шудаст,
Ин қадар дер чаро фаҳмидам:
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон!

## НАШӮ, БОРОН

Нашӯ, борон,
Нашӯ аз роҳу рӯ хуни шаҳидонро.
Бимон, к-аз донаҳои хуни ин мардони армонӣ,
Баҳоре, ки биёрад номаву пайғоми озодӣ,
Гули умедҳои нодамида сар кашад бо синаи пурдоғ.

Ки бошад ташнагии ташнагони бенасиб
az бӯсаҳои обдоре,
Бишканад дар чашмаи лабҳои гулбӯе.
Бимон ин нуқтаҳои хун, ки ҳамчун нуқтаҳои сафҳаи
нанвиштаи умри ҷавонмарганд,
Ба рағми ёдҳои кӯтаҳи мардум,
Ба роҳи ворисони некбину оштихӯе, ки меоянд
ҳамчун раҳнамо бошанд,
Мисли шабчароғе, ки кунад рӯшан раҳи
шабмондагонро сӯи як маъвои инсонӣ
Ва як фардои нуронӣ.
Нашӯ, борон,
Нашӯ аз роҳу рӯ хуни шаҳидонро,
Нашӯ ин пошхӯрда оташи дилҳои сӯзонро,
Нашӯ, борон,
Нашӯ, борон,
Нашӯ борон.

## ҚУРБОНИИ ҶАНГ

Тани баҳорвор базебаш шукуфта буд дар хун
Ва лолазори канораш баҳори ҳасрат дошт.
Ду чашм,
Чашми сиёҳаш чу нуқтаҳои суол,
Дареғу чуну чарову ғубори ҳайрат дошт.
Сараш,
Сари ҷавону баландаш, ки дӯш оғӯше,
Аз он, ки бистари ӯ гашта буд, менозид,
Кунун ба хоки сияҳ хуфта буду бо мӯяш
Ба ҷои панҷаи маҳбуб бод мебозид.
Лабаш,
Лаби зи хуни дилаш тар ба лолае мемонд,
Ки гулфурӯши балояш ба риштае баста.
Барои мурдаи бесоҳибаш кафан медӯхт,
Шамоли барфи зимистон ба навҳаи хаста.

## ГУЛИ ОТАШ

*Илҳом аз девони Гулрухсор*

Гуле бо орзуи сабз
Миёни ҷангали оташгирифта бо нумӯи сабз
Рӯида
Забони сурхи оташро
Ба лабханде, ки писхандест, мебандад.

## БИҲИШТӢ

*Ба ёди Пиримқул Satторӣ*

Баъди ҳазор ғам,
Ногоҳ як шабе зи шабони ҳазордард
Дар хоб дидамат,
Чӣ хоб,
Хоби лаҳзаи беёдии мариз.
К-эй дар замона хор
В-эй бар Худо азиз.
Ту дар биҳишт будаӣ ҳамчун шаҳиди пок,
Ман дар диёри дӯзахи бедорфикрҳо.
Беҳуда ҷустамат.
Гуфтам:
Нагуфтамат,
Худро назан дар обу алоб аз барои қавм,
К-ин қавми дӯсткуш,
Ҷамшедро ба арраи Заҳҳок додаст.
Ғамханда дар лабат,
Гул зад[1] ба рӯт ғӯзаки[2] андӯҳи беҷавоб.

---

[1] Гул задан – доғҳое, ки рӯи нони аз хамири норасида ҳангоми пухтан пайдо мешаванд.
[2] Ғӯзак – ҷойҳои дамидаи болои нон, ҳубобчаҳои рӯи об.

Бигзаштӣ аз барам,
Бедорӣ буд,
На хоб

## БОДРЕЗА

*Дар мотами тифли навзод*

Бар чашми рӯз ашки алам парда мекашид,
Дар рӯи рӯз кандагии ранги мурда буд.
Абри хазон ба марқади гулзор мегирист,
Барги хазони гул кафани дузд бурда буд.

Ҳар шох ҳамчу мижаи пурнам зи гиря тар,
Дар ҳой-ҳойи боди хазон шевани дигар.
Таффи замин чу оҳи зани баччамурда сард,
Чашми ҳаво чу дидаи пурғуссаи падар.

Якрӯза тифл хандаи як бахт буд, гузашт,
Чун барқи хонасӯз ба кошонаи умед.
Бар тахтаи сиёҳи сарам зиндагӣ навишт,
Поёни қиссаҳои маро бо гачи сафед.

## ШАББОДИ УМЕД

Чашмҳои нигарони гулҳо,
Ки шаб аз ашк таранд.
Дар сукути ғанабу бедорӣ,
Ба умеди саҳаранд.
Бодҳои раҳгум,
Ки дар ин кӯчаи сарбастаи шаб сарсонанд.
Ба гумон медонанд,
Ки раҳе ҳаст ба гулкӯчаи саҳрои кушод.

Ту ҳам, эй гашта ба ғамхонаи айём асир,
Ту ҳам, эй ғамзада дил.
Як шаб аз роғи дари бастаи ин хонаи танг,
Ҳамчунон шуъла бурун хоҳӣ рафт.
То ба як дурии хушнуди уфуқ,
То ба як ободӣ,
То ба як озодӣ.

## ҒИРЕВ

Аз табассум, ки дар лабе нашкуфт,
Аз нигоҳе, ки сарду сармоист.
Аз дурӯғе, ки ростиро кушт,
Ҳамчу аъроб оташи Зардушт.
Аз умеде, ки дар дили кас нест,
Ман чӣ гӯям?
Нагуфтанам беҳтар.

Аз чароғи хирад, ки куштандаш,
Мурдахобони рӯшанибезор,
Аз суханвар, ки зиндагӣ кардаш
Гушнашине ба гӯшаи бозор,
Ман чӣ гӯям?
Нагуфтанам беҳтар.

Аз замине, ки хоки хунмасташ,
Накунад сабз ҷуз ғами инсон.
Аз диёре, ки ҷомаи шомаш
Нокифояст бар азодорон,
Ман чӣ гӯям?
Нагуфтанам беҳтар.

Бар ту, эй ҳамдиёри душмандор,
Ҳезуми дар алови бегона,
Хонадориву хонаоташзан,
Бандаи бо нажоди шоҳона,
Ман чӣ гӯям?
Нагуфтанам беҳтар,
Дарди бадро нуҳуфтанам беҳтар.

## ХУДСӮЗ

Аз булӯри ашки модарҳо,
Аз булӯре, ки гулаш партофтанд аз хун,
Дар харобистони таърихи ту мехонам
Ҳамчу аз девори тахти Рустаму Ҷамшед:
К-эй ба худ душман,
Душмани худ.
Хеши бегона,
Хонадори ронда аз хона.
Куштаҳои бегуноҳи саҳви ту он қадр бисёранд,
Ки агар як рӯз бархезанд
Дар дунё намеғунҷанд.
Куштаҳои шоҳ чун Ҷамшед,
Куштаҳои мард чун Рустам,
Эй зада дар кӯракистони зимистони замон раҳгум.
Ориёнфарри зи фарри ориён маҳрум,
То ба кай сайдӣ туву саҳроие сайёд.
Хонавайронӣ туву ёбоие обод?
Бар сари болини хобат зор мегирям,
Ҳамчунон бар бистари бемор,
Талх мегирям.
Ҳамчу мотамдор,
Баски мебинам,
Лаҳзае, ки мечашӣ заҳри пушаймонӣ,
Лаҳзае, ки то фалак мепечад афғонат.

Аз миёни шевану фарёди ҷонкоҳи ту меояд
ба гӯши ман,
Хандаҳои заҳрбори душмани ҷонат.
Душмани хапгири бедори зи хоби ғафлатат розӣ,
Кош бозии туро дар саҳнаи таърих бинам боз.
Не ба худсӯзӣ,
Балки худсозӣ.

**БАХШИШ**

*Барои ҷигарбандам Гулрухсор*

Шабон, ки ёди ту аз дида мебарад хобам,
Барои бистари сардам фасона мегӯям.
Хизоб мекунам аз шаб сари сафедамро,
Ба лафзи ту, ки нарафта ҳанӯз шириниш.
Зи гӯши каршуда аз фиғону фарёдам,
Кӯдакона мегӯям,
Ки ман гуноҳ надорам,
Дар ин ҷудоиҳо.
Гуноҳи тақдир аст,
Чу мӯю рӯи ту, ки ташнаи навозиш аст.
Дигар набитвонам ба чашми сар бинам,
Ба мӯйи шаб бубарам дасти ҳасратиямро
Ва дасти кӯтаҳу хушкам зи ашк тар бинам.
Ба нола мегӯям,
Ки ман гуноҳ надорам,
Дар ин ҷудоиҳо.
Гуноҳи тақдир аст
Ва ман чу боғи хазонрасида мехоҳам
Қудуми зиндагари омади баҳоратро.
Зи чакраҳои чакони чароғи кӯча мепурсам
Шабонаҳо дараки чашми интизоратро
Ва менолам:
Худо накушт чаро падари дӯстдоратро?

## БОДИ ҒУРБАТ

Боде, ки мерасад зи раҳи дур, хастааст,
Гарди кадом кӯи ғарибӣ нишастааст.
Бар даври доманаш,
Сабти кадом нолаи ғурбаткашидаест.
Бунгаҳ кашиданаш,
Талхии шеванаш.
Чашми пуроби кӣ зи пасаш об зад даме,
К-оҳанги роҳ кард.
Аз гӯри нолахези кадомин мусофире,
Гӯшаш пуроҳ кард.
Бар китфи бод шохаи пармурчаи[1] гуле,
Тобути хунчакони шаҳиди ғариби кист?
Зистан дар орзуи Ватан қисмати кӣ буд,
Бӯи Ватан шамидану мурдан насиби кист?

## АЗ ХУД БА СӮИ ХУД

Аз зиндагии мурдақаторон гурехтам,
Шаб дар суроғи зиндадиле то канори рӯд.
Дидам,
Ба он, ки чини ҷабинаш фузудааст,
Дарё чу пири тавбашикан беқарор буд,
Мӯи сиёҳи шом парешон ба шонааш.
Хушбӯву мушкранг,
Маҳтоб зери синаи мавҷи тапандааш.
Чун синаи таранг,
Дидам, ки бод сардии пешинаро надошт.

---

[1] Пармуча – пажмурда.

Гӯйи, ки гарм гашта буд имшаб дилаш ба боғ,
Сар монда буд шохае бар китфи шохае.
Чун ёри хушдимоғ …
Дунё басоз буд,
Носоз одамӣ.

## ТАМАНО

Хоҳам, зи пушти шуълаи хуршед як саҳар,
Аз роғи дар дарояму дар бар бигирамат.
Дар ҳолагоҳи роҳатат бо тӯри синаам,
Эй нозанин, ба сурати кафтар бигирамат.

Орам туро ба ҷогаҳи[1] гулдӯзии адир,
Пӯшонамат пираҳани гулдӯзии баҳор.
Ороямат ба зевари ёқути ашки гул,
Нӯшонамат зи косаи гул ҷоми ишқшор.

Пок аст осмони вафо ҳамчун ҳавои кӯҳ,
Ҷонон, ҳавои шаҳр дигар, кӯҳ дигар аст.
Фарзанди кӯҳ гарчи дурушт аст мисли санг,
Монанди Вахш синаи ӯ нурпарвар аст.

## ХОКИСТАРИ ИШҚ

Гарди хокистари сӯзони дил аст,
Бар сару рӯи ман ин мӯи сафед.
То ҳанӯз ақли маро медуздад,
Чашми чун лахчаи тар, рӯи сафед.

Мисли хонандаи бадхӯ, ки кашад,
Расм бар сафҳаи зебои китоб.

---

[1] Ҷогаҳ – ҷои хоб, бистар.

Вақт бигзор ба табъи дили худ,
Бикашад бар рухи ман нақши хароб.

Ишқи ман лек ҷавон хоҳад монд,
То шумо гулбадану хушрӯед.
Куштаи ишқи шумо хоҳам буд,
Зинда аз ишқи шумо хоҳам шуд,
Духтарон, гарчи тағоям гӯед.

## ДАР КӮЧАИ ЁД

Имшаб маро зи кӯчаи ёдат,
Ғамҳо барои худкушӣ бурданд.
Умедҳо чу аскари каммашқ,
Дар ҳамлаҳои аввалин мурданд.

Дар оташи набарди ман месӯхт,
Рӯи ба ашк шустаи маҳтоб.
Бӯ мегирифт хуни ҳавзи дил,
Монанди оби мурдаи мурдоб.

Имшаб садот кардаму печид,
Фарёди ман ба кӯчаи торик.
Аз кӯчаҳои мурда меомад,
Танҳо садои нолаи тоҷик.

## ХОКИСТАРИ ДИЛ

Аз алови дили алавбозам
Мушти хокистари алам мондаст.
Ғамбаророни ман ҳама рафтанд,
Ғамшарикам ҳамин қалам мондаст.

Мурғакони баҳории шавқам,
Бо баҳори ҷавониям рафтанд.
Ошиқони баҳору гул буданд,
Аз канори хазониям рафтанд.

Оташи хонаи диламро кушт,
Чаккаки боми хонаи чашмам.
Тоқҳои ҳамон чакочакҳост,
Кулмаки обхонаи чашмам.

## ГУФТУГӮ БО ҶАВОНӢ

Ин ранги хокии мӯ,
Чангу ғубори роҳ аст.
Шавқи шукуфта чеҳра,
Дар гарди раҳ ниҳон аст.
Оҳ, эй ҷавони саркаш,
Ёди гузаштаи ман.
Бозат намешиносад,
Руҳи шикастаи ман.
Бо хоби ман гузашта,
Парвозҳои хобӣ,
Дил,
Шаҳри ишқобод,
Дигар туву харобӣ.

## САРКОКУЛ

Маҳтоби ту буд косаи зартарбӯз,
Ҳалқи мани дилсӯхтаро тар мекард.
Монандаи сангпушт аз теппаи сабз
Шаб дар назарам ситораро ҷар мекард.

Бо аллаи кабкони ту хобам мебурд,
Дар домани сабзи ту чу дар гаҳвора,
То чорраҳи раҳи калони тақдир
Овард маро пуштаи ту пуштора.

Имрӯз, дареғ,
Дар подачарат ғулғулаи тифлон нест,
Пироҳани сабзи пуштаат чок шуда.
Чун косаи чашми мӯйсафедони ту, ҳайф,
Гулҳавзи пуроби ту пур аз хок шуда.

## БАЁНИ РОЗ

Хандаат хандаи дурахши барқ,
Шабрави гумраҳам, наҷотам деҳ.
Ханҷари ғам ба сина, Суҳробам,
Нӯшдору туӣ, ҳаётам деҳ,

Шохаи охирини умедӣ,
Доманатро дудаста медорам.
Дар харидуфурӯши дунёӣ
Ман ҷамоли туро харидорам.

Кундаи пираму тарохушкам,
Бо ту пайвандаму ҷавон гардам.
Ҷуз Худо гарчи ҷовидоне нест,
Бӯсае бахш, ҷовидон гардам.

## ПИҲИЛБОДӢ[1]

Ба ғазо омадааст имшаб боз,
Хунбаҳо металабад аз мани пир.
Ишқи дар хомдилӣ куштаи ман,
Ишқи як умр зи ман домангир.

Ёди ҳар кардаву нокарда ба хайр,
Доғи ҳар дидаву нодида ба дил.
Аз Худо металабам дар дами марг,
Ки кунад ишқ маро, кош, пиҳил.

## ХАТОИ ДИЛ

Дар лаби гарми орзӯҳоям,
Дӯш номат таронаи ман буд.
Зиндагиям фасонаро мемонд,
Ишқи ту чун фасонаи ман буд.

Доманат ҷонамози покам буд,
Ман ба ишқат намоз мебурдам.
Сояатро туфов[2] мекардам,
Бар ту рӯи ниёз мебурдам.

Шаб ба гӯши ситора мегуфтам:
Эй ҷилои нигоҳи афлокӣ,
Чун дили дӯстдори ман софӣ,
Чун нигоҳи азизи ман покӣ.

---

[1] Пиҳилбодӣ – талаби бахшишу узрхоҳӣ аз бемори барҷомонда.
[2] Туфов – пою қадами касеро бӯса задан, касеро иззату ҳурмати аз ҳад зиёд кардан.

Мурғи навболи орзӯямро
Чун гулистон будӣ, Ватан будӣ,
Ба Худо, он Худо, ки ҳастам кард,
Маънии зиндагии ман будӣ.

Ҳарчи пиндоштам, хатое буд.
Ҳарчи гуфтам, хилофи он ҳастӣ,
Ишқи ту ҳамчунон шароби бад,
Дарди сар шуд, гузашт чун мастӣ.

## ЗИНДАГӢ

Бечоравор нола накун пеши зиндагӣ,
К-он ҳеҷ вақт гӯш ба афғон намедиҳад.
Чун шахсавор[1] хезу ба зӯраш савор шав,
Ин аспи маст тан ба заифон намедиҳад.

Ёлаш ба дасту панҷаи мардӣ бигир сахт,
Андар рикоби зарҳалии ӯ дарор по.
Гардон сараш ба ҷониби саҳрои орзӯ,
Дилро бидор маҳкаму сар деҳ лаҷомро.

Оҷиз нашав, ки зиндагиро хуш наояд ин,
Ту мард бош, зиндагӣ худ мардпарвар аст.
Дилхун нашав зи савлати каргаснасибаҳо,
З-он фахр кун, ки рӯзии уқоб камтар аст.

[1] Шахсавор – сахтсавор, касе, ки болои зин устувор меистад.

## РОЗГӮЙ

Дил, мекунӣ девонагӣ,
Бадном ман бошам чу май.
Ту шӯрапуштӣ то ба чанд?
Ман шӯрдоман то ба кай?

Тифлӣ, алавбозӣ кунӣ,
Тарсам, ки сӯзӣ чун чароғ.
Тарсам, ки хомӯшат кунанд,
Монад зи ту дуди димоғ.

Оташпарастӣ мекунӣ,
То кай дили оташпараст?
Гардад ба пирӣ дардманд,
Ҷое, ки дар тифлӣ шикаст.

## НОЛАИ ХАЁЛ

Садои гиряи борони шаб ҳамово буд,
Ба оҳу вои дарахтони ҳамчу ман бемор.
Ба симчӯби баланди кӯча ҷон меканд,
Чароғи барқ чу рӯшандиле, ки бар сари дор.

Умеди ҷангзада аз диёри тиру хун,
Гурезавор худашро ба шаҳри ғам мезад,
Ва боди сарди дареғе, ки аз дилам мехест,
Даричаҳои хаёли маро ба ҳам мезад.

Ки рафт умр дар ин ғусса, ки намедонам.
Китоби қисмати ин қабиларо то кай,
Ба хуни ёру бародар навишта мехонам.

## ҒУРБАТЗАДА

Бод чун бемор мекулхад[1],
Дар сукути дилгирифти як шаби тира,
Қад-қади раҳ.
Ларза дар ҷон хира месӯзад,
Кулмаке монанди як фонуси хира.
Туку туку туку туку тук,
Мезанад бар шишаи тирезаҳо ангушт.
Чашмтар борон
Гӯиё шабмонда як марди мусофирест.
Хаставу гумраҳ
Сарпанаҳ меҷӯяд аз дарҳои бегона.
То шабе шабро кунад шабгаҳ[2],
Ҳамдиёрони зи ҷаври давр сарсону ғарибн ман,
Шояд ин соат шумо ҳам мисли ин борон
Ҳар дари бегонаро беҳуда мекӯбед,
Ашк дар мижгон.

## ТУ ВА МАН

Даруни синаи ман ҳавзи зардоб,
Даруни синаи ту ҷӯши чашма.
Зимистонам, хазонам, сарду зардам,
Ту ҷӯши навбаҳориву карашма.

Туро аз раҳ занад хуни ҷавонӣ:
Гунаҳ кун, бегунаҳ ғайри Худо нест,
Маро дорад нигаҳ дасти таҳаммул,
Ки дигар фурсати саҳву хато нест.

---

[1] Кулхидан – сулфаи канда-кандаи доимӣ, ки ба беморони сил бештар хос аст.
[2] Шабро шабгаҳ кардан – шабро ҷое рӯз кардан.

Чунин нозук, чунин зебо, чунин хуб
Туро модар барои ғам назодаст.
Куҷо бо ман кашӣ бори ғами ман,
Худо сабри маро бар ту надодаст.

## БИПУРС

Боди хазон мевазад аз чор сӯ,
Булбули ошиқ, гули хорат чӣ шуд?
Мурғи дилам, созу навоят куҷост?
Боғи ҷавоним, баҳорат чӣ шуд?

Барги хазонкушта, чӣ часпӣ ба шох?
Ҷой тиҳӣ кун, ки замонат гузашт.
Бод чу найзасту хазон найзазан,
Найзаи сард аз дилу ҷонат гузашт.

Сабза, чу сар мекашӣ аз хоку хун,
Ҳоли хасу хори хазонро бипурс.
Турки хазон Балхи чаманро гирифт,
Рустами Ял, Зобулистонро бипурс.

## ШИКОРГАР

Коре, ки ба як назар ту кардӣ,
Сад кас накунад ба саъи бисёр.
Сайде, ки ба як нигаҳ фикандӣ,
Бар доми касе нашуд гирифтор.

Мурғе, ки фикандаӣ ба тире,
Аз авҷи фалак ба тирахокаш.
Болоназареву сахтсар буд,
Аз тири қазо набуд бокаш.

Эй гашта ба сайди ҷону дилҳо,
Бартар зи камонварони моҳир.
Донам, ба шикор омадӣ боз,
Нахчир манам, бизан, бизан тир.

## ЁД ДОРӢ

Ёд дорӣ?
Ошиқии мову ту
Чун дили мо пок буду сода буд,
Ишқи мо навмайса буд,
Навғунча буд, нашкуфта буд,
Роз буд, ногуфта буд, афсона шуд.
Ёд дорӣ?
Ҳо ҳамон рӯзи баҳор,
Аз шарикдарсони худ бигрехтем.
Рӯи сабза, рӯи гул, болои хор,
Чун гулу шабнам ба ҳам омехтем.
Умр рафту орзуҳо ёд шуд,
Ёди он афсона гирёнам кунад.
Бӯсаи он дам зи ту настондаам,
Чун нигоҳат таънаборонам кунад.

## ХИҶОЛАТИ БАҲОР

Бо як нигоҳи гарм зимистон баҳор кард,
Афрӯхт рӯ ба шарм, ки шарманда шуд баҳор.
Аз сар гирифт чодару шаб буд, рӯз шуд,
Хандид нарм-нарм, ки пурханда шуд баҳор.
Омӯхт расми ноз хиромаш насимро,
Зебо чунон шукуфт, ки зебанда шуд баҳор.
Шуд санг об дар дили санг аз такаллумаш,
Озод буд ҳамчу ману банда шуд баҳор.
Зад тори дилхароши муҳаббат ба чанги зулф,
Мастона кард ишваю рақсанда шуд баҳор.

## БУХОРИ ЁД

Боз бӯи баҳор меояд,
Боз ҷуду бухор мехезад.
Подаи ёдҳом баргашта,
Пушти пода ғубор мехезад.

Аз дилам боз дарди ширине,
Медавад мисли хун ба рагҳоям.
Гӯиё, то дилам фурӯ рафта,
Хорҳои халида дар поям.

Боз борони реза меборад,
Бар талу пуштаҳои кӯҳистон.
Кӯдакиро ба ёд меорад,
Шӯхии боду бозии борон.

## ҒАРИБ

Чашмони хунчаконаш,
Ангушти навбурида.
Рӯи бачину мӯяш,
Чун кишти навчарида.

Дуди дили кабобаш,
Дуде, ки хезад аз коҳ.
Бӯи Ватан биҷӯяд,
Аз боду мекашад оҳ.

Ҳар рӯзро кунад кӯр,
Бо хаткашии девор.
Девори хаткашидаст,
Хатти лабони хуншор.

Чун дар даҳони мор аст,
Пурсӯз ҷисму ҷонаш.
Савганди ҳасрати ӯст,
Ин ҳарф дар забонаш:

Мурғи қафас бидонад,
Қадри чаман чӣ бошад.
Дур аз Ватан бидонад,
Ҳаҷри Ватан чӣ бошад.

## ХАНДА КУН

Орзӯям,
Ормонам.
Кӯдаки ширинзабонам,
Ханда кун.
Ханда кун, то бахти ман хандон шавад,
Ханда кун, то зиндагӣ осон шавад.
Хандаат дарди маро дармон шавад,
Ханда кун, аз хандаат овози ман
Бишнавад даврони оташбози ман,
Пар бизан, эй чӯҷаи шаҳбози ман.
Эй ту ҳам анҷому ҳам оғози ман,
Ханда кун,
Ханда кун,
Ханда кун.

## НОМАИ ҒУРБАТ

Манам он пиркулоли ранҷур,
Ки ба сӯзу аламу ғуссаи дил,
Бикунад нусхаи дардаш тасвир,
Ба яке пораи гил.

Манам он раъд, ки ашкаш резон,
Лабаш аз буғзи дарун пурфарёд.
Ғазали зарди хазонияшро,
Бикунад пушта ба пушта эҷод.

Ба гули тар, ки ба рӯи гулчин,
Ба маломат хандад.
Ба шаху шӯх, ки ҳамчун сарбоз,
Раҳи бадхоҳи туро мебандад.

Ба дами найзаи хори ту қасам,
Ба наму ҷуту бухори ту қасам.
Ба канори сабзат,
Ба баҳори ту қасам.

Ватани чашманисорам, имрӯз,
Дамани синахаробам бе ту.
Чамани ташнаи обам, хушкам,
Гули саҳрои кабобам бе ту.

## УМЕД

То қалам роздони ман бошад,
Ҳамзабони фиғони ман бошад.
Тарҷумони забони фарёдам,
Ровии сӯзи ҷони ман бошад,
Бенишон аз ҷаҳон нахоҳам рафт,
Ҳамчу тир аз камон нахоҳам рафт.

Ишқи ту то чароғи дил бошад,
Ёди ту дар суроғи дил бошад.
Чун хироми насими наврӯзӣ,
Сайргоҳи ту боғи дил бошад,
Бенишон аз ҷаҳон нахоҳам рафт,
Ҳамчу тир аз камон нахоҳам рафт.

То дар ин олами суханбезор,
Одаме ҳаст бар сухан ошиқ.
То дар ин олами хиёнаткор,
Ошиқе ҳаст мисли ман содиқ,
Бенишон аз чаҳон нахоҳам рафт,
Ҳамчу тир аз камон нахоҳам рафт.

То ғаме ҳаст, оҳи сарде ҳаст,
То диле ҳасту доғу дарде ҳаст,
Рӯ ба рӯ бо сипоҳи навмедӣ,
Як фидоии шермарде ҳаст,
Аз ҷаҳон бенишон нахоҳам рафт,
Ҳамчу тир аз камон нахоҳам рафт.

## ЯК ХУРӮҶИ ЯЪС

Бар омади бахт бастам умед,
Аз бахт вале хабар наёмад.

Чун шамъ тамоми шаб тапидам,
Бо ёди саҳар, саҳар наёмад.

Ҳайфи дари бозмондаи дил,
Як муждаи саргузар наёмад.

Хуршед куҷо шуду шафақ кӯ?
Як гом қариби дар наёмад.

Ҷон дар лаби чашми дар раҳи марг,
Ин марги халосгар наёмад.

## БАС, ДИГАР БАС

Бас,
Дигар бечораҳолӣ бас,
Бас,
Дигар бечораnолӣ бас,
Пеши душман мустамандӣ бас.
Ин ҷаҳон, ки лонаи гург аст,
Гӯсфандӣ бас.
Эй қаламбардаст,
Лоақал тезинае бояд бигирӣ.
Гар бимирӣ,
Ҳамчу Бобак,
Мисли як Чӯбинае бояд бимирӣ.
Бас,
Дигар бечораҳолӣ бас,
Бас,
Дигар бечораnолӣ бас.

## БИДЕҲ ҶОМИ ДИГАР

Соқӣ,
Бидеҳ ҷоми дигар,
Як ҷоми гулфоми дигар.
Оғоз кун анҷомро,
Мутриб, ба илҳоми дигар.
Ин шаб ба поён мерасад,
Ин базм мегардад хамӯш.
Ин дег мемонад зи ҷӯш.
Дунё тараббарҳамзан аст,
Эй ҳамдилони боданӯш,
Ин шаб ба поён мерасад.

З-он пеш ҷинбоди ҳаёт,
Моро кунад чун гард бод.
Соқӣ,
Қадаҳ лабрез кун.
Ровӣ,
Бигӯ як нӯшбод.
Ин шаб ба поён мерасад.

## ОҲАНГАРЕ ДОРАД

Ғуруби офтоби Шарқ,
Тулӯи дигаре дорад.
Суқути фарри ҷамшедӣ,
Фаридунофаре дорад.
Ало, эй морбардушон,
Ватан оҳангаре дорад.

## ВИДО

Вақти рафтан шуд,
Намехохад дилам
Сард кардан бистари гарми туро,
Рафтану дигар надидан шаб ба хоб
Бӯсабахшиҳои бошарми туро.
Соатат дил мезанад,
Дил мезанад,
Дил мезанад,
Медавад аз пушти вақти даргурез.
Бӯсаи пасмондаи шабро бидеҳ,
Бодаи пасмондаи шабро бирез.
Вақти рафтан шуд,
Намехоҳад дилам,
Шишаи холии фурсатро шикан.

## ШЕЪРРО ХОР МАКУН

Бартар аз мартабаи шоир чист?
Бартар аз мартабаи шоир нест.
Вақти илҳом, ки чун ваҳйи илоҳӣ бошад,
Ба рисолат бирасад шоиру доҳӣ бошад.
Ҳарфи ӯ ҳарфи Худост,
Умри ӯ сарфи Худост.
Шеърро хор макун,
Шеърро колаи бозор макун.

Шоир он аст, ки ҳамчун хуршед,
Сӯзаду рӯз кунад шабҳоро.
Сатри шеъраш чу хати нургузар,
Бидиҳад нур дилу дунёро.
Шеърро хор макун,
Шеърро колаи бозор макун.

Дафтари шеър дирафше бошад,
Ки шукӯҳе бидиҳад майдонро.
Шоир он марди аламбардорест,
Ки барад сӯи зафар мардонро,
Шеърро хор макун,
Шеърро колаи бозор макун.

Эй зада ҳалқа ба ҳар пушти даре,
Устухоне бирасад то зи касат.
Эй шуда шоирӣ аз ту бадном,
Суфраи шеър ҳаром аз нафасат,
Шеърро хор макун,
Шеърро колаи бозор макун.

## ОФТОБНИҲОЛ

Дар рӯи ту об мешавад барф,
Обе зи алоб мешавад барф.

Бар мӯи сиёҳи ту бирезад,
Шохоби Сиёб мешавад барф.

Аз чашми хуморият бибӯсад,
Як масти хароб мешавад барф.

Дар печиши доманат бупечад,
Дар рақс батоб мешавад барф.

Аз чарх ба хок мефарояд,
Дар пои ту хоб мешавад барф.

## ОХИРИН ГУНОҲ

Охирин бор ошиқона месӯзам,
Охирин бор мешавам қурбон.

Ман ба риши замона механдам,
Ҳамчу ҳезум дар оташи гирён.

Охирин бор аланга мегирам,
Аз дарун ба сурати вулқон.

Бодаи шоирона менӯшам,
Бори охир намебарам фармон.

Бори охир, Худо, фақат ин бор,
Ҳамчу Хайём мекунам исён.

## ЯК ШАБИ ЗИМИСТОН

Шаб чун дили фусурда,
Маҳ ҷоми нимахӯрда.
Ними нафас надорад
Шаббодаи чу мурда.

Ях баста ашки шакнам
Дар дидаи гулистон,
Шаб…
Як шаби зимистон.

## ХОНАИ РАҲИ СЕЛ

Дар селраҳа сохт қазо хонаи моро,
Обод кӣ созад дили вайронаи моро.

Ҳар бод, ки аз фитнаи тӯфони бало хест,
Кардаст нишон гулшану кошонаи моро.

Барҳам назанад оташи гирёни бухорӣ,
Таблarзаи ларзиши зимистонаи моро.

Беҳ он ки ба ҳар кас дари эҳсон накушоем,
Эҳсон накунад хеш чу бегонаи моро.

Ин қадр ғамангез навиштаст қаламкаш,
Анҷоми ҳама қиссаву афсонаи моро.

Дар оташи кунди аламi қавм чу пухтем,
Кай хоки лаҳад сабз кунад донаи моро.

## ХӮИ ТИФЛӢ

Ба пирӣ кӯчатозӣ мекунад дил,
Чу кӯдак хонасозӣ мекунад дил.
Ба худ чун бо шарики бозии хеш,
Ҳанӯзам ҷангбозӣ мекунад дил.

## БАҲОР

Гарм шуд боз дили сарди ҳаво,
З-оташафрӯзии чақдони баҳор.
Дашт бедор шуду хомохоб,
Мемакад шир зи пистони баҳор.
Пурситораст замин ё ки фалак,
Гул шукуфтаст?
На,
чашмони баҳор.
Сари бемӯи талу пуштаву кӯҳ,
Мӯ баровард ба дармони баҳор.
Хони холии гадо буд талу дашт,
Пур шуд аз неъмати эҳсони баҳор.

## ХОБИ ЗИМИСТОНӢ

Охири кори бухор сарсонист,
Ҳосили умри абр гирёнист.

Хору зорист аз Ватан дурӣ,
Ҷои мардум барои меҳмонист.

Сарв озод дар канори ҷӯст,
Гул ба гулдони хона зиндонист.

Бо баҳори диёр бояд руст,
Бо баҳори диёр бояд зист.

Дар суроғи баҳор бояд буд,
Ин қадар хоби мо зимистонист.

## ХУШ БОШ

Мон ин гапи дунёро,
Бо ман бинишин,
Хуш бош.

Аз равзанаи зулмат
Як шуъла бубин,
Хуш бош.

Аз сарвати дунёӣ,
Гар боғ насибат нест,
Як ғураи гулрезе аз роҳ бичин,
Хуш бош.

Аз буду набуд кам гӯ,
Аз ношуду шуд кам нол.
Бикшо гираҳи абрӯ,
Эй чин ба ҷабин,
Хуш бош.

Фардо чу расад навбат
Дар зери замин бошӣ,
Имрӯз, ки мегардӣ
Дар рӯи замин,
Хуш бош.

Ин умри ду-се рӯза кирои кашокаш нест,
Ин қадр нашӯр, эй дил,
Эй ҷони ҳазин,
Хуш бош.

## МОРО ЧӢ ШУД?

Мо ба ҳам ноҷӯру душман ҷӯр шуд бар касди мо,
Мо чунин камзӯру душман зӯр шуд бар қасди мо.
Ҳамдиёри офтобему чунин зулматпараст,
Аҳриман шоҳи диёри нур шуд бар қасди мо.
Эй Худо,
Моро чӣ шуд?

Мӯҳраи гаҳвора бошад бозии мавҷуди мо,
Пӯпаки гаҳвора бинад чашми хоболуди мо.
Оҳ, аз ин ақли лаванду вой аз ин саъи заиф,
Душмани бедору зирак дар паи нобуди мо.
Эй Худо,
Моро чӣ шуд?

Пастшинро садршини тахту минбар сохтем,
Қотилонро ҳазрату шоҳу паямбар сохтем.
Аз низои мазҳабу куфру мусулмонии худ,
Хасмро бо тоҷу фар, худро қаландар сохтем.
Эй Худо,
Моро чӣ шуд?
Эй Худо,
Моро чӣ шуд?

## БИХЕЗ АЗ ХОБ

Аз ғусса дилат зардоб,
Эй хурда ҳазорон тоб.
Чун хас ба кафи гирдоб.
Эй ҳамватани афтоб,
Эй Шарқ, бихез аз хоб.

Дунё ҳама шӯру ҷанг,
З-ифритии ин афранг.
Дасти ту ба зери санг,
Бардор дирафши нанг.
Эй ҳамватани афтоб,
Эй Шарқ, бихез аз хоб.

Афранг Самак бигрифт,
Афранг фалак бигрифт.
Авранги малак бигрифт.
Эй ҳамватани афтоб,
Эй Шарқ, бихез аз хоб.

Умеди ту ғарбӣ шуд,
Ҳар иди ту ғарбӣ шуд.
Хуршеди ту ғарбӣ шуд ,
Эй ҳамватани афтоб.
Эй Шарқ, бихез аз хоб.

## ПИНАКИ АҶАМ

Як шаб гузашту ғам не,
Борон гузашту нам не.

Як субҳи хушпай омад,
Он ёри хушқадам не.

Ғам бо гузаштани умр,
Зам мешавад, ки кам не.

Ҳар нақш мешавад кӯр,
Нақши паи қалам не.

Дунё ҳама дигар шуд,
Ин пинаки Аҷам не.

## БИХОҲАМАТ БОЗ

Наврӯзқадам, қадам чу наврӯз,
Савти қадамат чакомаомӯз.

Фарре, ки зи рӯи ту битобад,
Шабҳои ҷудоиро кунад рӯз.

Эй ғамзабанози ғамзаэъҷоз,
Дар парда зи чашми ғайр чун роз.

Сад бор бубинамат хиромон,
Сад бори дигар бихоҳамат боз.

## ХУРУҶЕ ДАР ХАЗОН

Ҳанӯз дар тани гарми ҳаво ҳаёте ҳаст.
Чу дасту пои маит бодҳо вале сарданд.

Баҳор мурдаву мурда мурдаи тоза-ст,
Валек аз чи сабаб боғҳо кафанзарданд?

Баҳор мурдаву мурда мурдаи талх аст,
Чаро ба гиряи талх осмон намегиряд?

Чаро чу шишаи дил раъдҳо наметарканд?
Ба марги куштаи худ ин хазон намегиряд?

## ЗИЁРАТИ МАЗОРИ ДӮСТИ ҶАВОНМАРГАМ

*Ҳабибуллои Файзулло*

Садои бунгаи маҳзуни шаббода,
Ҳавои субҳ, бӯи хоки нам дорад.
Хасу хори мазори Хоҷа Ансорӣ,
Чу ман дар сина ғам дорад.
Сари гӯри ту хомӯшист,
Чи хомӯшӣ.
Ки хомӯшӣ фиғон дорад,
Алам дорад.

## ДАРАХТИ САБЗ БОЯД БУД

(*Барои писарам Ҳурмуз*)

Аё фарзанд,
Медонӣ, ки мехоҳам чӣ сон бошӣ?
Дарахти сабз бояд буд,
Сарат дар офтобу соябони дигарон бошӣ.

## АЙ ҲАМВАТАН

Бӯям агар, суман тӯӣ,
Хорам агар, чаман тӯӣ.
Ҷонӣ агар, чу тан манам,
Ҷонам агар, чу тан тӯӣ.
Дарди замона мекашам,
Дарди замона мекашӣ.
Чораи дарди ту манам,
Чораи дарди ман тӯӣ…
Ғуссаи мо табақ, табақ,
Қиссаи мо варақ, варақ.

Ғуссашарики ту манам,
Ғуссашарики ман тӯӣ.
Аз сари манманӣ гузар,
Кинаву душманӣ гузар.
Обрави Ватан манам,
Обрави Ватан тӯӣ.

## БАРОДАРИ МАН

*Ба бародарам Валимуҳаммад*

Эй сояи давлати сари ман,
Маҳбуби ба ҷон баробари ман,
Шаҳболам агар, ту шаҳпари ман,
Пушту қанатам, бародари ман.

Дидори ту чашми рӯшани ман,
Меҳри ту баҳору гулшани ман,
Эй маънии зинда будани ман,
Пушту қанатам, бародари ман.

Бе ту чӣ бувад ҳаёт?
Гарде,
Бе ту чӣ бувад нишот?
Дарде,
Эй қуввати дил ба гарму сардӣ,
Пушту қанатам, бародари ман.

То ҳаст ҷаҳон, Худо, ту бошӣ,
Бо бахти ҷавон, Худо, ту бошӣ,
Доим дар амон , Худо, ту бошӣ,
Эй сояи давлати сари ман,
Пушту қанатам, бародари ман.

## ВАҲДАТ

Гашт рӯшан гӯиё чашмони кӯҳ,
Чашма шуд тавлид аз домони кӯҳ.
Поку тоза ҳамчунон ризқи ҳалол,
Ҳамчу чашми бегунаҳ поку зулол.
Чашмаи чун тифл шӯху беқарор,
Чашмаи гирёну хандон тифлвор.
Дар сукути кӯҳ чун овои нав,
Дар ҷаҳони куҳна чун дунёи нав.
Доманаш покиза аз гарду ғубор,
Соғари саршори айши рӯзгор.
Дар канори сабзи модар метапид,
Ҳамчу тифли шӯху бесар медавид.
Бо давидан, бо тапидан ҷон гирифт,
Нотавон буд, қуввату дармон гирифт.
Ишқи дарё дар дилаш чун ҷо гирифт,
Ҳамчу Маҷнун роҳ бар саҳро гирифт.
Чашма буд, мехост, дарёе шавад,
Зарра буд, мехост, дунёе шавад.
( Ҳаркиро чун чашма бошад азми сахт,
Бар муроди дил расад бар тахту бахт).
Мисли дарё хост бошад зӯрманд,
Барканад аз роҳи худ ҳар садду банд.
Ташнагии ташнагонро бишканад,
Хастагии хастаҷонро бишканад.
Даштҳои мурдаро чун ҷон шавад,
Бар дили бирёнашон дармон шавад.
Ҷон бубахшад бар тани ҳар шӯразор,
Реги сӯзонро кунад хуррамбаҳор.
( Ҳайфи умре сарф бар хобе шавад,
Чашма монд аз ҷӯш, мурдобе шавад.)

Дар либоси сабза тобад сабзгун,
Дар раги ҳар нахл ҷӯшад ранги хун.
Роҳ аммо аз миёни санг буд,
Аз чару ҷӯ, зовҳои танг буд.
Бандҳо мехӯрд дар роҳи сафар,
Ранҷҳо мебурд дар роҳи сафар.
Гаҳ ба по, гоҳе ба сар мекофт роҳ,
Аз ҳисори кӯҳу чар мекофт роҳ.
(Зиндагӣ як умр сарсонӣ будаст,
Зиндагӣ деворгардонӣ будаст.)
Хаставу беҳол аз шебу фароз,
Монда аз пову пар аз роҳи дароз,
Тӯдаи партоб роҳашро бубаст,
Шамбару чиркоб роҳашро бубаст.
Дасту по зад, дасту пояш во нашуд,
Пок мондан бо сари танҳо нашуд.
Домани покаш ба чирк олуда шуд,
Шишаи табъаш сияҳ аз дуда шуд.
Дид чун ҳоли гирифтории худ,
Чашмаҳоро хонд бар ёрии худ.
Чашмаҳо фарзандҳои кӯҳсор,
Зодагони обу хоки як диёр,
Омаданд аз ҳар тараф якҷо шуданд,
Чашмаҳо якҷо шуда, дарё шуданд.
Чашмаҳо, ки ҳастии дарёстанд,
Нотавон бошанд, то танҳостанд.
Чашмаҳо якҷоя дарё мешаванд,
Чашмаҳо бо ҳам тавоно мешаванд.
Дар ҷаҳони пурбалову пурфасод
Чораву роҳи наҷот аст иттиҳод.
Қавми беваҳдат парешон мешавад,
Мушкилӣ аз ваҳдат осон мешавад.

## ТУ ҲАМОН ҲАСТӢ, КИ БУДӢ

Рӯзгоре пушти сар шуд,
Рӯзҳое беасар шуд,
Будаҳо нобуд гаштанд,
Зиндагӣ рӯи дигар шуд.
Аз баҳорон хору хас монд,
Мурғи дил мурду қафас монд,
Лонаи хаспӯши қумрӣ
Дар сари шохи ҳавас монд,
Лек дар ёди ману дил
Гулфишон будиву мондӣ.

## ГАҲ ИНУ ГАҲ ОНАМ

Бо хазон намесозам,
Бо хазон намеҷангам.
Як нафас баҳороин,
Як нафас хазонрангам.
Бо ҳама гаҳе ҳамдам,
Бо худам гаҳе қаҳрӣ.
Лаҳзае баимонам,
Лаҳзае манам даҳрӣ.
Дар дилам гаҳе вулқон,
Дар лабам ғамам гирён.
Нимае малакворам,
Нимаи дигар шайтон.
Кофарам, мусулмонам,
Бодиям, хокиям, як инсонам.

## ЯК ЛАҲЗА

Қаламам аз по зад,
Аламам сангин аст.
Бефараҳ илҳомам
Сари дар болин аст.
Дасти завқам хуншор,
Дафтарам рангин аст.
Зиндагӣ вазнин аст,
Ин қадар ширин аст.

## НИЯТИ ТАВБА

Охирин ҷом,
Охирин мастӣ,
Охирин саркашиву сарпастӣ,
Охирин бор даъвии ҳастӣ,
Охирин набурдани фармон,
Охирин исён.

Охирин ҷом…
Охирин падруд,
Охирин хезаи сабукболӣ.
Баъди ин соғар
Зиндагӣ чист?
Шишаи холӣ,
К-охирин  хунаш
Аз гулӯи бурида мерезад,
В-аз замини сард
Ҳавр мехезад,
Ҳаври хуни гарм.

## НОМАИ БЕСУРОҒА

Гаштӣ шабе кабутар,
Рафтӣ зи ман сари пар.
Кардӣ маро қаландар.

Аз сангпар гузаштам,
Аз хушку тар гузаштам,
Аз кӯҳу ҷар гузаштам.

Сӯзан шудаст асоям,
Ғалбер кафши поям,
Ёди ту раҳнамоям.

Пурсам зи офтобат,
Аз боду хоку обат,
Куштим дар азобат.

Эй камнамо, кучоӣ,
То кай наменамоӣ,
Фарёд аз ин ҷудоӣ.

## ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ афтодану нашкастан аст,
Зиндагӣ пайвастаро нагсастан аст.
Зиндагӣ дом аст агар, домафган аст,
Кабки зирак будан асту растан аст.

Зиндагӣ деҳқону мо чун дони хом,
Бар заминмон афганад хандон шавем.
Зиндагӣ бод асту мо барги хазон,
Барканад морову саргардон шавем.

Зиндагӣ ҷодуву ҳам ҷодугар аст,
Гоҳ гармӣ, гоҳ сардӣ мекунад.
Зиндагӣ номард бо номардҳост,
Зиндагӣ бо мард мардӣ мекунад.

## АГАР

Дар уфуқи зиндагонӣ
Гар дурахши ахтаре нест,
Шаброви гумкардароҳем,
Гар чароғи раҳбаре нест,
Зиндагӣ маъно надорад.

Бе шуои орзуе,
Бе хатое, ҷустуҷӯе,
Бе фитодан, ношикастан,
Бе хазоне, бенумӯе
Зиндагӣ маъно надорад.

## НАМЕНОЛАМ

Дигар аз ғам наменолам,
Зи бешу кам наменолам,
Зи печу хам наменолам,
Зи ноодам наменолам.

Мани дарвеш механдам,
Мани дилреш механдам,
Ба ҳоли хеш механдам,
Чу ношодам, наменолам.

Ҳамоқатро намебинам,
Ҷаҳолатро намебинам,
Хиёнатро намебинам,
Зи ноодам наменолам.

Ману дигар забонбозӣ,
Ману дигар замонсозӣ,
Замону ман зи ҳам розӣ,
Аз ин мотам наменолам.

## АЗМ

Ман пӯстро кафонда чун мағз мешавам сабз,
Гар дар пучоқи писта тақдир кард ҷоям.
Чун сабзаи сари раҳ гар кард қирпӯшам,
Ман ошиқи ҳаётам, аз санг мебароям.

## БОЯД КИ ЗИСТ, ЗИСТ

Бояд чу сабза руст
Аз байни сангу сахраву саҳрои дилкабоб,
Бояд, ки қад кашид
Ҳамчун дарахт дар ҳаваси рӯи офтоб.
Бояд, ки чашма буд,
Бояд шикаст шуҳрати сахтии сангро,
Бояд гузашт дағ-дағаи зови тангро.
Эй, ки чу оби ҳавз
Бо мурдареги монеаҳо хӯ гирифтаӣ,
Эй монда аз тапиш
Дар ҷомахоби ғӯкии худ бӯ гирифтаӣ,
Чун дар талош маънии ҳастии зиндагист,
Бояд, ки зист,
Зист.

## ШАБИ ЯХҶӮШӢ

Хонаам сард,
Дилам сард,
Ҳама яхбандӣ,
Ҳезуме нест, ки гармаш созад.
Зиндагӣ сахт,
Алам сахт,
Дилам оҳани сард,
Оташе нест, ки нармаш созад.
Шаб сияҳ,
Хона сияҳ,
Парда сияҳ,
Чашми умеди шабам рӯшан нест.
Ин қадар кӯчаи ғам торик аст,
Ин шаби тор сазои ман нест.
То саҳар чашми умедам бар дар,
Ки дарам ояду бикшояд субҳ.
Сӯи ин хонаи беному нишон
Раҳ агар гум накунад, н-ояд субҳ.

## ЁДҲО ДАР ТАСВИРҲО

Расмҳо расми ҷавонии мананд,
Хотироти зиндагонии мананд.
Нусхаҳои нохушиву дилхушӣ,
Номаҳои ормонии мананд.

Аксҳо дар чорчӯби ёдҳо
Шишабанди гарду чанги рӯзгор.
Чеҳраҳои ошно, ноошно,
Чеҳраҳои зард чун гулҳои хор.

Ранграфтастанду нохоностанд,
Хаткашида дафтари умри мананд.
Бал чароғи хирасӯзи равзананд,
Бар мани шабмонда чашмак мезананд.

## МАРҚАДИ СУҲРОБ

Пайкари хуншори Суҳроб,
Қисмати  душвори Рустам,
Хилвати пурдеви Ҳушанг,
Кайюмарсободи пурғам,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон.

Синаи афтоби сӯзон,
Хонаи вайрони хуршед,
Осии фармони яздон,
Сархӯри Дорову Ҷамшед,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон.

Қатраи обат табаррук,
Зарраи хокат табаррук,
Эй қадамҷои бузургон,
Домани покат табаррук,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон.

Кош дасти ҳам бигирад
Рустаму Исфандиёрат,
Лолаи ҳасрат нарӯяд
Кош дигар аз баҳорат,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон,
Эй Хуросон.

## РИШТАБОРОНИ ЁД

Ёд бо риштаи борони хазон
Боз дар ҷомаи  шаб
Тугмаи чашми маро медӯзад.
Дар бухории танам оташи кунд
То саҳар месӯзад.
Бо садои маҳзун
Чойҷӯши аламам меҷӯшад.
Хоб чун хокистар
Кай дигар оташи гирёни маро мепӯшад.

## ЭЙ ФАСЛИ НАВРӮЗ

Хазон бешармирӯ, бепардагӯяст,
Намефорад ба ман, эй фасли Наврӯз.
Ҳама зардинамӯ, зардоврӯянд
Арӯсони чаман, эй фасли Наврӯз.
Бишармоншон ба ҳусни тоҷикона,
Биё атласбатан, эй фасли Наврӯз.
Ба қасди бандагони мӯди ғарбӣ,
Бикун бар тан чакан, эй фасли Наврӯз.

## НАВРӮЗ ҶАҲОНӢ БУД

Ранги қадаҳи гулгун
Гул дар кафи ҳар гулбун,
Масти маю соғар шав,
Эй пир, ҷавонӣ кун,
Наврӯзи Аҷам омад.

Бо савти накисойӣ,
Бо фарри аҳуройӣ,
Бо ойини ҷамшедӣ,
Бо хубиву раънойӣ
Наврӯзи Аҷам омад.

Чашми нами Таҳмина
Дар чашми гулистонаш,
Дарду алами Рустам
Дар раъдашу боронаш,
Наврӯзи Аҷам омад.

Дар оташи нарӯзӣ
Чил кундаи ғам сӯзӣ,
Бо ҷилваи хушрӯӣ,
Бо муждаи пирӯзӣ
Наврӯзи Аҷам омад.

Наврӯз чу рамзи ишқ,
Саршори ҷавонӣ буд,
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд,
Наврӯз ҷаҳонӣ буд,
Наврӯзи Аҷам омад.

## НАВРӮЗӢ

Омад зи нав даврони гул,
Бар тахт шуд султони гул,
Пурфайз шуд сомони гул,
Наврӯз шуд,
Наврӯз шуд.

Мурғон хушовоз омада,
Бо нағмаву соз омада,
Гул ноз бар ноз омада,
Наврӯз шуд,
Наврӯз шуд.

Деҳқон паи ташвиши худ,
Мурғон паи ташвиши худ,
Даврон паи ташвиши худ,
Наврӯз шуд,
Наврӯз шуд.

Гулбун қадаҳ бардошта,
Ҳомун қадаҳ бардошта,
Гардун қадаҳ бардошта,
Наврӯз шуд,
Наврӯз шуд.

Шукри замон, шукри Худо,
Шукри замин, шукри само,
Эй ворисони ориё,
Наврӯз шуд,
Наврӯз шуд.

## НАВРӮЗИ АҶАМ ОМАД

Гулдомани шорағза,
Гул дар бағали сабза,
Чун дилбари пурғамза,
Наврӯзи Аҷам омад,
Хушпову қадам омад.

Гулзору чаман пургул,
Саҳрову даман пургул,
Оғӯши Ватан пургул,
Наврӯзи Аҷам омад,
Хушпову қадам омад.

Бо фарраи ҷамшедӣ,
Бо хандаи хуршедӣ,
Чун тухфаи эзидӣ
Наврӯзи Аҷам омад,
Хушпову қадам омад.

## МОДАР, БАҲОР ШУД

Модар,
Баҳор шуд,
Аммо дарахти хушки танам гулбасар нагашт.
Бас рӯзҳо гузашту басе буданӣ бишуд,
Аммо баҳори рафта дигар аз сафар нагашт.

Модар,
Баҳор шуд,
Барфи сар аз ҷӣ об чу дар сояхам нашуд.
Бе ту баҳор зеби баҳорӣ надоштаст,
Кам шуд ҳисоби умр, вале ғусса кам нашуд.

Модар,
Баҳор шуд,
Аммо аз ин баҳор
Бӯи хуше зи долу дарахте намерасад.
Рӯзе, ки гашт дасти ман аз доманат ҷудо,
Дастам дигар ба домани бахте намерасад.

## САДОЕ АЗ ҒАЙБ

Кас зи ғайб омаду шаб гуфт ба оҳанги итоб:
Кӯ, Муродӣ,
Бархез,
Сарвати умр, ки ман бар ту амонат додам,
Ба чӣ сарфаш кардӣ?

Чун муҳосиби ғалаткор ба девони ҳисоб
Лаҳзае чанд забон хоида,
Додам аз тарс ҷавоб:
К-эй ба инсоф қасам,
Ки ба суди худ аз он сарф накардам чизе.
Ҳиссае сарфи ҳамон хомии тифлӣ кардам,
Ҳиссаеро ба ҳавасҳои ҷавонӣ додам,
Ҳиссае баҳри ягон рӯзи мабодо боқист.

Омад овоз, ки ин банда амонатдузд аст,
Харҷи беҳуда ҳамон моли амонат кардаст,
Амалаш куфрон аст,
Ҷои ӯ зиндон аст,
Дӯзахи duздон аст.

## МЕХОҲАМ

Марги мансурвор мехоҳам,
Мояи фахри дор мехоҳам.
Ваҳдати ин диёр мехоҳам,
З-ин Ватан ифтихор мехоҳам.
Қатраҳоро сари баҳамойӣ,
Чашмаҳоро талоши дарёйӣ,
Ориёнро баҳори эҳёйӣ,
Эй Худо, бин чӣ кор мехоҳам.

## ДАР ЧЕҲРАИ ДӮСТ

Бода механдад ба сӯям гарму нарм,
Рӯширин аст ин қадар бадхоҳи ман.
Хоки поямро кунад душман туфов,
Об мемонад ба зери коҳи ман.
Талх мегирям ба сони осмон,
Хок хандад з-ашки абри оҳи ман.
Ҳамчунон дар достони Хайру Шар,
Ман чу Хайрам, Шар бувад ҳамроҳи ман.

## НАМЕТОНАМ

*( Суруди сарбоз)*

Қавми озодем,
Ковааждодем,
Хасми бедодем,
Даст пеши бар
Пеши кас будан
Мо наметонем.

Мо худододем,
Мо худозодем,
Рустамавлодем,
Даст пеши бар
Пеши кас будан
Мо наметонем.

Мо ватандорем,
Сарбози бедорем,
Бо нангу боорем,
Даст пеши бар,
Пеши кас будан
Мо наметонем.

## ЭЙ ВАТАНДОР

Асри мо асри муҳаббат нест,
Асри мо асри садоқат нест,
Асри мо асри адолат нест,
Асри раҳмат нест.

Асри мо асри хиёнатҳост,
Асри мо асри адоватҳост,
Асри муҳтоҷи табобатҳост,
Асри сиҳат нест.

Асри рашк аст,
Асри ашк аст,
Асри зӯрон,
Асри кӯрон,
Асри ҷанг аст,
Асри нанг аст,

Асри қир аст,
Асри тир аст,
Асри ғафлат нест,
Бош бедор,
Эй ватандор.

## НИГАРОНӢ

Чароғе хира месӯзад,
Чароғи хираи хира.
Чӣ дилгиру нафассӯз аст,
Ҳавои тираи тира.
Хаёлам сайри гул дорад,
Ба гулзори ҷамоли ту.
Чу бода талху ширин аст,
Хумори ту, хаёли ту.
Умеди зиндагибахш аст дидори маҳоли ту.

## НӮШБОД

Хушо ин шаб,
Шаби бо ҳам нишастанҳо,
Хумори дил шикастанҳо,
Таноби канда бастанҳо.

Хушо ин шаб,
Ки мутриб асту соқӣ ҳасту дидор аст,
Ҷаҳони шӯру шар ин қадр ором аст,
Ҳама якдил, ҳама яктан, ҳама сархуш,
Агар ҷанг аст, ҷанги шишаву ҷом аст.

Хушо ин шаб,
Шаби бо ҳам расиданҳо,
Шаби бо ҳам тапиданҳо,
Гули дидор чиданҳо.
Ва шодиро чу шир аз синаи фурсат макиданҳо.

## ҲАНӮЗ

Дарахти тоқаи сабзи биёбонам,
Ки ман бо сояи худ роз мегӯям.
Ба ҳузни бунгаҳи барги тарохушкам
Ҳама афсонаи оғоз мегӯям.

Ҳанузам мешавад дар шохаҳоям лонатон мондан,
Ало эй мурғакони дар хаёли лона саргардон.
Ҳанӯзам мешавад дар соям бо роҳате хуфтан,
Ало эй ташнагони дар суроғи қатраи борон.
Дарахти пири ҷонсахти биёбонам.

## РОҲИ ЛАҒЖОН

Зи роҳи рост моро мебарад бар сӯи бероҳа,
Ба содақавлии мо зиндагӣ хандида-хандида.

Давидем аз паи дунёву донистем,
Ки бояд канд ин ҷо ҳар қадам санҷида-санҷида.

Чӣ душвор аст фатҳи қуллаи мақсуд,
Ба боло меравам лағжида-лағжида.

## ХАЗОНДУД

Ба кучо, ки чашмам афтад
Гули сардбурда бинам.
Ҳама шохи сарбурида,
Ҳама боғи мурда бинам.

Ҳама ҷуту ҷуту ҷут аст,
Ҳама дуду дуду дуд аст,
Ҳама дидаҳо ғуборе,
Ҳама будаҳо набудаст.

Тару хушки боғ сӯзад,
Ҷигарам чу доғ сӯзад,
Ба дилам алов резад,
Зи хазон димоғ сӯзад.

Дар алав чу барг сӯзам,
Ба ҳалоки гул бигирям.
Чу сари мазори модар,
Сари хоки гул бигирям.

Чӣ қадар хазон хунукрӯст,
Чӣ қадар ҳавои сардест.
Ҳама ранг рангзардист,
Ҳама ҷо нишони дардест.

## ЭЙ МУРҒИ БАҲОРИДӮСТ

Эй дидани ту давлат,
В-эй будани ту сарват,
Эй хандаи ту лаззат,
В-эй суҳбати ту ҳикмат.

Қиммат чу нафас ишқат,
Ширин чу ҳавас ишқат.
Аз молу маноли даҳр
Морост бас ишқат.

Чашмам нами нам бе ту,
Умрам ғами ғам бе ту.
Корам ҳама раҳпоӣ,
Сабрам ками кам бе ту.

Эй рафта зи ман, боз ой,
Эй ҷон, ба бадан боз ой,
Эй мурғи баҳоридӯст,
Боз о, ба чаман, боз ой.

## БЕ ТУ, БО ЁДИ ТУ

Мисли ман роҳи чароғаш гирён
Телефон дар гӯш аст,
Мезанад бонг хурӯси саҳарӣ,
Телефон хомӯш аст,
Чӣ бало хомӯш аст.

Ба ғаму дарди фироқи ту қасам,
Бе ту тарёкии бетарёкам.
Чӣ қадар танҳоям,
Чӣ қадар ғамнокам.

## НӮШБОДИ ШАБИ ДИДОР

Барои шаб,
Шабе, ки қиссахони маҷлиси дидор
Ҳадиси ин шаби ишқу ҷавониро
Ба гӯши каҳкашони бахт хоҳад гуфт.

Барои шаб,
Ҳамин як шаб,
Ки дар дунёи гумномиву гумроҳӣ
Туро ман ёфтам аз лутфи рабоннӣ,
Шудам аз нури дидори ту нуронӣ.

Барои шаб,
Ҳамин як шаб, ки қисмат фурсати бо ҳам будан додаст,
Дар ин дунёи пурғам як дами бедарду ғам додаст,
Ки ин хира
Дами хуш будану бо ҳам будан бисёр кам додаст.

Барои шаб,
Ки ман дар каъбаи кӯи ту ҳаҷ кардам,
Пас аз ранҷи биёбонҳои ҳиҷронат
Ба меҳроби ду абрӯи ту ҳаҷ кардам.

Мани ҳоҷӣ
Намози шукр бигзорам ба пои ту,
Ва ин паймонаро, к-аз замзами ишқи ту лабрез аст,
Бубардорам барои ту,
Барои ту,
Барои ту.

## НАФРИН БА ИФРОТӢ

Хезам,
Аз каштали ифротии худкуш гирам,
Каш-кашонаш бубарам бар сари гӯри шуҳадо,
То бубинад, ки чӣ армони шаҳид аст ба хок,
Чӣ ҷавонӣ, ки ба пирӣ нарасидаст ин ҷо.
Бубарам то ба дари таърихаш
Ба дили сӯхта аз оташи ғам
Ба мазори Суҳроб,
Ба мазори Рустам.
Кашамаш бар сари гӯри Зардушт,
Ки варо кинаи ин ноаҳл кушт
То бипурсам, ки аё дӯстфурӯш,
Арраи дасти Заҳокӣ то кай?
То бигӯям, ки аё дорокуш,
Тоҷи афканда ба хокӣ то кай?
То бипурсам, ки Ватан суфраи сагканда чарост?
Қавми озода чунин бандаи харбанда чарост?
То бидонад, ки чӣ кардаст зи ғафлат бар худ,
То нигоҳе бикунад аз дари раҳмат бар худ,
Ё ба нафрат бар худ.

## ЭЙ НИГОҲАТ САБРСӮЗ

Пардаи сози қудумат дилхурӯш,
Оташи нози нигоҳат сабрсӯз.
Ҳалқаи гесӯи ту гирдоби ноз,
Ахтари чашми аловат шабфурӯз.

Хандаат лабхандаи садбарги сурх,
Бар танат пироҳани шарми ту танг.
Дар хиҷолат барги гул аз барги гӯш,
Сурхии рӯ бо сафедияш ба ҷанг.

Ганҷи бодовард бошад ишқи ту,
Хусравам аз ишқи ту, Доростам,
Офтобӣ, сояи ҳасти туям,
Бо ту ҳастам, бе ту нопайдостам.

## АЛАВМОНИ ДӮЗАХ

Эй дар гуноҳ ғарқ,
Муҳри гуноҳ бар лаби ҳар бегунаҳ назан,
Эй аҳриманнажод,
Мардум зи раҳ назан.
Чун хар ба бори зар
Бо халлачӯби хоҷаи бегона медавӣ.
Аз нашъае, ки мекашӣ аз душмани Ватан
Девона мешавӣ.
Эй дин ниқоби ту,
«Канз-ул-Ҳусайн»-и ҷодувон бошад китоби ту.
Дорӣ мурод бардагӣ бо номи бандагӣ,
Бо номи Ҳақ ба ноҳақӣ рафтан хитоби ту.
Гӯӣ, шаҳид мешавам дар роҳи дини ҳақ,
Аммо ҳароммур шавӣ чун мурдани харе.
Донам, аловмон шавӣ дар дӯзахи абад,
Бас бегуноҳкуш туӣ, бадтар зи кофарӣ.

## ИН ҚАДАР ШИРИН БИХАНДӢ

Ин қадар ширин бихандӣ,
Ин қадар ширин битобӣ,
Ошноӣ, ношиносӣ,
Кистӣ, рӯёӣ, хобӣ?

Аз диёри ёд ойӣ,
К-ин қадар бар дил қаринӣ.
Ин қадар шириннамоӣ,
Нозанинӣ, нозанинӣ.

Рӯҳи як ишқи шаҳидӣ,
Ёди як эҳсоси покӣ.
Хунбаҳо мехоҳӣ аз ман,
Хунбаҳо аз мушти хоке.

## БИГЗАР

Аз ин мову манӣ бигзар,
Зи кину душманӣ бигзар.
Чу рӯҳат нури ҳурмуздист,
Аз ин оҳарманӣ бигзар.
Ба рӯи зинаи қисмат
Яке пасту яке болотарем охир.
Ҳама бозингари як саҳнаем имрӯз,
Ҳама дар пеши чашми доварем охир.
Як инсонем,
Хокием,
Агарчанде ки аз ҳар модарем, охир
Ҳама раҳкӣ,
Ҳама меҳмон
Дар ин меҳмонсарои чапдарем охир.

## МАСЪУЛИЯТ

Дар ҳисоби фоизи суду зиён
Зери бори қарзи виҷдон мондаем.
Мушти хоке аз замин бигрифтаем,
Хонаи ҷонро гаравгон мондаем.
Сангро бо чӯб гардон кардаем,
Ин замон мавҷи зи ҷавлон мондаем.
Оби моро раҳ ба раҳ дуздидаанд,
Чун Арал аз шӯру исён мондаем.
Кардаем озод ноозодро,
Худ даруни чоҳу зиндон мондаем.
Мо китоби ҳикмати нохондаем,
Номаи дар санг пинҳон мондаем.
Тоҷикему Тоҷикистонем мо,
Тоҷбони тоҷдорон мондаем.
Дар миёни чор кӯҳи сарбаланд,
Қалъадори қасри Эрон мондаем.

## ТАКРОРИ АФСОНА

Ҳар шаб, ки шаб сар мешавад,
Чашми ҳаво тар мешавад,
Чун кӯдаки гулчин зи кӯҳ
Исторае ҷар мешавад,
Афсона дигар мешавад.

Аз рӯ ба рӯ, аз мағзи кӯҳ,
Чун аз бадан пурнур рӯҳ
Маҳтоб берун мешавад,
Афсона афсун мешавад,
Афсона дигар мешавад.

Тифлии масти ширбоз,
Тифлии ман мадҳуши шаб,
Дасташ ба нӯги гӯши шаб,
Андар даҳан пистони моҳ
Хоб аст дар оғӯши шаб.
Дар хотироти кӯдакӣ
Афсона аз сар мешавад.

## КУРТАЧАКАН НАВРӮЗ

Хазон бепарда шуд, зардинамӯ шуд,
Биё бо шарми зан, эй фасли наврӯз.
Фарангиҳӯ, фарангипӯш гаштанд,
Арӯсони чаман, эй фасли наврӯз.
Бишармоншон ба ҳусни тоҷикона,
Аё атласбатан, эй фасли наврӯз.
Равад аз байн мӯду мӯдбозӣ
Бипӯшӣ гулчакан, эй фасли наврӯз.

## ЧАШМИ МАҲЗУН

Чашми маҳзун сангборон мекунад
Себи сурхи боғи рухсори туро.
Нест аз duздии duздон огаҳӣ
Боғбони нимбедори туро.
Саф кашида мижжаҳоят чун сипоҳ,
Амр чун бошад сипаҳдори туро?
Аз ту ояд ҷони озодон ба лаб,
Лутф пиндоранд озори туро.

## ИН ШАБИ ТАНҲОӢ

Ин шаби танҳоӣ,
Ки яхи порисаам мижжаи ашколуд аст,
Хонаам кӯчаи сард,
Синаам  пурдуд аст.
Ба умеди қадами наврӯзам,
Ки кунад гарм дили сарди зимистони маро,
Бидиҳад ҷони дигар,
Гулбуни армони маро.

## МЕҲМОНИ НОХОНДА

Як дарди ношинос
Чандест дар диёри дилам подшо шудаст.
Ин турки подабон
Дар қасри сабзи синаи ман кадхудо шудаст,
Хобам гуреза шуд.

## ПАС АЗ МАН

Пас аз ман ҳам ягон озода меояд,
Ки бовар мекунад бар ишк,
Ки бовар мекунад бар сидқ,
Ба инсонҳо,
Ба паймонҳо,
Ба кори ҳақ,
Барори ҳақ
Ва тоқат мекунад бар бурдаи нони ҳалоли худ
Ва механдад
Ва мегиряд
Ва месӯзад

Ва месозад
Ва мезияд
Ва то зиндаст
Чароғи хонаи некӣ намемирад.

## МАНЗАРАИ ҲУЗН

Ҳаво хуни тани захмии саҳроро
Ба оби дида мешӯяд,
Дарахти хушку тар ларзида мегиряд,
Касе гумкардае дорад,
Ғами худро
Ба рӯи мурдаи бегона мемӯяд.

## ФИРЕБИ УМЕД

Шишта будам ба сари хони ғами танҳоӣ,
Луқма афтод зи даст,
Шод гаштам, ки касе ёдам кард,
Дили ношод будаст.
Нолиши хастаи дарвоза баромад, ки бихез,
Хестам,
Бод будаст.

## САФЕДОРИ САПЕДА

Осмон чун пинадӯзи гунг
Мӯзаи ҳафтдодаронро мезанад мех.
Вақт ҳамчун пири сарсахт
Аз сафедори сапеда
Каҳкашонро мезанад поя,

То наафтад ҳамчу девори
Бухоро ногаҳон аз бех.
Зиндагӣ
Вайронаҳои ҷаҳли одамро
Мекунад обод.

## МОДАРИ ГУНОҲ

Мункири кардаҳо,
Сарпасту рӯсиёҳ,
Дар рӯ ба рӯи субҳ,
Худро сафед мекунад,
Шаб-модари гуноҳ.

## БАҲОРИ ҶАНГЗАДА

Ҳаво, ки тир меборад,
Ғами вофир[1] меборад.
Баҳор имсол мегиряд,
Чу як ғамдор мегиряд.
Лаби як гул намехандад,
Худоё, хор мегиряд.

## ТО КАЙ?

Замин то кай намеларзад,
Фалак то кай намеафтад,
Ҷаҳон то кай наметаркад,
Худо то кай намегирад
Лаҷоми бандагони белаҷомашро?

[1] Вофир – фаровон.

## ИЛТИҶО

Ҳамин як шаб,
Фақат як шаб
Чароғи рӯшани ман бош.
Ҳамин як шаб,
Фақат як шаб
Баҳори гулшани ман бош.
Ту ҷонӣ,
Дар тани ман бош,
Ки метарсам «шаби дигар шаби мо нест».

## ҒУРБАТЗАДА

Ман ғарибам,
Сар ба болинам,
Такядорам модарам нест,
Дар барам ҷуз бистарам нест,
Шамъ обам мечаконад.

## СУФРАИ САГКАНДА

Ватан гуфтам,
Фиғоне аз дилам хест,
Куҷо буд,
Чашми кадбону куҷо буд?
Ки ин суфра ба дасти саг фитодаст.

## ДАР ПАИ ГУЛИ МАТЛАБ

Канори роҳи рафтомад,
Гули ночидабахте нест,
Ба ҷуз гарди сабукпоён,
Ба ҷуз санги карахте нест,
Гули бечанги худрӯро
Ман аз бероҳа мечинам.

## ЧУНИН ХОҲАД ШУД

Оқибат панҷаи камонкашро
Ақл хоҳад канд
В-устухони тӯфангро рӯзе
Занг хоҳад хӯрд,
Дар замине, ки зиндагизеб аст,
Марг хоҳад мурд.

## ОҲ АЗ ИН ИНСОН

Ҷанг…
Осмон остонаи пурхун…
Зиндагӣ мурдадори беҳуш аст.
Ин баҳори охирини кист,
Ки чу тобут махмалинпӯш аст?
З-офаридан Худо пушаймон аст.

## ХАНДОН ШАВ

Ба шабнам шустушӯ кардӣ гули рӯро,
Ба як лабханд бозаш офтобӣ кун.
Ғубори ғуссаро з-оинаи дил шӯ,
Ба дарёи табассум нарм обӣ кун.
Ғами дунё нахӯр, дунё ба ғам хӯрдан намеарзад.

## ЧАРОҒИ УМЕД

Шаби барфӣ…
Шаби дамдузд…
На овозе,
На парвозе…
Чароғе хира месӯзад
Канори кӯчаи холӣ.

## НАМЕШАВАД

Шаб чӣ торик аст,
Бе чароғе намешавад рафтан.
Роҳ борик аст,
Бо фароғӣ намешавад рафтан.
Ҳамсафар ҳам кару гунг аст,
Дарду доғе намешавад гуфтан.

## ДАР СУРОҒИ ХУД

Мо кистем,
Ҳосили завқи гуноҳи кӣ?
Хокистаре зи оташи хомӯши оҳи кӣ?
Ҳастем чун сароб дар ин дашти дилкабоб,
Дар интизори лаҳзаи яъси нигоҳи кӣ?

## ШАҲРИ МУРДАЧАРОҒ

Ин қадар торикӣ,
Ин қадар хомӯшӣ,
Шаҳр шаҳри мурдаст,
Бод ҷорӯкаши пирест дар ин гӯристон,
Ки ба як лаҳни ғамангез дуо мехонад.

## ДАР ДАФТАРИ ҒАМИ МО

Ҳар субҳ мешавад тар
Аз ашки дидаи гул,
Ҳар субҳ мешавад сар
Ашки дамидаи гул,
Дар дафтари ғами ман
Хуни чакидаи гул.

## ПАЙҒОМ

Китоби қиссаи дардам
Ба гӯши бод хоҳам хонд.
Ки баъди мурданам ғамбода меояд ба болинат,
Ба ту афсона мегӯяд
Ва дар ёдат
Зи ишқи ман ҳамин афсона мемонад.

## САВОРЕ АЗ ХОТИРАҲО

Гард бархост зи роҳ
Ва саворе аз гард,
Гарди саҳрои ғаму хотираҳо берун шуд.
Ношиносе, ки шиносӣ медод[1],
Як шиносе, ки намондаст ба ёд.

## СОЯИ УМЕД

Кист дар он тарафи торикӣ,
Кист дар ёдраси гумроҳӣ?
Чист ин ҷони худоӣ аз шаб?
Кист ин роҳии беҳамроҳе?
Чашми раҳбини чароғ,
Кӯчаро рӯшан кун,
Шояд аз гӯри ғарибӣ чун рӯҳ
Ба Ватан гумшудае меояд.

## НАЗАРФИРЕБ

То зи инсофи фалак кам ноланд,
Безаронро рухи зарде доданд.
Баҳри таскини дили сӯхтагон
Оҳи оташбаси сарде доданд.
То нагӯянд ҷаҳон номард аст,
Модарон баччаи марде зоданд.

[1] Шиносӣ додан – худро шиносондан.

## МОТАМИ ШАБ

Бод менолад,
Осмон чеҳраи гирифтае дорад,
Мегиряд.
Ин қадар аз чӣ
Боз мотам гирифта бошад шаб?

## ЭЙ ШОХОБ

На мавҷеву на тӯфоне,
На шӯреву на исёне,
На овозеву парвозе,
На кафке дар лабони
чун лабони мурда берангат,
На бо соҳил сари ҷангат,
Ту дарёзодаӣ, шохоб,
Ё ки аз табори ҳавзи мурдобӣ?

## ТАҶАЛЛӢ

Дар қасри осмон
Як ғуфра боз шуд,
Як рӯ дар он шукуфт.
Сад чашми иштиёқ,
Наззорасоз шуд.
Бонги азони ишқ,
Дилро садо кунад.
Кӯ ҷонамози дил?
Вақти намоз шуд.

## ШОЯД

Боз кун равзанаро,
Шояд он ҷо,
Паси ин равзана субҳе бошад.
Ва ҳавое, ки тавонӣ нафаси роҳат зад,
Ва гули тар, ки азоби шаби сармоиро
Ҳамчунон хоби бади дида ба ҷӯ мегӯяд.
Боз кун равзанаро,
То ба як рӯз,
Ба як давлати дигар бирасем,
Ба саломи хуршед,
Ба савоби ҳаҷи акбар бирасем.

## СИТОРАГОНИ ХУНЧАКОН

Бошандагони арш магар мисли хокиён,
Дар рӯ ба рӯи раддаи хунмаст як сипоҳ
Инсоф ҷустаанд,
К-имшаб ситорагони фалак хунчакон шуданд
Чун захми тир дар тани аз зарбу лат кабуд.

## СУБҲИ ҒОЛИБ

Набарди шаб чӣ гарон буд, ки субҳдам дидам,
Сари баланди кӯҳистон сафед шуд чун барф.
Чароғ низ ба мисли сипоҳии захмӣ
Расид то паси погаҳи саҳар,
Ҷон дод.

## АЗ ХУДО МЕТАЛАБАМ

Дили ман ҳавзи гулобест,
Зимистону баҳор
Гули нилӯфари ишқи ту дар он мерӯяд.
Аз Худо металабам,
Боди сарде накунад сӯи баҳори ту гузар,
Ки ҳавасҳои диламро киштам,
Дар канори ту, ки гулбоғи ҳавасҳои ман аст.

## ЁДИ ПИРАМҚУЛ САТТОРӢ

Шеъри ту дар лаб,
Дарди ту дар ҷон,
То саҳар имшаб гиристему алам кардем
Ман ва борон.
Шаҳри ту бе туст холӣ
Ҳамчу гулшан дар зимистон.
Дарди ҳиҷрони туро дорад
Рангзардии дарахтон.

## ПАРДАИ РОЗ

Пардаи равзанаи умр кушодем, ки чист,
Пушти ин парда,
Чу дидем, пушаймон рафтем.
Нарасидем ба дарёи калон,
Хушкидем,
Ҷӯй будем, ки дар коми биёбон рафтем.

## УМЕДИ НОУМЕДӢ

Оташе мехезад аз хокистари андуҳ,
Шуълае мерезад аз роғи дари маҳкам,
Нур мегирад
Чашми раҳпои ҳавасдарғам,
Шарфаи боли қадамҳои ту меояд.

## МОДАРИ ҒАМ

Замини ориён, ин модари пир,
Худои ман,
Чаро ҷуз ғам назояд?
Агар Рустам балои ҷони Суҳроб аст,
Бигӯ Рӯдобаро, Рустам назояд.

## БАҲОРИ ХУНЧАКОН

Боғбон,
Қулф бизан бар дари боғ.
Аз мани ошиқи гул шарм надор,
Ҳаваси боғ надорад дили ман,
Бӯи хун мекунад имсол баҳор.

## ГУМОНИ ҒАЛАТ

Раҳ паридаст,
Гузаргоҳе нест,
Осмон сели бало мерезад.
Он чароғе, ки ба сӯяш ҳама шаб мерафтам,
Чашми гурги гушнаст.

## ҚАДАМҶО

Ба нури шабнами барги гул таҳорат кун,
Ба ҷонамози сапеди сапедаи содиқ,
Намози ишқ бихон.
Ба эҳтиром биёву қадам ба иззат нех,
Бар ин замин, ки қадамҷои пири сармаст аст.

## КАҶМОКАҶ

Шавад ангушт чун каҷ, мешавад мушт,
Наистад барф рӯи боми харпушт[1].
Ҳама кирдору гуфтору амал каҷ,
Қалам каҷ меравад бо амри ангушт.
Хато дар мост ё пиндори Зардушт?

## САЪИ БЕҲУДАИ НУР

Худои хона аз хоби дарозаш барнамехезад,
Даруни хона торик асту рӯҳи зинда зиндонӣ.
Чароғи рӯи ҳавлӣ,
Ин қадар беҳуда месӯзӣ,
Наёбад нури ту роғе дар ин девори битонӣ.

## ҒАМИ МИЁНШИКАН

Хуршед наметофт,
Гӯӣ, ки ҳаво чеҳраи ғамдарҷигаре буд.

[1] Харпушт – навъе аз пӯшиши бом.

Як дастаи сархам,
Бо дидаи пурнам зи раҳи намзада мерафт ғиревон,
Шаҳтӯи писар бар сари китфи падаре буд.

## БАҲОИ ВОМГИРӢ АЗ ДЕВ

Чун дар афсона
Дар баҳои оташе, к-аз дев мегирам,
Побараҳна,
Мерасад рӯзе, ки рақсонад маро болои сӯзанҳо,
То хамирашро ба хуни ман бишӯрад
деви оташбон.

## БАҲОРИ ХУНШОРИ ҶАНГ

Шишта овози нола дар гӯшам,
Чаҳ-чаҳи булбулам намефорад.
Бӯи хун мекунад ҳавои баҳор,
Рангу бӯи гулам намефорад.
Муждабахшӣ, суруди гулгардон,
Чи кунам?
Дар дилам намеғунҷӣ.

## САҶДАИ ҒАЛАТ

Шом…
Хокистаре аз оташи зардуштии рӯз.
Дар лаби рӯд, ки гардан надиҳад соҳилро,
Пири мо аз сари ихлос ҳанӯз
Саҷда бар қиблаи бегона кунад.

## АҒБАГУЗАР

Сармои гургкуш…
Кайҳост мондааст
Оби равон зи рафтану бод аз давиданаш.
Роҳе, ки сӯи хонаи хуршед мебарад
Хонасиёҳ мардуми овораи маро
Аз ағба бигзарад.

## ГИРЯИ ХУШК

Нолаи боди кӯҳистон
Ин қадар талх аст имсол.
Зор мехоҳад бигиряд
Осмони ғуссабемор,.
Ашк дар чашмаш намондаст.

## ФАРЁДИ ХАМӮШӢ

Фарёди хашмҷӯш,
Аз умқи чоҳи тираи шаб мерасад ба гӯш,
Дарёст,
Ё тӯӣ,
Эй дар назар хамӯш,
Қавми дарунхурӯш?

## ҒАЗАБИ ХУФТА

Хазон ба чеҳраи гулҳо ғубор мепошад
Ва бод ғунчаи обистани ҳавасҳоро

Ба пеши чашми ҷаҳондор мекунад хорӣ.
Нуҳуфта дар паси ашки алам ғазабҳоро
Гулу гиёҳу дарахтон хамӯш меноланд:
Баҳори сабз чаро хунталаб намеояд?

## САРЕВУ САДОЕ

Мекушоям равзанамро рӯ ба рӯи офтоб,
То бишӯям дударо аз дида дар дарёи нур.
Бингарам,
Шаб мурдаашро мекашад бар соягӣ,
Хандаи хуршед яхро мекунад аз гиря кӯр.

## СИЁҲӢ

Сиёҳӣ мекунад пахшам
Ва фарёди мададхоҳиам аз банди гулӯ
берун намеояд.
Худоё,
Хоби бад дидам:
Чароғи маърифат дар хонаи тоҷик мемирад.

## БЕДОҒ КУҶОСТ?

Имсол ҳеҷ мазза надорад ҷамоли гул,
Гӯӣ баҳор кор ба боғе надоштаст.
Дар офтоб соя чу доғе ба рӯи хуб,
Дар ин диёр кист, ки доғе надоштаст?

## ЛАХЧАИ ОТАШ

Чашму абрӯ мепарониву ба тирам мезанӣ,
Чашми оташпошат ангушти камонкаш будааст.
Даст бар зулфи ту бурдам, оташи рухсор сӯхт,
Ман надонистам, ки зери лахча оташ будааст.

## ЧАРОҒИ ДУШМАНДОР

Мардуми хобдӯст хасми туст,
Бо сипоҳи шабат фақат ҷанг аст.
Эй чароғ,
Эй чароғ,
Эй чароғ,
Фурсати зиндагии ту танг аст.

## ТАШРИФИ ДӮСТ

Биё,
Биё, ки дари равзаи дилам боз аст,
Ба рӯи ту, ки насими баҳори хушқадамӣ.
Дар ин диёри ғамобод, аё умеди наҷот,
Ту гулшинони таробӣ,
Ту решакоби ғамӣ.

## АЗ ИН САРМО

Нигаҳҳо сард,
Дилҳо сард,
Сард аст ошёни ман.
Худоё, гарм дорӣ оташи умедҳоямро,
Ки ях бастам дар ин даврони яхҷӯшӣ.

## ДАСТИ ХУШКИ УМЕД

Хурмаи чарғундии[1] шаб,
Зад ба санг аз дасти ногиро, шикаст,
Шир рехт.
Гиря дорад кӯдаки андешаам,
Нонтарӣ[2] дар косаи умед нест.

## ТАКЯДОРИ ҒАМ

Биё,
Биншин,
Сари ғамрӯзиамро бар сари зонут бигзорам,
Ки таб дорам,
Таби ҷонсӯзи танҳоӣ.

## СУХАННОШИНОС

Рӯзгори айшкуш
Аз туам нофор[3] кард,
Эй фаромӯшӣ,
Ба имдодам бирас,
Зиндагӣ қадри сухан нашнохт,
Моро хор кард.

---

[1] Чарғундӣ – рӯғанӣ, аз рӯған сиёҳшуда.
[2] Нонтарӣ – чизе, ки ба он нонро тар кунанд. Киноя аз хӯрдании андак, ночиз.
[3] Нофор кардан – аз чизе бенасиб кардан, ноумед кардан.

## БО ЧАРОҒИ РӮШАН ЁР БОШ

Ҷанги шабу чароғ
Дар хонаҳои хоб,
Дар кӯчаҳои танг,
Дар гӯшаҳои боғ.
Эй ошиқони нур,
Дар ҷанги нобаробари шаб мемирад чароғ.

## ЭЙ ШАФАҚ

Эй шафақ,
Эй алами бедорӣ,
Ба дари хонаи хоболудон
Баъди ин ҳеҷ натоб.
Қадами субҳ ба ин хонағарибон ҳайф аст.
Хуфтагони шаби ҷаҳланд,
Нахезанд зи хоб.

## КӢ МЕГИРЯД БА ҲОЛИ МАН?

Ҳамчу шаҳтӯи[1] азизон
Рӯи китфаш боди нолон
Абрҳоро мебарад бар сӯи пушта.
Дар дилам тири ғами марги азизонам нишаста,
Бар мани дарду аламкушта,
Кас нагиряд,
Кас насӯзад.

[1] Шаҳтӯ – тобут.

## ОГОҲӢ

Дили худкуш,
Дили худсӯз,
Дили рӯшан, дили сода,
Чӣ месӯзӣ?
Агар хоҳӣ, шаби ин мурдахобонро барафрӯзӣ,
Худо шоҳид, чун қандилат овезанд.

## ДАР ИНТИЗОРИ СУБҲ

Дар ин диёри шаб
Як шамъ нест, то бидиҳад нури хираам.
Эй субҳ,
Интизории ту мекашам мудом,
Чун чашмкӯр дидаи бино кунам ҳавас.

## АЙ ДАРЕҒ

Шаб,
Шабе, ки душмани рӯзиву ҳоло ҳукми ту ҷорист
Сояҳоятро бигӯ:
Пас-паси харсангҳову таг-таги деворҳо,
Синамолак омаданҳотон дигар аз тарси кист,
Чун дар ин хоки сиёвушкуш намонда Рустаме,
В-андар ин мулки сияҳрӯзон сипоҳи рӯз нест.

## ХАЁЛИ ТАРБОЛ

Борон намегирад қарор,
Як дам намехобад шамол,
Парвози вазнин мекунад
Бо боли тар мурғи хаёл.

## ПУЛИ СИРОТ

Домани пироҳани дил пора шуд
Дар сари дастории девори ту.
Роҳ аз пули сирот аст, эй санам,
То биҳишти давлати дидори ту.

## МУСТАҶОБ

Мурғи шабфарёд,
Оҳи ту гирифт.
Субҳ шабро дар кафан печондааст,
Мекашад сарро дарун чун сангпушт,
Соя, ки марги шабаш тарсондааст.

## ЧАРОҒИ ХОНАИ ҶОН

Роҳ то хонаи сафо дур аст,
Ишқ бе ақли раҳнамо кӯр аст,
Хонаи ҷон ба ақл рӯшан кун,
Хонаи бечароғ чун гӯр аст.

## ИН БАЛО АЗ ЧИСТ?

Ё Раб,
Чунин нишемани деви бало набуд,
Хоке, ки дӯш хонаи хоби фаришта буд.
Қисматнавис кинаи моро ба дил надошт,
Рӯзе, ки лавҳи қисмати моро навишта буд?

## САРЕВУ САВДОЕ

Гуфт ошиқ:
Зиндагӣ чун дилбар аст.
Тифл гуфт:
Оғӯши гарми модар аст.
Маст гуфто:
Зиндагӣ кайфи май аст.
Пир гуфто:
Эй зи лаб хобидагон,
Зиндагонӣ зарбаи пайдарпай аст.

## ОТАШЗАНА[1]

Ғам,
Мегузарӣ ту,
Ҷигари сӯхта монад.
Ман донаи оташзанаам, сӯзаму мирам,
Баъди сари ман гулхани афрӯхта монад.

[1] Оташзана – гӯгирд.

## КӮЧАИ САРБАСТА

Сер аз ҷонам кард,
Дарди бадбахтии ғафлатзадагони хушбахт.
Хестам бо зарда,
Омадам то паси равзан ба сuroғи субҳе.
Парда афкандаму дидам,
Берун
Ғайри шаб чизе нест,
Рӯз рӯшанфикрест,
Андар он қалъаи шаб зиндонист.
Шаб чу зиндонбоне,
Бод дар кӯчаи сарбастаи шаб нолон аст,
Осмон гирён аст.

## ЗИМИСТОН

Ҷуту қунуш[1]…
Оҳҳои сарди саҳроҳои беҳоланд,
Боди сармоӣ шакармаст
Пуштағелак[2] меравад дар кӯҳу пушта.
Пойҳои бемадори мавҷҳоро
Мекунанд акнун ба як ҳоле кашола
Рӯдҳои коркушта,
Барф меборад.

---

[1] Қунуш – туману рутубати сахт.
[2] Пуштағелак рафтан – рӯи барф ё сабза аз шодӣ ғел задан.

## БИСТАРАМ МЕСӮЗАД

Даҳанам талхов аст,
Нафасам дар даҳанам месӯзад,
Баданам,
Пираҳанам месӯзад,
Бистарамро таги борон монед,
Бистарам месӯзад.

## ТАНҲО ШАБУ БОРОН

Як равзана во нест,
Як кӯча чароғон.
Не шабрави масте, ки зи ғавғош бидонӣ,
Як зинда ҳанӯз аст дар ин шаҳри хамӯшон.
Танҳо шабу борон,
Танҳо шабу борон.
Хез,
Аз паи як шуъла ба субҳе бипаноҳем,
К-ин мурдачароғон дараки нур надоранд.

## МАГАР

Чашмҳо,
Чашмҳои сард,
Чеҳраҳо,
Чеҳраҳои зард.
Ҳар куҷо дарду дарду дард.
Эй Худо,
Зиндагӣ чӣ вазнин аст,
Дӯзахи ваъдагӣ магар ин аст?

## ХАЗОН

Дигар барге намерақсад,
Дигар як гул намехандад.
Зи думболи баҳори рафта
Мурғи охирин ҳам кӯч мебандад.
Ҳаво чун чеҳраи ғамгин,
Дили аз зиндагӣ сард аст.
Худоё,
Ин қадар ранги хазон зард аст.

## БЕМОРДОРӢ

Меҳанам,
Эй модари пирам,
Пири ранҷурам,
Дар сари болини ту то рӯз бедорам,
Ман каси бемордорам.

* * *

Як ситора,
Як ишора,
Як нигоҳи хираи нуре,
Сард ҳам бошад,
Фанд ҳам бошад,
Кош, ки дар осмони умр метобид,
То барои зиндагӣ кардан сабаб мешуд.

* * *

Зимистон мурд,
Сарандози сафедаш бар сари кӯҳе
Ба ранги латтаи чӯби мазоре монд.
Чу фарзанде, ки монад аз зани пире
Пас аз марги зимистон ҳам баҳоре монд.

* * *

Боғ ҳамчун занони ғарбпараст
Зард кардаст ранги мӯяшро.
Гул ба ҳар боди раҳгузар додаст
Исмати покиҳои бӯяшро.
Осмон ҳам гиреҳ дар абрӯ,
Кӯчаҳоро ба ашк мешӯяд.

* * *

Рӯи ту ошност,
Бӯи ту ошност,
Лабханди пурхиҷолати гумҷӯт ошност,
Эй омада ба хоб
Арвоҳи ланги хираи он ишқи мурдаӣ.

* * *

Нафас дар боғ ях баста,
Сари як хас намеҷунбад.
Гуле дар боғ мемирад,
Зи ҷо як кас намеҷунбад,
Зимистон аст.

* * *

Як чакра чакид аз чашм
Бар доману дарё шуд,
Як оҳ вазид аз лаб
Гармо буду сармо шуд.
Бигзашт баҳори умр,
Дил барги таги по шуд.

* * *

Ғуруби офтоби Шарқ
Тулӯи дигаре дорад,
Сукути фарри ҷамшедӣ
Фаридунофаре дорад.
Ало, эй морбардӯшон,
Ватан оҳангаре дорад.

* * *

Бисӯзонам,
Бисӯзонам,
Ки майли сӯхтан дорам.
Фурӯзонам,
Фурӯзонам,
Чароғи мурдаи дилро
Ҳанӯзам қудрати афрӯхтан дорам.

* * *

Боғбони пир
Мекашад нусхаи ҷавонияш
Бар ҳарири хок
Бо гулу сабзаву таронаву созаш
Лавҳи тасвири ӯ вале зард аст.

*   *   *

Бод дар кӯчаи бесарпанаҳӣ сарсон аст,
Боғ аз ғуссаи бебаргии худ гирён аст.
Гул шаҳиди майдон,
Ҳама ҷо тӯфон аст,
Ҳама ҷо афғон аст.
Одам ифротии худкуш шудааст,
Осмон ларзон аст.

*   *   *

Соате бо боғ будан,
Аз ҳавои боғ гаштан атрогин,
Субҳро оғӯш кардан,
Нӯшбоди баргҳоро ошиқона гӯш кардан,
Гӯш кардан,
Гӯш кардан,
В-аз шароби зиндагонӣ бехудона нӯш кардан,
Нӯш кардан,
Нӯш кардан,
Мастие дорад, надорад
Сӯфии дар ҳолати ваҷд.

*   *   *

Бузургие чунону хоксорие чунин, модар,
Бузурги хоксоре ҳамчу ту дигар намедонам.
Худоҷӯям,
Худотарсам,
Мусулмонам,
Баимонам,
Туро лек аз Худои тори сар камтар намедонам.

***Ин қадар меҷӯшад***
***ин дил, метапад,***
***Оқибат ин чашма***
***дарё мешавад.***

## НИГАРОНАМ

Бар зарвароқи зарди хазон чашм давонам,
Бисёр қадимист хаташ, хонда натонам.
Фарсуда ҳама сафҳаву авроқу хаташ кӯр,
Таърихи баҳор аст, натонам, ки бихонам.
Чашмам ба варақҳои хазон аст, дилам танг,
Аз бими хазонрезии дунё нигаронам.
Чун аз паи тобути азизе, ки барандаш,
Думболи баҳоре, ки гузаштаст, равонам.

## БОЯД

Шаб моҳтоб рӯй ниҳон дар саҳоб кард,
Исматзидастдодае макри ҳиҷоб кард.
Бо лаҳни нарм ғорати гул мекунад насим,
Девори нарм метавон осон хароб кард.
Омад садои ғайбии бедорхоби шаб,
Ҳушёр бош, кофаре динро ниқоб кард.
Бояд нахӯрд пош ба ҳар қатрае чу нур,
Аз зарраҳои нур яке офтоб кард.

## ЭЙ СУБҲ

Бидам, эй субҳу ғарқам кун дар он дарёи нуронӣ,
Ки дудолудаам кардаст дуди оҳи инсонӣ.
Ба чакдони сияҳсардон чу нони мо намечаспад,
Сафед аз сӯхтанҳо кун диламро мисли чакдоне.
Дар ин дунёи лағзишҳову афтишҳову хезишҳо
Хато кардам, гунаҳ кардам, бикардам сад пушаймонӣ.
Валекин дар намоз истодаам пешат чу нахли сабз,
Ки дар зикр аст ҳар баргам ба оятҳои қуръонӣ.
Накардаст аз дилам берун таманнои висолатро
На боронҳо, на бӯронҳо, на сармои зимистонӣ.
Ман он тифлии Зардуштам, ки Ҳурмузд аст дар пуштам,
Маро оташ намесӯзад, нагирад сеҳри шайтонӣ.

## ЧИВУ ЧАНДИ ДУНЁ

Дарси шогирдии мо чуну чаро хоҳад буд,
Ки ҷавобаш ҳама бар дасти Худо хоҳад буд.
Медавад ақрабаки соату умр аз паи он,
Хатти оғоз куҷо, марра куҷо хоҳад буд.
Шарти ин пайгаҳи маҷбур ба ҳукми довар
Нафасе рост кунӣ, ғайри раво хоҳад буд.
Набарад ҳеҷ касе сарвати  дунё бо худ,
Одамӣ баъди сараш зори дуо хоҳад буд.

## САВДОИ УМР

Ёри савдогари мо аҳду вафо мехоҳад,
Ҷон ба сарбории дил вақти баҳо мехоҳад.
Зиндагӣ сабру таҳаммул талабад аз дили мо,
Ин хазон аз гули бечора чиҳо мехоҳад?
Пеши ғам мартабаву манзалате доштаем,
Ки миёни ҳамаи халқ маро мехоҳад.
Ишқи тармарги маро ёд кунӣ, ёр, бас аст,
Мурда аз зинда фақат дасти дуо мехоҳад.
Беҳ аз оне, ки намози бариё мехонад,
Бенамозе, ки шафоат зи Худо мехоҳад.

## ДЕҲҚОН

Эй, ки пошад донаи рӯзии мардум мушти ту,
Эй, ки бошад шохаи пурбор даҳ ангушти ту.
Хишту санги зиндагӣ шӯрида аз оби ҷабин,
Пойдевори бинои зиндагонӣ пушти ту.
Осмон доирадасту офтобаш доира,
Дар ҳавои офтоби гарм гарм арғушти ту.
Дискатики айшу ишратҳост аз ранҷат ба ҷӯш,
Равғанин нони касу нокас шуд аз чархушти ту.

## ҒУРБАТЗАДА

Ғурбатзада месӯзад, бегона чӣ ғам дорад,
Дунё, ки алав гирад, девона чӣ ғам дорад.
Гар канда шуд аз шона чун тори асаб мӯе,
Машшота, ки бепарвост, ин шона чӣ ғам дорад.
Дар арзу баёни дил шуд нола забони дил,
Аз сӯзи ниҳони дил ҷонона чӣ ғам дорад.
Дар қасри баландӣ ту, мардумнаписандӣ ту,
Охир зи куҷо донӣ бехона чӣ ғам дорад.

## ДУДИ БОРИК ДАР ҶАҲОНИ ТОРИК

Дилам пур аст аз моводи сӯхт, хомӯшам,
Чароғи куштаи рӯзам, аз он фаромӯшам.
Кашидаанд дарахтон чун ҷанозахонон саф,
Чу куштаҳои гулу сабзаҳо кафанпӯшам.
Ҳавои ҷути аламҳо чу парда дар чашмам,
Садои пои хатоҳо чу таъна дар гӯшам.
Мане, ки ҷӯш задам чашмаи баҳоривор,
Хазони умр расиду дигар намеҷӯшам.

## МУЖДА

Сабзаи ташнаравон, мужда, ки борон омад,
Абри боронбабағал сӯи биёбон омад.
Лонаи холии вайрони сари шох, паём
Боз аз дарбадарӣ мурғи гурезон омад.
Назанад субҳ аз ин баъд ба абрӯш гиреҳ,
Бод бо хушхабари марги зимистон омад.
Боз дар боғу чаман тантанаи ҳамзистист,
Боз сарҷамъ ба ҳам қавми парешон омад.

## ДУНЁИ ЧАПАГАРДОН

Куштору ғорат шуд ҳалол,
Бас раҳму шафқат шуд ҳаром,
Ғадру хиёнат шуд ҳалол,
Сидқу садоқат шуд ҳаром.
Ҷаҳлу ҷаҳолат шуд ҳалол,
Ҳушу фаросат шуд ҳаром..
Кину адоват шуд ҳалол,
Ишқу муҳаббат шуд ҳаром.
Одам ба одам гургу саг,
Амну амонат шуд ҳаром.
Бадзотҳо зотӣ шуданд,
Аслу наҷобат шуд ҳаром.
Шӯри қиёмат шуд ҳалол,
Хоби бароҳат шуд ҳаром.
Саҷҷодасон покиза буд
Хоке, к- ибодат шуд ҳаром.

## БОРИ ГУНОҲ

Одамӣ аз назари лутфи Худо афтодаст,
Ки чунин зор ба чанголи бало афтодаст.
Нолахез аст замине, ки тарабово буд,
Табли осоишу шодӣ зи наво афтодаст.
Мори дарбон шуда бо душмани Одам ҳамдаст,
Макри Шайтон ба дили Момаҳаво афтодаст.
Мазҳабу ҳизб шуда номи ҷудоандозӣ,
Дар ҷаҳон ғулғулаи ҷангу низо афтодаст.
Алами ҷаҳл барафрошта дар ходаи макр,
Парчами ақлу хирад дар таги по афтодаст.
Бар сари кӯҳ ниҳӣ, кӯҳ шавад хурд чу гард
Бори андӯҳ, ки бар шонаи мо афтодаст.

## ПАЙГУМ

Нишоне андар ин раҳ аз саворон нест,
Ба ҷуз гарду ғубори як биёбон нест.
Гули дидорҳо нашкуфта хушкидаст,
Хазонро раҳму шафқат бар гулистон нест.
Чароғе не, садое не, нишоне не,
Ба ҳар сӯ бингарӣ, ҷуз реги тафсон нест.
Шавад аз сарҳади одамгарӣ берун
Агар одам, ягон ваҳшӣ чу инсон нест.

## САРИ БУРИДАИ РӮЗ

Чун сари буридаи Эраҷ
Офтоби шом хуншор аст,
Осмон ҷомаи сияҳ бар тан
Чун Фаридуни пир азодор аст.
Зурядӯстэраҷон ками дар кам,
Ин қадар Салму Тӯр бисёр аст.
Даҳр беморхонаи рӯҳист,
Асри мо асри рӯҳбемор аст.

## НАЁ ДАР ХОБИ МАН

Дигар наё дар хоби ман, дарди сари бехобиям,
Эй дода осонам зи даст, акнун чаро мекобиям.
Бо ту будан буд зулми зӯр,
Бе ту будан аз бахти кӯр,
Эй хотироти дарбадар дар кӯчаи бетобиям.
Дигар наҷӯ шабҳо маро, дар гӯшаи танҳо маро,
Мон чархгардонам чу каф дар ғуссаи гирдобиям.

## ҲУШДОР

Гул, бо даҳони боз мадеҳ рангу бӯ ба бод,
Бар бӯсаҳои бод дигар эътибор нест.
Дар чашми хунгирифтаи носерами хазон
Як зарра раҳм бар туву боғу баҳор нест.
Дигар чӣ ҷои исмату покизадоманист,
Обу ҳавои зиндагӣ чун беғубор нест.
Эй хӯрда фанд борҳо аз зудбоварӣ,
Афсонаи бародарӣ ғайри шиор нест.
Нороҳатист роҳати асри балотабор,
Як қатра дар талотуми тӯфон қарор нест.

## ХАВОТИР

Рӯзе ба сар чу мардуми овора мебарам,
Чун мардикори хастаи бечора мебарам.
Чун қатра пош мехӯрам то ҷамъ мешавам,
Чун чашма роҳ аз дили сад хора мебарам.
Қоматхамида меравам, аммо на нотавон,
Бори ғами замонаро пуштора мебарам.

## СУБҲ

Буд чодарпӯшу чодар дар алов андохт субҳ,
Дар ҷаҳони мурдахобон инқилоб андохт субҳ.
Дар гумони тираи нодидаангорони шаб
Рӯшанӣ аз барқи нури офтоб андохт субҳ.
Пок кард оинаи хотир зи гарди дуди шаб,
Носавобандешагонро дар савоб андохт субҳ.

## РАҲМОНДА

Эй дил, ба мақоми дили огаҳ нарасидӣ,
Аз пайраҳаи танг ба шаҳраҳ нарасидӣ.
Дар киштии кайҳонии азми ту чӣ нуқс аст?
То Зуҳраву то Мирриху то Маҳ нарасидӣ.
Хоки дари масҷид чи билесиву налесӣ,
Аз пой задӣ, лек ба даргаҳ нарасидӣ.

## ПАЙКИ НАВРӮЗ

Насими субҳ мегардад чаманро,
Ғарибе дам кашад бӯи Ватанро.
Канори сабзаи нарми баҳорӣ
Бубахшад лаззати оғӯши занро.
Шавад бедор завқи ишқбозӣ
Диҳад афтоб чун гулзор танро.
Чаман наврӯзгоҳи сайри наврӯз,
Зи гул пӯшида гулбун пираҳанро.
Биё, Наврӯз, чун ҷамъияти гул
Ба сеҳрат мо бикун ин мову манро.

## ҚАДАМИ НАВРӮЗ

Наврӯз зи сар омад, бо ҳусни дигар омад,
Пироҳани гулдӯзӣ пӯшида ба бар омад.
Идона ҳама созаш, шодона ҳама нозаш,
Бо соғару бо бода риндона зи дар омад.
Гулбонги тамошо шуд, гул дар бари гул ҷо шуд,
Нахчири тамошобин бар кӯҳу камар омад.
Домон зада бар деҳқон, домон пури зар деҳқон
Такбиру дуогӯён бо расми падар омад.

## ДАРМОНДА

Кори мо бар соқии абрӯгираҳ афтодааст,
Кайфи майхорон ба аҳволи табаҳ афтодааст.
Хавфи тӯфон дар сукути ҷоми ором аст чун
Қатраи хуни дили мо дар қадаҳ афтодааст.
Ин ки месӯзад канори раҳ чароғи кӯча нест,
Шуълаи шамъи умеди мо ба раҳ афтодааст.

## АЗ ДИДА ЗАНАМ ОБ

Як рӯз набошад, ки начӯям  асаратро,
Як бод намондаст, напурсам хабаратро.
Чашмон ба дару ҳуш ба раҳ, гӯш ба овоз.
Ҳастем, ки бинем тулӯи саҳаратро.
Парвардаи обу гили умеди ман астӣ,
Эй нахли барӯманд, кӣ чинад самаратро.
Аз ҳасрати бе ту буданам қисса кӣ гӯяд,
Кӯтоҳ кунад то раҳи дури сафаратро.
Хуршедқадам,субҳтулӯи саҳароҳанг,
Муштоқ шудам партави нури  саҳаратро.
Онам, ки ба домони ту гарде написандам,
Аз дида занам об, биё, раҳгузаратро.

## НОЗИ ЗИНДАГИСТ

Дар хун тапидани дил як ҳолати равонист,
Дорои ишқ будан аз сарвати ҷавонист.
Умеди норасида чун шохи тарбурида,
Ашки чакидаи мо борони ногаҳонист.
Захми тани дили мо, осону мушкили мо,
Дар гирудори дунё сахтии имтиҳонест.
Ҳар дам ба ҳар баҳона,бо нози дилбарона,
Озор додани мо  шӯхии зиндагонист.

## ТАМАННО

Умри якранги маро аз қадамат рангин кун,
Лутф бар куштаи Фарҳоди худ, эй Ширин, кун.
Талаби марг ба Каъба накунам чун ҳоҷӣ,
Талаби марг кунам аз ғами ту, омин кун.
Бикушам, ҳеҷ касе аз ту гумонбар нашавад,
Кас бипурсад агарат, ишқи маро зомин кун.
Баҳри хотири мани зор на, аз баҳри Худо
То барӣ  номи маро гоҳ лабе ширин кун.

## ВАРАҚИ ПОРАИ ГУЛ ДАР КАФИ БОД

Бод барги гул ба чангу беқарор афтодааст,
К- ин варақ аз дафтари сабзи баҳор афтодааст.
Мисраи шеъри равон буд ҷӯй дар девони боғ,
Норавон монанди сатри сактадор афтодааст.
Базм сарду барг зарду косаи гул рӯи хок,
Хома аз гуфтору табъ аз гирудор афтодааст.
Лона ҳайрон, мурғ сарсон, шаҳри вайрон боғу роғ,
Шӯру шавқи назми базм аз эътибор афтодааст.
Анкабуди сардбурда дар замин ҷон меканад,
Дорбозе гӯиё аз тори дор афтодааст.
Хона сарду кӯча сарду сард нури офтоб,
Ин чӣ сармоест дар ин рӯзгор афтодааст.

## АЗМ

Хоҳам зи дил биронам ин дарди беҳаёро,
Бар хона пас биёрам сабри гурезпоро.
Бо ишқу меҳрдорӣ, дар аҳд устуворӣ,
Расми вафо диҳам ёд ин даҳри беВафоро.
Дар Шарқу Ғарби сина ғавғои меҳру кина,
Бар оштӣ биёрам ин ҷангу моҷароро.
Борам зи абри шафқат борони файзу раҳмат
Бояд фурӯ нишонам ин оташи балоро.

## НАГӮЯМ ЗИНДАГӢ…

Нагӯям зиндагӣ танҳо ғамам додаст,
Зи ҳарчӣ хостам бешу камам додаст.
На чандон шод будам, ки надонам қадри шодӣ чист,
На ғамдоре, ки гӯям зиндагонӣ мотамам додаст.
Агар пои умедам дар талоши орзу бишкаст,
Шикастабанди қисмат мӯмиёи марҳамам додаст.
Агар чун шамъ танҳо сӯхтам дар ҷамъи бедардон,
Зи оташ тоҷи заррину зи соя ҳамдамам додаст.

## АЗ ЗИНДАГӢ ЧӢ ДИДАМ

Аз зиндагӣ чӣ дидам?
Фанду фиреби рангин,
Аз дасти ӯ чӣ хӯрдам?
Доруи талху ширин.
Ҷабраш чу лутфи золим,
Лутфаш чу зарби қамчин.
Ашке чу моли мумсик
Дорам ба зери  болин.
Озурданош шӯхӣ,
Нозу нузош бекин.
Бо зиндагӣ чӣ сонам?
Як қадрдони дерин.

## МУЖДА

Мужда ҳар дам зи дами боди сабо меояд,
Хабари ёри сафаркардаи мо меояд.
Шод шав,табъи малӯли дили озурдадимоғ,
Бӯи бахт аз нафаси гарми ҳаво меояд.
Медамад субҳи умед аз алами навмедӣ,
Боз бар хонаи дил нуру сафо меояд,
Ин чӣ тағйир, ки дар хӯи замон афтодаст,
Ки дигар бор ба оини вафо меояд.
Эй ки чашмат ба раҳи ёр чароғи кӯчаст,
Сабаби чашми ба роҳат, ба Худо, меояд.

## БАРНАГАШТӢ

Чашмам чароғи раҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ,
Рӯзам шаби сияҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Дил бо ту буд обод,, дил бе ту рафт барбод,
Кори дилам табаҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Печид риштаи раҳ чун пойтоба дар по,
Роҳи умед таҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Оини ишқбозӣ буд нангу сарфарозӣ
Ё ошиқӣ гунаҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Гуфтам бароядд афтоб аз дар чу шуъла ойӣ,
Афтоб ҳам панаҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.

## ХОКИ БЕНАМОЗ

Ин майсае, ки ҳар баҳор аз хок медамад,
Мижгони кист ин қадар намнок медамад?
Хуни кадом куштаи теғи хиёнат аст
Гул, ки чу хуни синаи садчок медамад?
Ашки кадом ҳасратист  ин гиряи ҳаво?
Ҷут оҳи кист ин қадар ғамнок медамад?
Дигар ба хок чун тавон кардан таямуме,
Ҳар чӣ зи хок медамад, нопок медамад.

## БОНГИ ХАТАР

Боз баҳри фитна тӯфон мекунад,
Офиятро хонавайрон мекунад.
Меканад занҷирҳоро Аждаҳок,
Мағзҳоро хӯрди морон мекунад.
Мешавад сарҷамъ қавми мордӯш
Хоки раҳ қавми парешон мекунад.
Медамад тафбоди офатбори ҷаҳл,
Бӯстонҳоро биёбон мекунад.
Зиндагиро медиҳад он фанди хоб,
Маргро гаҳворачунбон мекунад.

## ЯХҶӮШ

Ҳама ях кардааст, ин чӣ зимистон аст?
Яхи порисаҳо мижгони гирён аст.
Касе ҷуз пеши пои худ намебинад,
Ҳавои зиндагонӣ кӯракистон аст.
На раҳрӯбе, на шабгарде, на раҳҷӯе,
Чароғи кӯчаҳо чун чашми ҳайрон аст.
На овозе, на парвозе, на анҷоме, на оғозе,
Садое ҳаст агар, он  ҳам садои пои борон аст.
Рагу пайванди ҷӯи мурда хомӯш аст,
Гулу хору гияҳ чун ҷисми беҷон аст.
Худо бар боди дайду додааст имрӯз,
Ки ҳамчун аспи ҷавмастест, тозон аст.

## ТАҚДИР

Ин расми даҳри пирро то мо навиштаанд,
Савдои дору гирро кайҳо навиштаанд.
Дар пурсуҷӯи ҷуфти дил аз по задем, лек,
Дар номаи азоби дил танҳо навиштаанд.
Андар миёни чӯбу чахс аз пушти донае,
Мӯрон хати ҳаётро бо по навиштаанд.
Ин доғу дарди зиндагӣ на ихтирои мост,
Дар ҳар саре, ки ҳасту буд, савдо навиштаанд.
Бар ҳар касе супурдаанд иншои хонагӣ,
Мавзӯи он кашокаши дунё навиштаанд.

## АСРИ БЕМОР

Иффати ҳусн мефурӯшад боз
Хоку хокистаре, ки маҳтоб аст.
Ин сияҳпарчамон чӣ бебоканд
Дар шабехун ба он, ки пурхоб аст.
Боз кун, боз чашми ақлатро,
Хоб ғафлат, замона нобоб аст.
Ин ки сӯят ба шаб занад чашмак,
На чароғ аст, кирми шабтоб аст.
Шабпарастон, зи шаб ҳазар созед,
Чашми гул ҳар саҳар пур аз об аст.
Дӯстбозиҳо ғарамбозист,
Хасм бисёру дӯст камёб аст.
Асри мо, ҳамзамину ҳамасрон,
Асри вирусзада-ст, нотоб аст.

## СУОЛИ БЕҶАВОБ

Ин ҷаҳон гӯшаи зиндони кӣ буд?
Як дами хуш задан армони кӣ буд?
Гиряи талхи ҳаво, нолиши бод
Боиси хоби парешони кӣ буд?
Чӣ касе бори ғамашро накашид,
Ғусса сарбории товони кӣ буд?
Ин замине, ки харобобод аст,
Хонаи дар раҳи тӯфони кӣ буд?

## ҒАМИ МАН АЗ МОСТ

Ғами ман нест ғами донаву об,
Ғами ҳар қавми ба ноҳақ хор аст,
Ғами ҳар озор аст,
Ғами ҳар аскари дар марзи Ватан бедор аст,
Ғами душмандор аст,
Ғами ман бисёр аст.
Ғами ман нест ғами хӯрдану хоб,
Ғами ҳар майсаи сабзи таги пост,
Ғами ҳар навдаи аз реша ҷудост,
Ғами дасти ба дуост,
Ғами осӣ ба Худост,
Ғами ҳар як нафаси кандахатост,
Ғами ман нест ғами ман,
Ғами мост.

## ТУРНАҚАТОР

Турна хати шикастае дар осмон навишт,
Байти равон ба дафтари зарди хазон навишт.
Рафту чӣ гуфту рафт, надонам, чу тарҷумон,
Килки алам ба сафҳаи хотир фиғон навишт.
Дар барги зард чакраи хуни баҳори сабз,
Бо оҳи сард бод дареғи ҷавон навишт.
Нақше, ки буд аз паи пое ба раҳ бишуст,
Борон гузашти умр ба оби равон навишт.
Ҳушам ба бонги турнаву гӯшам ба ҳарфи дил,
Гуфтам, ки чист тарки Ватан, тарки ҷон навишт.

## НАМЕҒУНҶАД

Чу меоӣ, дигар ҷон дар либоси тан намеғунҷад,
Сухан сар меравад, дар қолаби гуфтан намеғунҷад.
Азони бомдодам шарфаи боли қадамҳоят,
Ҳазорон ракъат аст ин ҷо, ки дар хуфтан намеғунҷад.
Ту дарёиву ман қатра, ту дунёиву ман зарра,
Дар ин гулдони дил паҳноии гулшан намеғунҷад.
Чунон гум мешавам дар ту, ки ман худро намеёбам,
Чунон пур мешавам аз ту, ки ман дар ман намеғунҷад.

## ДАЪВАТ

Гул, аз хоби зимистон хез, гулшан шав,
Ба чашми гулфурӯш, эй хор, сӯзан шав.
Пур аз мӯру малах дидем дунёро,
Парешонӣ бас аст, эй дона, хирман шав.
Фалак бар қасди ту санги бало дорад,
Аё осоншикан, оина, оҳан шав.
Дарахти захмии боғи ҷаҳон моем,
Дигар нармӣ бас аст, эй пӯст, ҷавшан шав.
Чӣ гӯӣ: зарраам, аз ман чӣ меояд?
Агар гарди раҳӣ, дар чашми душман шав.
Бухориву хуросониву эронӣ,
Ман аз ту ҳастаму ту низ аз ман шав.
Чу соя дар дили шаб чанд гумномӣ,
Чу субҳ аз шаб бурун шав, рӯзи рӯшан шав.

## МУЖДАИ ҚАДАМ

Хабари омаданат муждаи борон бошад,
Ба гули ташна, ки маҳкуми биёбон бошад.
Ба тулӯи ту ғаму ғусса гурезад аз дил,
Ки чу хуршед расад, соя гурезон бошад.
Нафаси ғуссаи бе ту, ба висоли ту қасам,
Ба дарозии шаби ғуссаи зиндон бошад.
Чу нахоҳӣ, ки биоӣ ту, баҳонаст ҳазор,
Чу бихоҳӣ, ки биоӣ, гапи осон бошад.
Ҳама ҷо мешунавӣ ин, ки фалон буду намонд,
Ту биё, дӯст, биё, умр чу меҳмон бошад.

## БӮИ ХАЗОН

Табассум рӯкаши ғам дар лаби печидафарёд аст,
Нафас оҳест берун аз дили озурда меояд.
Ба ҳар чашме нигаҳ афсурдаи хотирпарешонист,
Ҳавас монанди тифли мурда аз дилмурда меояд.
Ба абри ғам наметобад дурахши ахтари бахте,
Ба ҷое корвони бахт раҳ нобурда меояд.
Пасоби охирин мешорад аз дарёи хушки вақт,
Зи боғи зиндагӣ бӯи гули пажмурда меояд.

## БУБИН

Ишқи туро чӣ пешдаро кардаам, бубин,
Дар хонаи худош[1] чӣ ҷо кардаам, бубин.
Лутфи туро ба кӯчаву бозор бурдаам,
Ҷабри туро зи ҳар кӣ баҷо кардаам, бубин.
Дунё барои роҳати мо офаридаанд,
Роҳатсаро сарои ҷафо кардаам, бубин.
Дар чашми тифл кӯчаву бозист зиндагӣ,
Пиронасар чу тифл хато кардаам, бубин.

[1] Худош – ишора ба дил

## ОМАДУ РАФТ

Субҳи дигаре омад бо созу навои нав,
Сози дигаре омад бо савту садои нав.
Дар пурсу суроғи кӣ, бо чуну чарои чӣ?
Шаб рафту саҳар омад бо чуну чарои нав.
Ҳар бор хато кардам, гуфтам, ки чиҳо кардам,
Бе чиву чиҳо омад як рӯзи хатои нав.
То ман ману мо гуфтам, пайванду ҷудо гуфтам,
Сад дарду бало омад бо ҳар ману мои нав.

## ЧАРО ?

Агар анҷоми раҳи ин сафарам оғоз аст,
Ману саргаштагии роҳи азобам роз аст.
Магар ин болкушои дили парвозбаланд
Ҳаваси пар задани ҷӯҷаи навпарвоз аст?
На манам хурмаи ширу на ҷаҳон полокест[1],
Ҳама ҷо гап-гапи полудану аз певоз[2] аст.
Ба задан қуфли дари шакку гумон боз нашуд,
Ҳама паспардаву дарбаставу пинҳонбоз аст.
Ба Худо ҳайратии кори ҷаҳонам он қадр,
Ки агар даргузарам, дидаи ҳайрат боз аст.

---

[1] Полок – чизест, ки бо он ширро меполоянд.
[2] Певоз – занҳои деҳа бо маслиҳат шири ҷӯшидаашонро ба яке ба муҳлати муайян медиҳанд, ки онро певоздор ва навбати ширро певоз мегӯянд.

## БУДУ БОШАД

Сӯхтан чун насиби мо будаст,
Ҳар нафас мешавад бурун, дуд аст.
Хомаи дасти мо сияҳҷома,
Номаи умри мо ғамолуд аст.
То Худо ҳаст, осие бошад,
То Худо буд, бандагӣ будаст.
Роҳати мурдаро Худо донад,
Зинда аз зиндагӣ наосудаст.

## НИҚОБПӮШ

Дӯстрӯянд душманон ин қадр,
Заҳрдандони хушзабон ин қадр.
Чашмашон аз ниқоб мерахшад
Ҳамчунон тӯтаи камон ин қадр.
Гови нарро ба шир меоранд,
Рӯхарошанду[1] ҳилладон ин қадр.
Тирашонро нишона дил бошад,
Хуб донанд ҷои ҷон ин қадр.

[1] Рӯхарош – бепарда,бешарму беҳаё.

## ТАМАНО

Ашки ман хур[1] шуд барои ғуссаи дамдӯзи ман,
Донаи дигар нахоҳад мурғи дастомӯзи ман.
Оташи рӯи туро дил диду оташбоз шуд,
Хонаи сабри маро сӯзад дили худсӯзи ман.
Хуфт бахтам бе ту чун мардум ба шаҳри бечароғ,
Чеҳра афрӯз, эй чароғи шаҳру бахтафрӯзи ман.
Аз Худо хоҳам кунад рӯзи сафедамро сиёҳ,
То шавад ҳамранги чашмони сиёҳат рӯзи ман.

## ИСЁН

Обрӯи хок мемонад гадоандешаро,
Пеши соғар хамшуданҳо хор созад шишаро,
Рӯи доғи дардро аз ханда рӯкаш кардаем,
Мекунад дар пӯст пинҳон нахл захми тешаро,
Боғбон аз ранги зарди боғ агар фоле назад,
Шохаи пажмурда донад иллати ҳар решаро.
Байни мову зиндагӣ андеша ҷанг андохтаст,
Меканам аз хонаи ҳастӣ паи андешаро.

[1] Хур – хӯроки парандаҳо

## ШАРОБИ ТАСАЛЛО

Дар дами пирӣ чаро ман бода афзун мехӯрам?
Мекунам ёди ғарибони Ватан, хун мехӯрам.
Дарди беандоза дорам, ки нағунҷад дар қиёс,
Бодаи ғамбодаи аз сабр берун мехӯрам.
Дар бухории дилам оташ нагирёнад касе,
Оташи дил мефурӯзам, бодае чун мехӯрам.
Хор дар по, сӯз дар ҷон, дар гулӯ фарёд банд,
Ханда дар лаб, доғ дар дил, ҷом маҳзун мехӯрам.

## БИЁ

Дасти кӯтоҳи умедам ба мuroде нарасад.
Ғамнасиб арчи кунад саъй, ба шодӣ нарасад.
Бахти пайгум, зи паят чанд давидем, нашуд,
Чанги хезонда, ки бар домани боде нарасад.
Рафт аз оинаи ёди ту гарди ғами мо,
Ҳар кӣ дур аз назар афтод, ба ёде нарасад.
Эй биё, дӯст, чу гард аз қадамат пар гирам,
Хоки роҳему бимонем чу боде нарасад.

## ЭҲСОНИ ЗИНДАГӢ

Бошад насиби хору хас борони зиндагӣ,
Мо гулбунему ташнаи эҳсони зиндагӣ.
Шукри ғамаш, ки бенасиб аз ғам набудаем,
Эй офарин ба ҳиммату имкони зиндагӣ.
Як умр саъй кардаму чашмаш нагашт ром,
Мондам агарчи ҷони худ бар ҷони зиндагӣ.
Дил мезанам чу ғук, Худо, ташнамур шудам,
Хушкидааст чашмаи ҷӯшони зиндагӣ.
Саҳроие, ки банда буд, озод шуд, чаро,
Озодаему хастаи зиндони зиндагӣ?

## ШӮХИИ СУБҲ

Аз чашми гул сиришки ғами шаб нарафтааст,
Табхоли тарс хун шуда, аз лаб нарафтааст.
Гулмиҷҷаҳои ашк зи милки гулу гиёҳ,
Аз ҷисми дардманди чаман таб нарафтааст.
Ғавғои субҳу мурдаи бемурдадори шаб,
Ин субҳ кӯдакест ба мактаб нарафтааст.
Фатвои кист, мурдаи шаб бе ҷаноза монд,
Мулло ба фаҳми маънии матлаб нарафтааст.

## ГАР ЧУНИН

Гар чунин ишқи Ватан ишқи риёӣ бошад,
Охири кори ватандор гадоӣ бошад.
Арзаи фазлу ҳунар арзи хатоандешист,
Аввали ҳарф чу пурсанд: кучоӣ бошад?
Ҳар кӣ даҳрӣ нашуд имрӯз, мунофиқ хонаш,
Фикри саҷҷоданишин чун ба худоӣ бошад.
Тарсам он рӯз, ки ин даҳр ҷаҳонӣ гардад,
Марги ҳар қавми худокушта ҷудоӣ бошад.

## АҶАБ ЗАМОНЕ

Бинолад санг ҳам дар осиёву дӯли пурдон ҳам,
Ки хоҳад рафт файз аз ганҷи доро, ранҷи деҳқон ҳам.
Пур аз доғ аст доман ғунчаи барчидадоманро,
Ба ғорат рафта дигар исмати боғу гулистон ҳам.
Намонда нокафонда муғчае дар шохаи сабзе,
Даронда иффати гул дузди раҳ, боди биёбон ҳам.
Ба дӯкони баҳор, эй ошиқи гул, гул намеёбӣ,
Ки гул гашта-ст бозориву бозорист гулдон ҳам.
Ба ҷуз орову торо нест кори фаслҳои ғар,
Хазон ҳам танфурӯшӣ мекунад акнун зимистон ҳам.

## УМЕД

Аз ёди ҳама рафтам, дар ёди ту мемонам,
Чун хотираи шоду ношоди ту мемонам.
Дар кунҷи фаромӯшӣ, беҳушиву боҳушӣ,
Дар оҳи бадарди ту, фарёди ту мемонам.
Гар сатри хато будам, беҷову баҷо будам,
Дар поваранқи зарди эҷоди ту мемонам.
Чун сабза равам дар хок, чун ғунча шавам дилчок,
Дар роиҳаи субҳи гулбоди ту мемонам.
Эй аз ҳама волотар, эй аз ҳама зеботар,
Дар ёди ту мемонам, дар ёди ту мемонам.

## ТАВБАИ ЯЪС

Соқӣ, ба ҷанги бодаи нобам нахон дигар,
Зӯрам намерасад ба маи паҳлавон дигар.
Чун моли пир қуввати пайгаҳ намекунам,
Кул мехӯрам[1] ба ҳар қадами норавон дигар.
Мӯи сафед парчами таслим кардаам,
Ҳастам асири лашкари вақту замон дигар.
Лутфи баҳор бар ҳама якхелааст, лек.
Ҳоли дарахти пир дигар, аз ҷавон дигар.
Бозори айшу ишратам акнун касод шуд,
Бармекашам натиҷаи суду зиён дигар.

[1] Кул хӯрдан – пешпо хӯрдан.

## ШУКРИ ХУДО

Бар мо зи ёр ҷабру ҷафо омаду гузашт,
Бар сар ҳазор дарду бало омаду гузашт.
Боре, ки дошт боғи тараб, бодреза шуд,
Аз боғбони бахт хато омаду гузашт.
Захме, ки монд дар дили мо, буданӣ будаст,
Тире, ки дохт дасти қазо, омаду гузашт.
Моро накушт душману мо куштаи худем,
Бар мо ҳар он чӣ рафт зи мо, омаду гузашт.
Баҳси низои мову шумо то куҷо кашид,
Наҳси низои мову шумо омаду гузашт.
Гарчи гуноҳ пеши Худо карда будаем,
Шукри Худо, ки хашми Худо омаду гузашт.

## НАВБАТ

Шодӣ ба чӣ ҳол аст, ки ғам дидадаро шуд,
Ҳайфи дари умед, ки бегонасаро шуд.
Дил лонаи матруку ҳавас мурғи фирорӣ
Мурғе, ки наво дошт, дар ин боғ куҷо шуд?
Коно чӣ кунад? Ишрату доно чӣ? Гадой,
Поҳо ҳама сар гаштаву сарҳо ҳама по шуд.
Дар чашми касе ҷилваи барқи ҳавасе нест,
Умед чӣ буд, эй дили ман, бин, ки чиҳо шуд.
Хам гашт қади рост чу ангушти камонкаш,
Ҳар як нафаси умр чу тири бахато шуд.
Раҳтуша надорем, таваккал ба Худоем,
Ёрон ҳама рафтанду сафар навбати мо шуд.

## БОЯД

Рафтагон рафтанд, фикри мондагон бояд кунем,
Дар мақоми сабр худро имтиҳон бояд кунем.
Остони худ надида осмон ҷустем чанд,
Остони пасти худро осмон бояд кунем.
Чанд менолӣ, ки миллат пир шуд, чун боғбон
Ин дарахти пир пайванди ҷавон бояд кунем.
Хушк шуд дарёи мо, то рафт бар шохобҳо,
Боз аз ин шохобҳо баҳри дамон бояд кунем.
Тоҷ дар осорхона, як сари шоиста нест,
Як сари шоистаи тоҷи каён бояд кунем.
Сарзамини ориён чун суфраи сагкандаест,
Суфраро озод аз чанги сагон бояд кунем.
Мо зи авлоди Худо ҳастем,мегӯянд, чун
Саҷда сӯи қиблаи бегонагон бояд кунем?
Бояд аз ҳар чакра хуне офтобе сохтан,
З-он ҳама як офтоби ориён бояд кунем.

## ТАСЛИМ

Пирӣ шикаст дод сипоҳи умедро,
Бардоштем парчами мӯи сафедро.
Дар кӯи дил, ки арсаи ин корзор буд,
Ношуста гӯр мекунам ишқи шаҳидро.
Дигар ба пои ҳавсалаам қуввате намонд,
Бар хилвате кашидаам ғавғои идро.
Қуфли дари ҳаловати дил во намешавад,
Дар қуфли дил шикастаам банди калидро.

## БОҒУ БАҲОР

Ҷашни Исост гӯиё гулҳои боғро,
Кардаст ҳар дарахт авезон чароғро.
Дасти баҳор медиҳад атри бухор пош,
Хушбӯие, ки мекунад хушбӯ димоғро.
Боғу баҳору чаҳ-чаҳи мурғони хушгулӯ,
Мӯи набуда сих зад бар сар кулоғро.
Ҳушу хаёл, ҳарчи буд дар базми боғ буд,
Дигар набуд ҳоҷати пурсу суроғро.
Зангоба рехт аз шабу шуд деги шаб сафед,
Доғе намонд ҳасрати дилҳои доғро.

## БОЗ

Дардам, ки кабоби ҷигарӣ кард ҳавас боз,
Бӯи ҷигари сӯхта ояд зи нафас боз.
Аз сабзадами ишқу баҳори тараби сабз,
Мондаст ба саҳрои дилам тӯдаи хас боз.
Аз хок хабар дораму аз оқибати хеш,
Гӯшам бидиҳад чанд садо[1] ҳамчу магас боз.
Аз давлати пирӣ, ба Худо, рӯ ба гурезам,
Ё раб, ба ҷавонӣ бубарам пои ба пас боз.

[1] Садо додани гӯш – ривоятест, гӯё ҳар бор гӯш овоз диҳад, Худо бандаро аз хок хабар медиҳад, яъне, мирандаӣ, аз марг ғофил мабош.

## МЕҶӮШЕМ МО

Баски байни тӯдаи хасрӯба меҷӯшем мо,
Ҳар қадар чун чашма мекӯшем, хаспӯшем мо.
Дар дабистони замона нест ҷуз дарси шикам,
Дониши аз хотири мардум фаромӯшем мо.
Раҳрави шабмондаи гумроҳи таърихем, шаб
Дар суроғи як чароғи хира мекӯшем мо.
Ҳеҷ суде нест фарёди дили бедорро,
Зери боми хуфтагони пахтадаргӯшем мо.
Дар даҳони мор бошад ҷони дар сӯзоки ғам,
Гарчи чун дасти шикаста андар оғӯшем мо.

## ЧӢ КАРДӢ

Сурхчашмиҳо ҷавонӣ ҳамчу оташгир кард,
Чун хамираш нарм охир оташи тақдир кард.
Ҳамчу шамъ аз ростӣ оташ ба сар месӯхтем,
Рӯзгори каҷкамон моро хаёли тир кард.
Ширҳои хӯрдаро аз почаи бинӣ кашид,
Мумиёи мӯи моро ҳал даруни шир кард.
Бӯрёбофон чу Хусрав коми Ширин ёфтанд,
Хуни дил Фарҳодро рӯзӣ зи ҷӯи шир кард.
Мекунам ёди шумо, ҳамсуҳбатони гармрӯ
Сардии рӯи хунукрӯён маро дилгир кард.
Зиндагиро дар либоси сабз мехоҳам кашам,
Ранги зарди зиндагиро сабз чун тасвир кард?

## НАМЕШАВАД

Ҷон, ки ба ту бубахшамаш шармшикан намешавад,
Нусхаи қоғазии гул зеби чаман намешавад.
Бӯи шароб мекунад кӯзаи мо шавад сафол,
Баски хумори ту ҷудо аз гили тан намешавад.
Аз кафани ватангадо бӯи Ватан намерасад,
Оҳи ғарибмурдаро хок кафан намешавад.
Ин ватани маризро монда куҷо гурезаӣ,
Захми тани Ватан даво бе туву ман намешавад.

## ЧИҲО ШУД

Қалам гапгир буд, гапнодаро шуд,
Сухан таскини дил буд, моҷаро шуд.
Тараб, ки ошно буд, душманӣ кард,
Ғаме, ки душманам буд, ошно шуд.
Сиришкам орд шуд чун донаву рехт,
Ду чашмам ранги санги осиё шуд.
Ду дастам дар ҳаво монда, Худоё,
Чу домони ту аз дастам раҳо шуд.
Танам чун кундаву дардам зимистон,
Замони гулфишониам куҷо шуд?

## БӮИ ҒАЙР

Бӯи ғарбӣ мекунад боди сари пурбоди мо,
Лаҳҷаи бегона дорад мурғи навфарёди мо,
Хомсӯзи сусту сахтии алови қисматем,
Ё ки моро хом кандаст аз танӯр аждоди мо.
Дар бинои эътиқоди мо шикаст афтодааст,
Лои нохелида бошад хишт дар бунёди мо.
Сели фаҳшолуда мерезад ба рӯди поки Шарқ,
Шеваи озодагӣ гум мекунад озоди мо.
Кас намешӯяд ғубори рӯи моро ғайри ашк,
Дасти моро меканад он, ки кунад имдоди мо.

## ОХИРИН БОДА

Охирин мастӣ гузашту охирин соғар шикаст,
Шиша муфлис шуд, парӯ афтод пушти дар, шикаст.
Ваҳ чӣ дар маҳфили мастон фахри минбар доштем,
Пирии нохонда омад, савлату минбар шикаст.
Дӯш рӯи мичмари улфат сипанди айш буд,
Тавбаи ишратбаҳамзан омаду мичмар шикаст.
Коғази рӯ шуд сиёҳ аз хат кашиданҳои вақт,
Коғази тан таҳ ба таҳ ҳамчун қати дафтар шикаст.
Рустами азми маро Шағғоди заъфи ҳол кушт,
Баҳмани паймоншикан паймони Золи Зар шикаст.
Бар сарам мӯи сафедам парчами таслим нест,
Ҳиллаи ҳарбист, ҷоиз аст дар лашкаршикаст.

## БА УМЕДИ ХУД

Зард шуд ранги ту аз сояпаноҳи дигарон,
Мекашӣ чанд, бигӯ, зачри гуноҳи дигарон.
Бандаи бандаи худ чун ту нагардид касе,
Тоҷи ту буд ҳамон фахри кулоҳи дигарон.
Аз дили хеш начустӣ раҳи асрори худӣ,
Чашмтар кард туро чашми ба роҳи дигарон.
Ибрат аз ғафлати Рустам нагирифтӣ, ки чӣ сон,
Бо ҳама зиракӣ афтод ба чоҳи дигарон.
Ғуссаи фоҷиаи давлати Сомон сабақ аст,
Пушти худ шав, чӣ шавӣ пушту паноҳи дигарон.

## ВАРАҚИ ПУРҒАЛАТ

Қоғази чеҳраи зардам, ки таги борон аст,
Варақи пурғалати дафтари мактабхон аст.
Умр аз бузраҳаи танг чу нахчир ба дав,
Сангрези таги пояш нафаси ғелон аст.
Ғанабам воҳимаи омади офат дорад,
Хонаам дар гузари ҳамлаи сад тӯфон аст.
Миллати соддаи бекинаи душмандорам,
Душманам дар гузари ғафлати ман пинҳон аст.

## ДИСКАТИК

Дар дискатики субҳ аҷаб рӯзи маҳшар аст,
Гулшан даридапардаву домони гул тар аст.
Шохе ба шох мезанад, гулбун ба хорбун,
Ҳаққо ҳуқуқи хору гул дигар баробар аст.
Рақси гул асту бӯсаи арзони гул ба бод,
Булбул ба сони ошиқи нодор музтар аст.
Шабнам фиреби бӯсаи хуршед хӯрдааст,
Бустон фиребхӯрдаи фаҳшии сарсар аст.
Гуфтам: ба роҳи рост кунам зиндагӣ, нашуд,
Аз афти кор зиндагӣ аз раҳ бурунтар аст.

## БАРФБОД

Барфбоду барфбоду барфбод,
Ин қадар дард аст дар фарёди бод.
Дар раги гул хуни сабзидан намонд,
Шохае ҷуз муғҷаи барфӣ назод.
Буд баҳоре, ё набуду хоб буд,
Нест гулшанро дигар чизе ба ёд.
Шамъи гирёнам ба шаҳри бечароғ,
Марги ман бе муждаи субҳе мабод.

## МИЖГОНИ ҚАЛАМ

Дар давоти дида мижгони қалам тар мекунам,
Номаи рӯзи сиёҳамро сияҳтар мекунам.
Ҳар киро аз сина берун мекунам ҷуз ишқи ту,
Хотирамро дар суроғи ту қаландар мекунам.
Бигзаронам ғуссаро аз чоҳи дил бар чоҳи чашм,
Ашкро бехонумони хокбарсар мекунам.
Аз таҷаллии ҷамолат мешукуфам ранги гул,
Аз тасаллии маҳолат нола дигар мекунам.
Менависам, мезанам хат сатрҳои умрро,
Боз аз сар достони зиндагӣ сар мекунам.
Ваъдаи аз ғам раҳоӣ медиҳад маргам агар,
Орёиам, ба қавли хасм бовар мекунам.

## БОВАФО ҒАМ

Агар ман дар балоям, дар бало ғам,
В-агар ман мубталоям, мубтало ғам.
Агар хоки заминам, дар замин ғам,
В-агар ман дар ҳавоям, дар ҳаво ғам.
Агар бегона шуд сад ошноям,
Ҳамеша монд бо ман ошно ғам.
Агар бар сад куҷо аз ғам гурезам,
Кунад пайдо маро аз сад куҷо ғам.
Хушӣ кардам агар, ғам дар барам буд,
Тараб ҷустам агар, буд муддао ғам.
Равад ғам, мезанад чашм аз пояш об,
Ки роҳат сабз бод, эй бовафо ғам.

## АЙ СОҚӢ

Надорам дирҳаме то пеши поят афганам, соқӣ,
Гарав бистон баҳои май зи тан пироҳанам, соқӣ.
Қадаҳ чун гул, ту гулгардон, гулоб аз косаи гул деҳ,
Ки то бошад, хумори он лаби гул бишканам, соқӣ.
Лаби рӯд асту наврӯз аст, соғар бар кафи ман неҳ,
Ки ин ҷо ташнае бошад агар, он ҳам манам, соқӣ
Шароби роҳатиам[1] деҳ, рубоби тоҷикӣ кун ҷӯр,
Агар дар ғурбатам ё дар Ватан, бо меҳанам, соқӣ.

## НАРАСАД

Нест тири аламе бар дили бадхӯ нарасад,
Роҳати даҳр ба ин ҷони балоҷӯ нарасад.
Раҳ ба раҳ рӯди ҳавасҳои дилам хушкида,
Чун Зарафшон, ки шавад сарфу ба Ому нарасад.
Оташи чеҳраи ту хонаи мардумсӯз аст,
Аҷаб ин аст, ки бар хирмани гесӯ нарасад.
Ҳеҷ гаҳ тири нигоҳи ту нарафтаст хато,
Лек дар куштани ушшоқ ба абрӯ нарасад.
Ҳар ки давлат талабад, аз сари ҷон мегузарад,
Ин арӯсест, ки бар ошиқи тарсӯ нарасад.

[1] Роҳатӣ – навъе аз шароби тоҷикӣ.

## БАРФ

Бофандааст боди дай гӯиву тор барф,
Рӯи ҳаво чу рағзаву чун нах қатор барф.
Аз бом то ба кӯчаву аз кӯча то куҷо,
Манзил сафед мекунад кампирвор барф.
Дар боғу роғ маҳфили мурғон зи ҷӯш монд,
Биншаст чун ба ҷои гул бар шохсор барф,
Мисли саре, ки мешавад аз фоҷиа сафед.
Кард арчаро сафедсар чун ғуссадор барф.
Кабки ҳилол мезанад худро ба буттазор,
Думболагир мерасад сайёдвор барф.

## ТЕҲРАЙ

Ташнагӣ бигзашт аз ҳад, Чашмаи ҷӯшон куҷост?
Танг шуд роҳи нафас, гулбоди Сумбулкон куҷост?
Лаззати Оби рубот аз коми ман ҳаргиз нарафт,
Талхкому ташнаҷонам, чашмаи дармон куҷост?
Об дар шаҳкоса додам духтари шаҳкосачашм,
Он нигоҳи сабрсӯзи орзуборон куҷост?
Мулки Терай[1], шеъри ман бӯест аз гулзори ту,
Хушгилу хушлаҳчаву хушрӯи Доғистон[2] куҷост?
Дар Қавоқу дар Сияҳҷангал намедонад касе,
Баччаи дилдодаи Ҷуливу Анҷиркон куҷост?

---

[1] Терай – Шӯрообод, Чашмаи ҷӯшон, Сумбулкон, Оби рубот.
[2] Доғистон, Қавоқ – номи чашма ва маҳалҳо дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин (Шӯрообод).

## БАҲОР МЕРАСАД

Баҳор мерасад, эй дӯст, омади баҳор хуш аст,
Маи вафо бинӯш, ки аҳди устувор хуш аст.
Баҳори сулҳу салоҳ асту оштӣ, сад шукр,
Дилат хуш аст, агар рӯзу рӯзгор хуш аст.
Чу кабки ташна туиву ҳаёт чашманишин,
Агарчи хавфи шикор аст, сайри чашмасор хуш аст.
Ҳазор ранг зада, бин матои сабзи адир,
Чу куртаҳои чакан бар қади нигор хуш аст.
Сабо ба гӯши гулу сабзаҳо чӣ мегӯяд:
Баҳор мерасад, эй дӯст, омади баҳор хуш аст.

## ДИГАРГУН КУН

Раҳи берун шудан аз ҷангали андуҳ мекобад
Дили шабмондаи раҳгум, ба сӯе раҳ намеёбад.
Ба чашми кӯдакӣ дидам ҷаҳонрову надонистам,
Ки дар оби мусаффо акс доим чаппа метобад.
Ба ҷуз чанге, ки мегирад гулӯ афтодаруҳиро,
Ба имдоди мададхоҳон қади чанге набиштобад.
Бирав, барномаи таълими дунёро дигаргун кун,
Чу бинӣ офтоб истода бар по, соя мехобад.

## БА ҚАҲ-ҚАҲ

Дами фарёдро бастам ба як қаҳ-қаҳ, ба як ханда,
Раҳи ғамбодро бастам ба як қаҳ-қаҳ, ба як ханда.
Чу дидам мезанад оташ дили девона маъвояш,
Дили ношодро бастам ба як қаҳ-қаҳ, ба як ханда.
Ба гӯши хору хас афсонаи дарди маро мегуфт,
Забони бодро бастам ба як қаҳ-қаҳ, ба як ханда.
Бубастам деви хокирову обирову бодиро,
Заҳокободро бастам ба як қаҳ-қаҳ, ба як ханда.

## ХОҲИШ

Ишқи туро фасонаи дил кардаам, биё,
Номи туро таронаи дил кардаам, биё.
Дар шаҳри бечароғ зи сӯзи хаёли ту,
Рӯшан чароғи хонаи дил кардаам, биё.
Бехонаему шукри Худо, бесуроға не,
Чашми ба раҳ нишонаи дил кардаам, биё.
Мардум дигар, замона дигар, зиндагӣ дигар,
Ман такя бар замонаи дил кардаам, биё.
Бисёр шуд баҳонаи ташвиши зиндагӣ,
Дидорро баҳонаи дил кардаам, биё.

## ЧӢ МЕБИНАМ

Ба гулзори ҳавас мурғи хушовозе намебинам,
Ба базми зиндагӣ як нағмапардозе намебинам.
Чу мурғи хонагӣ аз бас дили шавқам заифбол аст.
Аз ин хушболу пар як азми парвозе намебинам.
Дар ин поиз сарсонам ба ҳар сӯ чун маҳи хасрав[1],
Сари шохи дарахти бахт ҷуз ғозе намебинам.
Арӯси орзу ҳамчун зани бепарда рухбоз аст,
Ҳавасбанд аст, аммо лаззати нозе намебинам.
Ба сад дар сар задам, то як дари умед бикшоянд,
Худо, дар кӯча мемонам, дари бозе намебинам.

## ХАЁЛИ ҶАВОНӢ

Ҳавсала пир шуду ишқ ҷавон боқӣ монд,
Боғбон рафт агар, боғ аз он боқӣ монд.
Рӯ гирифтаст агар захми дили захминам,
Нолиши кафтарии сӯзиши ҷон боқӣ монд.
Ба баҳоре, ки расидем, зимистон дидем,
Гарди хотир зи раҳи сарди хазон боқӣ монд.
Дар хати чеҳраи ту пои нигаҳ мешиканад,
Ҳасрати оинаи рӯи ҷавон боқӣ монд.

[1] Моҳи хасрав – ғози мизон, торҳои чун тори анкабут, ки ҳангоми хазон дар ҳаво парвоз карда мегарданд.

## СОҚӢ

Соқӣ, нахон ба сабру маро дарди сар надеҳ,
Навбат зи мост, навбати мо бар дигар надеҳ.
Дар хони даҳр рӯзии ҳар кас муқаррар аст,
Ҷуз он чӣ дод рӯзии мо додгар, надеҳ.
Бепардааст чеҳраи раънои рози маст,
Ҳушёрро зи хилвати мастон хабар надеҳ.
Кун рӯбароҳ[1] тӯшаи шабро, ки рафтанист,
Сагро зи пушти лӯлии овора сар надеҳ.
Аз зиндагӣ ғанимати мо чун ҳамин дам аст,
Моро фиреби бодаи вақти саҳар надеҳ.

## РАҲИ СЕЛ

Печидаи ҳазор бало шохи токи мост,
Афсурда чун анор дили дардноки мост.
Ҳар кӣ гузашт, гулшани моро хароб кард,
Садбарги барг-барг тани чок-чоки мост.
Дар роҳи сел хонаи моро чу сохтанд,
Абри баҳор номаи ҳукми ҳалоки мост.
Таърихи мо ҳикояти қавми балокаш аст,
Дар ҳар кучо, ки гӯри ғарибест, хоки мост.

[1] Рӯбароҳ кардан – муҳайё кардан, ҳозир кардан. Гирдаи ноне маро кун рӯбароҳ (Румӣ).

## АЗМ

Чу гул ба дидаи тар мекушам ғами шабро,
Силоҳи нур ба бар мекушам ғами шабро.
Ба торҳои тилоии офтоб мебандам,
Ба пеши пои саҳар мекушам ғами шабро.
Ба нури рӯи банурат, ки чашм рӯшан шуд,
Ба зарби теғи назар мекушам ғами шабро.
Худо кунад, ки биоӣ ту ҳамчу субҳ хандонрӯ,
Туро гирифта ба бар мекушам ғами шабро.
Ҳазор бор агар куштаам ба лабханде,
Ҳазор бори дигар мекушам ғами шабро.

## АФЗУН ШУД

Зи накди умр кам кардам, азоби дард афзун шуд,
Пас аз чандин хамӯшӣ лаб кушудам, нола берун шуд.
Баҳори навҷавонӣ хушк омад, хомпаз гаштам,
Ҳавас чун арғувон гул кард дар аъзои ман, хун шуд.
Хаёли зиндагӣ афсонаи хоби бароҳат дошт,
Хаёлам хом буд, афсонаи ман хоби маҳзун шуд,
Чӣ нолам аз парешониву аз тақдири пешонӣ,
Баҳона кард Лайлиро қазо, то Қайс Маҷнун шуд.

## ЭЙ САБО

Саҳарӣ мурғи саҳархон сари оҳанг гирифт,
Эй сабо, рақс макун, чеҳраи гул чанг гирифт.
Бод як раҳгузаре буд, надонам, ба чӣ фанд,
Ғунчаи бокираро дар бағалаш танг гирифт.
Хуррамии чаман аз созиши хор аст ба гул,
Хор то сохт ба гул, боғу чаман ранг гирифт.
Нолиши вақти қадаҳчанги қадаҳ бину бидон,
Пур зи хун аст диле, ки ҳаваси ҷанг гирифт.

## ГУЗАШТ

Буд, набуд, он чӣ буд афсона, гузашт,
Бехудии дили девона гузашт.
Зиндагӣ бурд кашон ҳар тарафам,
Ҷаври мӯрест, ки бар дона гузашт.
Ҳавас аз хонаи дил пой кашид,
Ҷуғзаке аз сари вайрона гузашт.
Кишти ман дар ҳаваси борон сӯхт,
Абр бар қитъаи бегона гузашт.

## ШОХИ ҒУССАБОР

Чашми умед қулфи дари интизор шуд,
Н-омад баҳори рафта агарчи баҳор шуд.
Кӯтоҳ буд суҳбати мо чун баҳори дашт,
То пош хӯрд барги гули мо, ғубор шуд.
Ашки дареғ – шабнами барги лабони ту
Дар офтоби рӯи ту шояд бухор шуд.
Аммо фиғони ҳасрати ман беҷавоб монд,
К-аввал чӣ пеш омаду охир чӣ кор шуд.
Шаб, ки баҳори ёди ту бар хотирам гузашт,
Шохи умед панҷа заду ғуссабор шуд.

## БОЗ ИН ХАЁЛИ ПИР

Боз ин хаёли пир куҷо мебарад маро,
Худ меравад куҷову чаро мебарад маро.
Аз роҳҳои кӯр, ки гарди гузашта нест,
Чун бодҳои обилапо мебарад маро.
Аз ёдҳои гунг киро мекунад суроғ?
Бедорёди хобнамо мебарад маро.
Аз зиндагии кандахато дар хиҷолатам,
Боз аз паи кадом хато мебарад маро.
Ман мурғи паршикастаи аз села мондаам,
Рӯҳи бараҳм сӯи даво мебарад маро.

## БА ХУД

Зор нолад ҳама шаб ҷони гирифтор ба худ,
К-эй Худо, бандагии мост чӣ озор ба худ.
Гуфтам: аз кам шудани умр шавад бор сабук,
Мекунам аз ғами бисёр ғаме бор ба худ.
Кор дорад ба ҳама ғуссаи дунё дили ман,
Ин сияҳҷома надорад, чӣ кунам, кор ба худ.
Розҳоест дар он ёди ҷавонӣ хуфта,
Ки ба пирӣ натавон гуфт шаби тор ба худ.
Умр сармояи муфтомада буд, дер намонд,
Мекунад ин тани муфлисшуда иқрор ба худ.

## ГУЗАРГОҲ

Зиндагонӣ гузари кутали роҳи адам аст,
Ранҷи ин кутали дамгир кӣ гуфтаст, кам аст.
Хории хам шудани қуллабарой бикашем,
Ҳар сари роҳи баландӣ, ки гузаштем, хам аст.
Беасар нест тапишҳои дили чашмаи мо,
Бар раҳи рафтаи дил чун нигарӣ, сабзадам аст.
Ҷуръате кӯ, ки диҳад гӯш касе бар дили мо,
Сабти ин фитта ҳама нолаи дарду алам аст.
Сӯзиши захми дарун пеши кӣ гӯем дигар,
Ҳаркиро менигарам, дида намакдони ғам аст.
Бар хати сафҳа каловида равонам чу қалам,
Бори ангушти қаламкаш чу ба души қалам аст.

## ПАРДА

Шаб, ки дили дар оташам сӯзу гудоз дошт,
Андешаам ба зиндагӣ баҳси дароз дошт.
Аз нури моҳ бар тани боғам ҳарир буд,
Боғе, ки бо хазони худ хоби баноз дошт.
Дарё ба ёди киштаи бегона метапид,
Соҳил барои қатраи борон ниёз дошт.
Аз зиндагӣ шикояти доро аҷаб набуд,
Шукри гадо ба даргаҳи Аллоҳ роз дошт.
Дасти гумон ба домани асрор буд дароз,
Тарси гунаҳ зи пардадориҳош боз дошт.

## ҚАДАМИ БАҲОР

Хандон лаби субҳи наву шаб дар ғами ҷон аст,
Ахтар ба кафи дасти фалак санги парон аст.
Оинаи хуршед шикасту ба замин рехт,
Ҳар қатраи шабнам ба замин резаи он аст.
Афтобзамин гашт куҷо барфзамин буд,
Саҳрост чунин сабз ва ё мавҷи равон аст.
Эй зоғ, сари шох занӣ қоғ дигар чанд,
Бигзашт замони ту замони дигарон аст.

## АЗ ОН ТАРСАМ

Баҳор асту ҳаво бисёр мегиряд,
Табассум дар лаби ғамдор мегиряд.
Натанҳо чашми гул ғарқоби хун бошад,
Ки бар чашми тари гул хор мегиряд.
Аз он тарсам дилам дар бекасӣ мирад,
Ки рӯзу шаб ҷудо аз ёр мегиряд.

## ТАМАННО

Ман зи гул гулдаҳанӣ мехоҳам,
З-одамӣ хушсуханӣ мехоҳам.
Аз ҳама зодаи ин хоку диёр
Якдилӣ, ҳамватанӣ мехоҳам.
То гулистон нашавад хористон
Тешаи хорканӣ мехоҳам.
Дил зи номардии мардон хун аст,
Мардии шерзане мехоҳам.
Н-ояд аз рӯҳи заиф ҳифзи Ватан,
Рустамӣ, пилтанӣ мехоҳам.

## РОЗИ МУРҒОН

Мурғон ба боғ ғулғулаи тоза сар кунанд,
Шояд ба ҳам ҳикояти ранҷи сафар кунанд.
Дар ҷонамози сабзи табиат кашида саф
Андар рукуд рафтаву сар зери пар кунанд.
Ғурбаткашидаанду зи ғурбатрасидагон
Ин гарму сарддидаҳо моро хабар кунанд.

## ЭЙ ҲАМВАТАН

Эй ҳамватан, бо ҳамватан ноошно будан бас аст,
Шохоби як дарёстем, аз ҳам ҷудо будан бас аст.
Душман рабуда нони мо, душман рабуда хони мо,
Душман ба қасди ҷони мо, ғофил чу мо будан бас аст.
Бо ҳамдигар овехтан, хуни бародар рехтан,
Хоки ватанро бехтан, дар моҷаро будан бас аст.
Гардад ҷудо ҷон аз бадан,
                    Не ҷо ба ҷон монад на тан,
Қасди хиёнат бо худӣ, душманвафо будан бас аст.
Дасти худатро бӯса кун, муздурии нокас накун,
Аз тухмаи озодаӣ, шоҳӣ, гадо будан бас аст.

## ТАВБА

Чун жарф ба аҳволи худу май нигаристам,
Шармам зи Худо омаду аз соғари дастам.
Ман дӯст гумон карда будам дӯстнаморо
Бо одати тоҷикии бегонапарастам.
Аз дидаи хунбори қадаҳ фаҳм накардам,
Кай,
    Бо кӣ,
        Куҷо будаму бо кӣ бинишастам.

## ДАРЕҒ

Дар сина дигар оташи пешина намондаст,
Ҷуз дудаву гард аз алави сина намондаст.
Дил хонаи бесоҳиби вайроншудавор аст,
Дар он дару тирезаву оина намондаст.
Бар меҳру муҳаббат чӣ шуду сидқу вафо чӣ,
Ёриву вафодории пешина намондаст.
Дар луғати тафсирии фарҳанги замона
Як вожа ба ғайри ҳасаду кина намондаст.

## ИШҚИ ЗАМИНӢ

Дар зулфи тилоии малак шонаи мо нест,
Мо хокмаконем, фалак хонаи мо нест.
Мафтуни арӯсии арӯсони заминем,
Аз ҳур макун қисса, ки афсонаи мо нест.
Нозукдили нозуксухани нозхироме
Ҳамчун санами тоҷики дурдонаи мо нест.
Афтоби биёбон зада буд Қайси арабро,
Девонаи ҳот аст, ки девонаи мо нест.
Аз ҳалқаи ташвиқ макун силсилабандӣ,
Дар банд наафтем, ки завлонаи мо нест.
Лаззатталаби лаззати нобуда чароӣ,
Чист он, ки дар ин манзилу кошонаи мо нест.

## ХАЁЛИ ШАБ

Бо дили пораи чун хоки Хуросон имшаб
Сари андеша кашидам ба гиребон имшаб.
Манзилу гӯшаи ободнадидам ҷое,
Деҳаву шаҳри дилам лонаи duздон имшаб.
Ганҷи умеду ҳавасҳом ба ғорат рафта,
Хуни дил, лахти ҷигар луқмаи гургон имшаб.
Дар сари мурдаи Суҳроб гиристам то рӯз,
Нола кардам ба ғами Рустами Дастон имшаб.
Рӯ ба даргоҳи Худо гиряву зорӣ кардам,
К-аз парешонӣ раҳон қавми парешон имшаб.

## МАРО ҶӮЙ

Ба мушки боди саҳар хуш кунам димоғамро,
Кунам зи файзи саҳар файзбор боғамро.
Зи чӯби донаи гӯгирди субҳ дар гирам,
Дубора зинда кунам мурдаи чароғамро.
Ба ашки шодии шабнам, ки занги ғуссазудост,
Барам зи оинаи хотир ғубори доғамро.
Ғарибмур нашавам, гар суроғи ман дорӣ,
Биҷӯ зи сабзаи хоки Ватан суроғамро.

## ШАББОДАИ ҲУЗН

Шаббодаи шӯх ин саҳар маҳзуни маҳзун меравад,
Нокарда гулҳоро назар аз боғ берун меравад.
Шохи ниҳолон намзада чун пири қоматхамзада,
Аз барги гул ғам мечакад, аз чашми гул хун меравад.
Мушти надомат бар сарам, шӯри қиёмат бар сарам,
Бар хушкии лаб ашк чун дарё ба ҳомун меравад.
Дил мекунад фарёд бас, фарёди бефарёдрас,
Печида дуди ҳасратам то сақфи гардун меравад.
Дунё бубинам рӯву таг, одам ба одам гургу саг,
Ё раб, ҷафои бандае бар бандае чун меравад.

## БӮИ ЁР

Агар аз лутф ранҷе мекашӣ андар суроғи ман,
Зи файзи мақдамат гул мекунад майдони боғи ман.
Хушам гар мекушад ҳамчун чароғам субҳи рӯи ту,
Шаби мӯи ту рӯшан мекунад аз нав чароғи ман.
Зи гулзори табассум ғунчае бахшӣ, Худо шоҳид,
Муаттар мешавад мисли димоғи гул димоғи ман.

## МОҶАРОИ ЗИНДАГӢ

Пурмоҷарост ин қадар дунёи зиндагӣ,
Дарди сар аст ин ҳама ғавғои зиндагӣ.
Хуни дил аст меваи боғи расидааш,
Заҳру зақум хӯрдани ғамҳои зиндагӣ.
Бозии фанд кардану хӯрдан фиребҳост
Бурд асту бохт ин ҳама савдои зиндагӣ.
Хушбоварон ба чидани гулҳош фандхӯр,
Сӯзанзанист хандаи гулҳои зиндагӣ.
Овораанд эй басо мардони содахӯ,
Хори кулӯлавор ба саҳрои зиндагӣ.

## ТУЛӮИ СУБҲ

Тулӯи субҳи рухат, ки субҳоҳанг аст,
Кунад кушода чу гул ҳар куҷо дили танг аст.
Саре, ки сар наниҳад бар қудуми ту сар нест,
Диле, ки об нашуд аз карашмаат, санг аст.
Китоби ишқи туро ҳаркӣ хонду азбар кард
Дар ин замони ҷаҳолат каси бафарҳанг аст.
Мадеҳ ба боди ҳавас гӯшаи сарандозат,
Гуле, ки ҳамдами бод шуд пур аз чанг аст.

## ХУДО ЁРАТ

*Барои дӯсти гиромиям,*
*профессор Аламхон Кӯчаров*

Нишони тири қазо шуд дилат, Худо ёрат,
Зи дард обу адо шуд дилат, Худо ёрат.
Давои дарди туро ҷуз Худо кӣ медонад,
Ки рӯ бараҳми Худо шуд дилат, Худо ёрат.
Ба рӯи китфи падар турбати писар кӯҳ аст,
Шикастабори бало шуд дилат, Худо ёрат.
Дареғи меваи умрат, ки рехт нопухта,
Чу шохи кундаҷудо шуд дилат, Худо ёрат.

## НОЗИ ҲАЁТ

Ҳар рӯз ба ташвиши дигар мешавад оғоз,
Ҷанҷоли ману ғусса зи сар мешавад оғоз.
Гул кардану пажмурдани боғи дили мо чист?
Лабханди гул аз дидаи тар мешавад оғоз.
Эй шамъ, ба шаб аз чӣ биларзиву бигирйӣ?
Куштори ту чун вақти саҳар мешавад оғоз.
Мушкилгузар аст ағбаи роҳи гузари умр,
Аз хавфу хатар фатҳу зафар мешавад оғоз.
Дур аз Ватано, ёди Ватан, хонаву дар кун,
Ишқи Ватан аз хонаву дар мешавад оғоз.

## ҶАҲОЛАТ БИН

Қобиливу ҳобилӣ оғоз шуд аз сар, бин,
Дар қисмати як манзил куштори бародар бин.
Бин салтанати омӣ, худхоҳии худкомӣ,
Дороии нодон бин, донои қаландар бин.
Бо пора шуда мансаб, бо пора шуда мактаб,
Бечора шуда мардум, даврони ситамгар бин.
Мулло зи шариат дур, сӯфӣ зи тариқат дур,
Ваъзаш зи ҳақиқат дур, воизии кофар бин.
Мазҳаб шуда хунрезӣ, мансаб шуда хунрезӣ,
Сад кизб ба ҳар ҳизбе, девонаи чарпар бин.
Мардум шуда овора, мардум шуда бечора,
Сардории бесар бин, озодаи чокар бин.
Ё раб, зи дари лутфат уммеди даво дорам,
Ё чораи дардам кун, ё чораи дигар бин.

## НАМЕҒУНҶАД

Чу дони ашк хирман гашт, дар доман намеғунҷад,
Фаровон ҳосили ғам гашт, дар хирман намеғунҷад.
Ба ранги обмӯрӣ пур шудаст он қадр гӯши дил,
Ки оби панд дар он як сари сӯзан намеғунҷад.
Зи кафшери бало он гуна дарду дил ба ҳам часпид,
Ки дигар дар миён як мӯй мову ман намеғунҷад.

## ДИЛИ ҲАЙРОН

Ин дил, ки ҳайрони худ аст,
Сар дар гиребони худ аст.
Саргаштаи саҳрои ғам
Боди биёбони худ аст.
Дар сина тӯфон аст аз ӯ,
Дар чанги тӯфони худ аст.
Дастогиребон бо фалак,
Гоҳе ба домони худ аст.
Гаҳ дурдошоми ғаме,
Гаҳ заҳрнӯшони худ аст.
Гаҳ пуртакигӯ, рӯхарош,
Гаҳ сатрпӯшони худ аст.
Гаҳ дӯстхӯву дӯстрӯ,
Гаҳ душмани ҷони худ аст.
Аз чаҳраҳони дигарон,
Дар чоҳу зиндони худ аст.
Дар олами имонфурӯш
Маҳкам дар имони худ аст.
Бо сӯхтан гардад сафед,
Ин дил, ки чакдони худ аст.

## ХУДСӮЗ

Ҳусни ту баҳору рӯи ту лолаи тар,
Зулфи ту парастуест, дорад пар-пар.
Гар буд кабутари сияҳ, мегуфтам
Абрӯи туро шабеҳи боли кафтар.
Чун чукрии региест чоки пистон
Бомаззаву хушгувору туршибашакар.
Оғӯши ту оташ асту ман худсӯзам,
Худсӯзӣ кунам туро бигирам дар бар.

## ГУЗАШТУ НАГУЗАШТ

Як шаб гузашту ғам не,
Борон гузашту нам не,
Як субҳи хушпай омад,
Он ёри хушқадам не.
Дуди димоғ кам шуд
Ин дудаи алам не.
Ҳар нақши по шавад кӯр
Нақши паи қалам не.
Дунё ҳама дигар шуд,
Ин пинаки Аҷам не.

## САДОИ ШИКАСТАНИ ҲАР ДИЛ

Дили пок аз кудуратҳо ҷилои дигаре дорад,
Ҳавои баъди боронҳо сафои дигаре дорад.
Дар он оташ, ки афрӯзад ҷаҳонсӯзе, худаш сӯзад,
Балои ҷони кас будан балои дигаре дорад.
Фиреби бозии зулфи арӯси зиндагӣ кам хӯр,
Ки ин домантари хушрӯ ҳавои дигаре дорад.
Ҳама аз дард менолад, вале ҳар кас ба таври худ,
Шикасти шишаи ҳар дил садои дигаре дорад.

## АҶАБ ҲОЛЕ

Ба дарди нафс ҳама, бингарам, гирифтор аст,
Табиби дард бувад вақту вақт бемор аст.
Гулӯву роҳи нафас аз зукоми нафс ба ранҷ
Ва дард дарди гузарандаи хатарбор аст.
Баҳои дил ба замин зад, касаш набардорад,
Хариди меҳру муҳаббат фақат ба дуллор аст.
Ҳиҷоби шарму ҳаё чун хазон таги по шуд,
Ва боғпарвари гул гулфурӯши бозор аст.
Қабои тозаи ҳоҷӣ яке ба ботин нест,
Забони воизу мулло душоха чун мор аст.
Харе, ки нухтаи зарин ба сар кунад, доност,
Ҳакими куҳнақабо ҳамчу хоки раҳ хор аст
Мақому ҷоҳ шуда ҳамчу роҳ пасту баланд,
Баробариву бародаршавӣ ба гуфтор аст.

## ОТАШАФРӮЗ

Дарди ишқи ту зи дил истода бо тан мезанад,
Паҳлавонӣ бин, ки тифле бо Таҳамтан мезанад.
Ҳар азобе мекашад дил кори чашм асту вале
Дил намебинад зи чашму таъна бар ман мезанад.
Моҳи хирманкарда шуд аз сояи ғам чашми ман,
Мезанад борон даме, ки моҳ хирман мезанад.
Ҳайратии чашми ту ҳастам, ки пушти панҷараст,
Боз чун бар корвони дил чу раҳзан мезанад.
Ҳар замон бо оби дида оташи ғам мекушам,
Бар алови мурда ишқат боз доман мезанад.

## ДИГАР ДОРАД

Ҳаё дар рӯи хубон рангу пардози дигар дорад,
Лабони бастаи гул пардаи рози дигар дорад.
Тапишҳои дили пур аз муҳаббат давлате будаст,
Ба худ печидани ҳар мавҷ оғози дигар дорад.
Қабули Ҳақ намегардад дуо гар луқма нопок аст,
Нафас чун пок бошад сеҳру эъҷози дигар дорад.
Ба пушти чодари гулдӯзии мардуфиреби худ,
Арӯси зиндагӣ ҳар рӯз як нози дигар дорад.

## НАМЕШАВАД

Шуд канда кӯки чашмаму дар во намешавад,
Як соя аз даричаам пайдо намешавад.
Ин ношиноси ин қадар бар дил шинос кист?
Бе мо ба мост, диданаш аммо намешавад.
Ҷон медиҳам ба мақдамаш чун шамъ пеши субҳ,
Аз офтоби шамъкуш имо намешавад.
Худро ба хоб мезанам дар хоб бинамаш,
Хобам сароб мешавад, рӯъё намешавад.

## НАОМАД

Ту рафтиву дигар баҳорам наомад,
Ҳамон гулшукуфти канорам наомад.
Қарори дили беқарори ман астӣ,
Ту, ки барнагаштӣ, қарорам наомад.
Чунонам хуморӣ, чунонам хуморӣ,
Ки майхора гаштам, хуморам наомад.
Гузаштаст дардам зи дармонпизишкӣ,
Ки доруву дармон ба корам наомад.

## ҚАЛАМИ МО

Аз пушти шикам ашк нарезад қалами мо,
Хорӣ накашад аз паи дунон қадами мо.
Бо бешу ками хеш бисозему нанолем,
Андешаи бешу ками халқ аст ғами мо.
Дар пушти даре дар тамаъи ризқ нашиштем,
Аз обилаи даст бувад ризқи ками мо.

## БОЯД

Дами хурӯчи фиғон бо тарона бояд зист,
Дар асри тиру камон ошиқона бояд зист.
Ба кини хуни Сиёвуш чу шоҳ Кайхусрав,
Барои нанги Ватан рустамона бояд зист.
Чу марги шамъ агар марги ту саҳархез аст,
Чу шамъи сӯхтадиле шабона бояд зист.
Нагӯ баҳори сабзи шукуфтан дигар намеояд,
Ба завқи сабз шудан ҳамчу дона бояд зист.
Барои зистану ҳам ба коми дил зистан
Баҳона нест агар, бебаҳона бояд зист.

## ГУЗАРГОҲ

Аз баҳори гулборон хору хас фақат мондаст,
Пешу пас ҳама холӣ тарси пас фақат мондаст.
Чун дарахт дар поиз нахли орзу бе барг,
Ғӯрарези ҳасратҳо аз ҳавас фақат мондаст.
Дил дигар намехонад, аз қафас наменолад,
Мурғи нағмахон мурдаст, ин қафас фақат мондаст.
Корвон наметобад, ҳамраҳон ҳама рафтанд,
Нолахези ғамфарёд аз ҷарас фақат мондаст.
Дилхунукам аз хома, аз ҳаёти худкома,
То сукути ҳангома як нафас фақат мондаст.

## ЭЙ ҚАВМИ РОҲДИДА

Моро ғами ҷаҳон нест, вақте ғами ту бошад,
Дар дидаам намӣ аз чашми нами ту бошад.
Эй қавми роҳдида, то хеш норасида,
Печу хами раҳи ман печу хами ту бошад.
Бо кисаи дарида доротарин касам ман,
Бешу каме, ки дорам, бешу ками ту бошад.
Мисли ҳавои софӣ, аз ту нафас бигирам,
Ҳар як даме, ки дорам, аз ҳар дами ту бошад.
Бо чашми ту бубинам хубу бади ҷаҳонро,
Қалби ҷаҳоннамоям ҷоми Ҷами ту бошад.
Дар растахези дунё, чун ҷои мову ман нест,
Ҳар кас хӯрад ғами худ, манро ғами ту бошад.

## ИШҚИ БАРФӢ

Дар пои баҳор мемурад барф,
Бо ашки қатор мемурад барф.
Аз гармии рӯй мешавад об,
Як ошиқи зор мемурад барф.
Аз арш ба фарш мефурояд,
Дар пешаки ёр мемурад барф.
Дар ҳалқаи зулфи сабзи нахле,
Чун дар сари дор мемурад барф.
Андар сари гӯри фасли сармо,
Чун шамъи мазор мемурад барф.

## АГАР

Дар сози бод пардаи сабзи баҳор нест,
Оҳанги шӯхи хандаи гул дар навор нест.
Урёнтанони боғ, Худо шармашон диҳад,
Ҷуз рақсашон ба нағмаи ҳар бод кор нест.
Ошуфтатар зи хотири ошуфта зиндагист,
Осудагӣ дар оини ин рӯзгор нест.
Хуршедтинатем, ки н-осудақисматем,
Хуршедро дар осмон ҷое қарор нест.
Пажмурдааст гулбуни сабзи нишоти мо,
Гар шабнами сиришки шабаш дар канор нест.

## ҲАНӮЗ

Дар хиёбони хаёлат боди сарсонам ҳанӯз,
Гурги хунолудаи дашту биёбонам ҳанӯз.
Аз барои донаи холат ба дом афтодаам,
Бо ҳама санҷидароҳӣ мурғи нодонам ҳанӯз.
Сурмаи нози ту чашми хира рушан мекунад,
Хирабину хирачашми шоми ҳиҷронам ҳанӯз.
Аз гиребони ту, дидам, мебарояд офтоб,
Ҳайратии офтоби он гиребонам ҳанӯз.

## АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ

Гирифторои мо чун кабк бошад аз забони мо,
Ҳаловат мебарад ҷони қафасбон аз фиғони мо.
Силоҳи ҳастаӣ душман ба қасди ҷони мо дорад,
Чу теғи баччаи ғозӣ бувад чӯбин камони мо.
Нишонгири нишонзан карда шинак дар камин донад,
Ки пинак меравад дар марзи ғайрат посбони мо.

## ЛАЗЗАТИ МУШКИЛ

Ҳар як нафаси умр пур аз лаззати ҷон аст,
Лаззат набарад он, ки чашидан натавонад.
Пурнакҳату пурбӯст ҳама гулшани ҳастӣ,
Кӯр аст димоғе, ки шамидан натавонад.
Маҳсули талош аст ҳама сабз шуданҳо,
Он сабза бимирад, ки дамидан натавонад.
Бас ҷӯю ҷаре дар раҳи мақсуду мурод аст,
Ҷое нарасад он, ки паридан натавонад.
Холу хату ноз аст ҳама дарду ғами умр,
Дар чашми ту айб аст, ки дидан натавонад.

## ДОНАИ БИРЁНИ ҲАВАС

Хаёли кӯчадавак барнагашт, борон аст,
Ҳавои сайри баҳор мекунад, зимистон аст.
Ба ҳар куҷо, ки нигаҳ медавад, ҳама барф аст,
Ба ҳар куҷо, ки дилам меравад, яхистон аст.
Ба ҷисми сарди дарахтон раге намеҷунбад,
Гуле, ки ханда ба лаб будааст, гирён аст.
Дигар зи хоки ҳавас майсае намерӯяд,
Ки тухми киштаи деҳқони бахт бирён аст.

## КОРВОН РАФТ

Корвон рафт, вале раҳзани ғам бар мо зад,
Захми корӣ ба дилу ҷони мани шайдо зад.
Дар набарде, ки миёни ману ғам дар бигирифт,
Захм бардошт дилу табъи равон аз по зад.
Чашми умед зи бас гиря, ки нобино шуд,
Зиндагӣ хок бар он дидаи нобино зад.

## ДОРЕМ МО

Хаймаи саҳронишин дар дашти ғам дорем мо,
Ҳамчунон домони шамбар чашми нам дорем мо.
Душманӣ бо дӯстрӯӣ мекунӣ, хуш мекунӣ,
Аз ту не, аз бахти худ дар дил алам дорем мо.
Нозбӯи ғамзабарнози ҷаҳонбарҳамзанӣ,
Гардани мағрури дар пеши ту хам дорем мо.

## ЭЙ ГУЛ, ЧАРО?

З-оғӯши шом бо лаби хандон баромадӣ,
Мастӣ магар, ки бо тани урён баромадӣ.
Эй субҳи нурзод, магар ҷони шаб будӣ?
Шаб ҷон ба Ҳақ супурд, ки чун ҷон баромадӣ.
Дар базми субҳ бодаи субҳона мезананд,
Эй гул, чаро ба дидаи гирён баромадӣ?

## БИАРЗАД

Ҷон медиҳам ба нозат, гар ҷон ба он биарзад,
Имонфурӯши ишқам, гар ки имон биарзад.
Ҳарду ҷаҳон бубахшам бар гарди хоки поят,
Бар гарди хоки поят гар ду ҷаҳон биарзад.
Дорам диле, ки дар он ҳафт осмон биғунҷад,
Оё ба хокбӯси он остон биарзад?
Ман зарраи заифам, кавну макон туӣ, ту.
Кай зарра бар ҷалоли кавну макон биарзад.
Абру камони Рустам, тираш нигоҳи барқат,
Дилро бикун нишона, гар чун нишон биарзад.

## МЕДОНӢ?

Ватандорӣ ватанбонист, медонӣ?
Ватан номӯси инсонист, медонӣ?
Ватандарпушти дорову гадо кам нест,
Ватан инъоми раббонист, медонӣ?
Ватан аз гӯшаи имон агар бошад,
Ватанбонӣ мусалмонист, медонӣ?
Азозил дар ниқоби дӯст меояд,
Ҷаҳон як доми шайтонист, медонӣ?
Ватангумкардаро чун ахтари паррон,
Хати парвоз сарсонист, медонӣ?

## ХУШПОВУ ҚАДАМ НАВРӮЗ

Сад шукр, ки боз омад хушпову қадам наврӯз,
Хушнағмаву соз омад барҳамзани ғам наврӯз.
Тафриқаи хору гул бардошта шуд аз байн,
Тарсову мусулмонро овард ба ҳам наврӯз.
Сад тавбаи обидро як мавҷи нигаҳ бишкаст,
Орост гулшанро монанди санам наврӯз.
Бар синаи сармо зад зарнайзаи хуршедаш,
Рондаст зимистонро аз пуштаву хам наврӯз.
Зад ҳамчу қаламзанҳо бар пираҳани саҳро,
Нақше, ки кунад сеҳрат бо сеҳри қалам наврӯз.
Аз оби чаҳи Замзам маст аст агар ҳоҷӣ,
Ман мастаму мадҳушам аз замзами Ҷам-наврӯз.
Зебо чу зани тоҷик, атласбадани тоҷик,
Дар тан чакани тоҷик зебои ҳарам наврӯз.
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, наврӯз ҷаҳонӣ буд,
Чун ҳикмати зардуштӣ, чун шеъри Аҷам наврӯз.

## БА ИЗЗАТИ НАВРӮЗ

Хуршед сар баровард аз ҷоми осмонгун,
Шуд субҳи рӯи соқӣ аз шоми зулф берун.
Бо як имои соқӣ шуд шиша сарбурида,
Рухсори бодахорон чун хуни шиша гулгун.
Лаб дар лаби пиёла, рухсораҳо чу лола,
Рақси банози соқӣ, арғушти бода мавзун.
Иззат ба ҷой омад, дар пеши пои наврӯз,
Густурдаанд қолин аз боғ то ба ҳомун.
Рангинкамони Рустам сабзу сафеду гулранг,
Ҳамчун дирафши тоҷик партавфишон ба гардун.

## БЕ СУРОҒА

Надорад кӯчаам ному рақам низ,
Ҳама карданд тарки ман, қалам низ.
Китоби хотиротам пур зи доғ аст,
Зи ашки худнавис,
Ашки алам низ.
Ғами миллат,
Ғами меҳан,
Ғами дил,
Ба сад ғам зам шуда фикри шикам низ.
Ҳаёти баччакушта чун зани бад,
Шикоят мекунад аз бешу кам низ.
Ҷаҳонро дам кашад чун аждаҳо Ғарб,
Фиғон аз хоби Шарқу аз Аҷам низ.

## ТАЛОШИ ЗИНДАГӢ

Талоши зиндагӣ бошад чу гул дар санг,
Ба чандин рангу бӯе метавон сабзид.
Чу сабза дар биёбоне ба бороне,
Кунӣ гар шустушӯе метавон сабзид.
Лаби дарё нашояд ташнамур гаштан,
Чу бо як оби ҷӯе метавон сабзид.
Хазон ҳам рангу бӯе доштаст, охир,
Ба ҳар пажмурдарӯӣ метавон сабзид.
Зи хирман то ба дӯли осиё вақт аст,
Ба хоки орзӯе метавон сабзид.

## СОЛИ НАВ

Соли нав омаду як соли куҳан охир шуд,
Базми пурғулғулаи боғу чаман охир шуд.
Сафҳае боз варақ гашт зи девони ҳаёт,
Боз як боб зи таърихи Ватан охир шуд.
Шукри дарё шудани шохаву шохобии мо,
Шукри оне, ки нифоқи туву ман охир шуд.
Ёд бодо дами бо ҳам будану шод будан,
Шукр, дар ҳасрати дидор будан охир шуд.
Ҷашни мавлуди Масеҳост, масеҳоқадам аст,
Мужда, ки дарди дилу ранҷи бадан охир шуд.
Ҷамъбасти ҳама авсофи Ватан, гуфтам, чист?
Гуфт: Гуфтӣ чу Ватан, ҳарфу сухан охир шуд.

## БЕҶАВОБ

Боре, ки кашидаем аз ғам,
Оё дигарон кашида бошанд?
Заҳре, ки чашидаем аз умр,
Оё дигарон чашида бошанд?
Ин роҳ, ки мо задем раҳгум,
Он раҳбаладон надида бошанд?
Фарёди бадарди ин заминро
Дар чарх магар шунида бошанд?
Он пешгузаштагон, ки рафтанд,
Ҳоло ба куҷо расида бошанд?

## ЭЙ ХУДО

Боғбон, чун мевадуздон аз дари боғам нарон,
Бӯи гул овард моро сӯи боғат, боғбон.
Соявор аз гарди раҳ иқбол мегирад нигоҳ,
Рӯй мемолад ба хоки пои гул оби равон.
Рангу бӯи боғ медуздад ба лаҳни хуш насим,
Мардумак аз фанд дорад чашми айёри замон.
Муддаии адл дунёро ба ашку хун нишонд,
З-атсаи шайтон бувад ин ё бувад шайтон аз он.
Аз шикасти нанги мо душман баҷуръат гаштааст,
Дар шикасти нанг бошад ҳар шикасти ориён.
Зурҷунбонии Мағриб аз парешонии мост,
Эй Худо, Шарқи парешон аз парешонӣ раҳон.

## ТАЛОШИ ШУКУФТАН

Дар чашми гул сиришки азоби шабона буд,
З-озори шабкашидааш ашкаш нишона буд.
Дар рӯи рангкандааш осори захми бод,
Лабхандааш нуҳуфтани ғамро баҳона буд.
Дар рӯҳи дилшикастаи ӯ, к-орзу надошт,
Дигар умеди сабз шудан хуни мурда буд.
Чун хонаҳои сарду валангори даври ҷанг
Дузди хазон ҳар он чи дар он буд бурда буд.
Аммо баҳори рафта зи нав бозгаштанист,
Ашки алам ба дидаи гул хушк мешавад.
Ҷон медамад ба ҷисми гул аз хуни орзу,
Бори дигар ҷаҳони гул пурмушк мешавад.

## ДЕВБОД

Шамол дағдағаи сарвати хазон дорад,
Хазон ҳар он чӣ, ки дорад ба ройгон дорад.
Баҳори пири баҷомонда меравад хам-хам ,
Паридарангу кашон пои норавон дорад.
Чӣ ларзаҳост фитода ба ҷисми долу дарахт,
Хазони сахткамон дар камин камон дорад.
Бухор дуди димоғи замини дилхун аст,
Димоғсӯхта замин шиква аз замон дорад.
Балои ҷаҳли дадон қасди амни мо дорад,
Худо зи деву дадиҳомон дар амон дорад.

***Зиндагӣ фалсафаи тадбир аст,***
***Нобарор аз ҳама домангир аст.***

# РУБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО

* * *

Дил чилланишин шуда,парешон ҳол аст,
Хотир ба мисоли сабзаи помол аст.
Осуда чӣ гуна метавонам хуфтан,
Дар хонаи ҳамсояи ман ҷанҷол аст.

* * *

Аз чашми ту барқ зад нигаҳ, зебо шуд,
Зулфат ки рухат кард панаҳ, зебо шуд.
Буд ранги сияҳ нишони мотамдорӣ,
Дар чашми базеби ту сияҳ зебо шуд.

* * *

Чун зардаи тухми хонагӣ зард дилам,
Чун хонаи камалови ман сард дилам.
Чун кундаи тарбурида хуншор танам,
Чун чашми гули хазон пур аз гард дилам.

* * *

Эй боғи бафурҷа, ин шамоли барф аст,
Андар сари осмон хаёли барф аст.
Дар шох ба ҷои гул шукуфтан ҳар рӯз
З-ин баъд дигар ҳаққи ҳалоли барф аст.

* * *

Ин боғ, ки барфи оҳарӣ пӯшида-ст,
Гӯӣ, ки арӯсони сарипӯшида-ст.
Ҳар нахл ба ранги дилбари арғуштӣ
Пироҳани танги парпарӣ пӯшида-ст,

*   *   *

Хуни дили Суҳроб бишорад то ҳол,
Таҳмина зи дида ашк борад то ҳол.
Рӯдобаи ғамкушта Хуросони ман аст,
Ин хок даҳони талх дорад то ҳол.

*   *   *

Шаб буду канори роҳ бо чеҳраи зард,
Бечора чароғ роҳпоӣ мекард.
То рӯз улас кашида зингас мекард
Дар кӯча шамол чун сагони вилгард.

*   *   *

Эй сарднафас, наё ба боғи дили ман,
Эй боди хазон, накуш чароғи дили ман.
Аз сӯхтанам даст нашустӣ, дунё,
То дуд накард аз ту димоғи дили ман.

*   *   *

Инсофу диёнату имон суст шудаст,
Кандаст камарбанду миён суст шудаст.
Кардем суроғи дил ба дӯкон, гуфтанд:
Дил ҳаст, вале хариди он суст шудаст.

*   *   *

Чун шамъ  кунад марг чу хомӯш маро,
В-ин маҳфили  ошиқон фаромӯш маро,
Хешон зи сари мазори ман баргарданд,
Эй хоки Ватан, бикаш дар оғӯш маро.

*   *   *

Донӣ , ки зи ишқи ту чӣ сон месӯзам?
Монанди ситораи парон месӯзам.
Монанди дарахт захмҳои худро
Пӯшонда ба пӯст хунчакон месӯзам.

*   *   *

Дунё зи сари ҳазрати Одам мондаст,
Чун мушти сафоли ҷом аз Ҷам мондаст.
Аз Рустаму дар роҳи Ватан ҷонбозиш
Дар мехи фалак Камони Рустам мондаст.

*   *   *

З-Эрони бузург ном мондасту халос,
З- оринасабон паём мондасту халос.
Аз ҳикмати Рӯдакиву Синову  Хаём
Меросбарони хом  мондасту халос.

*   *   *

Як оташи  сард будаӣ, донистам,
Ангезаи дард будаӣ, донистам.
Монандаи  моҳтоб, эй фандфурӯш,
Хокистару гард будаӣ, донистам.

*   *   *

Пешат ҳама ошиқон, ки дилбохтаанд,
Ҳамчун гули каллапар сар андохтаанд.
Хушрӯ чу гулӣ, вале надорӣ бӯе,
Аз коғази рангаат магар сохтаанд?

*   *   *

Абри сари пуштаро парешон бинам,
Ҳар сӯ нигарам, ҳавои гирён бинам.
Аз чаҳли ду-се сарзадаи оламсӯз
Дилҳо дар алови ғусса бирён бинам.

*   *   *

Дунё ҳама ашку хуну ҷангу ҷӯш аст,
Фарёду фиғону нола сурби гӯш аст.
Ин чарх агар на кӯру гунг аст, чаро
Тори сари мо бичархаду хомӯш аст?

*   *   *

Афсӯс хӯрам ба он касе кас нашавад,
Ҳар як нафасаш чу тӯшаи пас нашавад.
Аз киштаи умри ӯ чу аз донаи пуч
Гар майсае сар кашад, ба ҷуз хас нашавад.

*   *   *

Эй субҳ, ту нури раҳмати яздонӣ,
Бар дидаи кӯри гиряи инсонӣ.
Эй номакашони номаи нохушу хуш,
Дорӣ хабари хуше хушу хандонӣ?

*   *   *

Бикшой бағал, ки субҳ хандон омад,
Абрӯт гираҳ накун чу меҳмон омад.
Имрӯзи ҷаҳон шаб асту тангу тор аст,
Хуш бош, ки субҳи Тоҷикистон омад.

*   *   *

Ризқе, ки насиби туст, бар кас нарасад,
Умре, ки зи даст рафт, вопас нарасад.
Зистан чу уқобу дар уқобӣ мурдан
Шаъневу шукӯҳест, ба каргас нарасад.

*   *   *

Ноҷӯр ба ҳам дили ҷавону тани пир
Чун зиндагии шаҳи ҷавону зани пир.
Тан бехушу сусту дил ҳавасбозу ҷавон,
Ғам бори маломат аст дар гардани пир

*   *   *

Ту умри манӣ, ки дар шитобат бинам,
Шаб рӯз нашуд, ки офтобат бинам.
Гуфтӣ, ки маро ба хоби шаб мебинӣ,
Хобам набарад, чӣ гуна хобат бинам?

*  *  *

Озодаҷавони  сархуши бодапараст,
Поят ба замин намерасад, даст ба даст.
Ин роҳ, ки зиндагист номаш, сахт аст,
Бас шишаи дил дар ин раҳи санг шикаст.

*  *  *

Гуфтам ба дилам, ки аз чӣ саргардонӣ,
Бехоб тамоми шаб чу сарҳадбонӣ?
Гуфто, ки намешавад бароҳат хуфтан,
Авзои замонаро худат медонӣ.

*  *  *

Чун пир шавад баҳор, беқадр шавад,
Гул монд зи рангу бор, беқадр шавад.
Меҳмон, ки биояду ба зудӣ наравад,
Дар дидаи хонадор беқадр шавад.

*  *  *

Аз чашм сиришки ғуссанок афтодаст,
Ин чӯҷа зи лонааш ба хок афтодаст.
Дил нолакунон чор тараф  бонг занад,
К-ин чӯҷа ба вартаи ҳалок афтодаст.

*  *  *

Суратгари зарринқаламӣ, эй афтоб,
Ҳар лавҳ, ки мекашӣ, диҳӣ бо зар об.
Деворнигораҳои зебои туро
Эй кош намекард шаби тор хароб

*  *  *

Паймуда ҳама печу хами дунёро,
Дидему чашидем ғами дунёро.
Рафтему набурдем ба ҷуз як кафанӣ,
Мондем ба кас бешу ками дунёро.

* * *

Бо дарду ғаме, ки дошт дил ҳамвора,
Омухта шудаст чун ба май майхора.
Як қатра агар зи шодмониш бирасад,
Чун шиша зи оби ҷӯш гардад пора.

* * *

Чизе, ки чу мерос зи  ман мемонад,
Танҳо на ҳамин шеъру сухан мемонад.
Меросбари манӣ агар,  лахти ҷигар,
Баъди сари ман бар ту Ватан мемонад.

* * *

Ҳар косаи гул, ки зери ин афлок аст,
Чашмест, ки аз дуди ғаме намнок аст.
То неш занад донаи умеди касе,
Монанди замини кишт дилҳо чок аст.

* * *

Хоҳед, сиёҳии шаби ғам сӯзед,
Худро ба мисоли офтоб афрӯзед.
Хурсандии ҳар дами ғанимат будан
Аз хандаи гулҳои саҳар омӯзед.

* * *

Мавсими гул ояду хазон аз паи он
Шодӣ гузарон, ғами ҷаҳон аз паи он.
Ғелон чу калобаест умри инсон,
Ӯ ғелзанону мо давон аз паи он.

* * *

Эй боди хазон, ки шӯру ғавғо кардӣ,
Куштори баҳорро ту барпо кардӣ.
Куштӣ гули нашкуфтаву куштӣ гули тар,
Аз куштани бегунаҳ чӣ пайдо кардӣ?

* * *

Диндории ту дурӯғу исломи ту фанд,
Аз дӯзаху аз биҳишт пайғоми ту фанд.
Маҳдии дурӯғи ту макад хун чу шулук
Пири ту бувад фиребу имоми ту фанд.,

* * *

Ин қадр ҳавои зиндагӣ сард шудаст,
Гул гард шудасту зиндагӣ дард шудаст.
Дар хона намешинад сиришкам як дам,
Ин кӯдаки гапнагир шабгард шудаст.

* * *

Дартоз саманди зиндагӣ чун сарсар,
Моем ба рӯи зин савори бесар.
Огоҳ наем бар куҷомон бубарад,
То хонаи мақсуд ва ё то лаби ҷар.

* * *

Кӯ дӯст, ки хор аз дили решам гирад,
Гоҳе хабар аз ҳоли парешам гирад.
Бегона ба мардуми тавонгар хеш аст,
Доро нашудам, ки хеш хешам гирад.

* * *

Эй нозфурӯш, кай ба озарм шавӣ,
Сӯзӣ диламу дар оташаш гарм шавӣ.
Сахтии туву турушият аз хомист,
Эй меваи хом, кай пазӣ, нарм шавӣ.

* * *

Эй сард шуда, сахт шуда чун оҳан,
Дар ту накунад асар дигар оташи ман.
Хоҳам барамат зи пушти худ, натвонам,
Чун ришта гираҳ занад, чӣ созад сӯзан.

* * *

Эй ашк, бикуш, бикуш ғами давронро,
Бо об кушанд оташи гирёнро.
Бе айбу гуноҳӣ, эй дили зиндонӣ,
Кай боз кунанд ин дари зиндонро.

* * *

Эй субҳ бидам, ки шаб сияҳпирам кард,
Чун ҳамсари дилгирфт дилгирам кард.
Эй ҳамватани хуфтаи душманпасидар,
Аз ҷони азизам ғами ту серам кард.

* * *

Берун ҳама ҷо ғулғулаву фарёд аст,
Дар хонаи шаб алови субҳ афтодаст.
Аз хандаву аз гиряи гул фаҳмидам,
Дар як дили шод сад дили ношод аст.

* * *

Дар сина миёни ашку шодӣ ҷанг аст,
Ҷанҷоли ду ҳамнажоди ҳамфарҳанг аст.
Бо писка буридаанд чашми дилро,
К- ин гуна ба ранги чашми чинӣ танг аст?

* * *

Ошуфта фазои дил чу авзои замон,
Пургард ҳавои хотирам ранги хазон.
Дар дидаи гул магар ғубор афтодаст,
Пуф мекунадаш шамолу лесад ба забон.

* * *

Бетоб шудам зи ҷаҳлбеморechи қавм,
Бехоб шудам  надида бедории қавм.
Дар Моҳу Мирих дигарон хайма заданд,
Дар ҳайратам аз надидапиндории қавм.

*  *  *

Фарёд зи ғафлати ту, диндории ту,
Тахмин задану надидапиндории ту.
Шармат бодо зи зиллату хории ту,
Бӯсидани дасту кафшбардории ту.

*  *  *

Бар талхдаҳон хаёли лаззат талх аст,
Талх аст даҳон даме, ки қисмат талх аст.
Дар Балх наёфт оби хуш кӯлобӣ,
Ғурбат талх аст, оби ғурбат талх аст.

*  *  *

Эй бод, нагуфтамат, ба хӯи бодӣ
Дар ҳаққи гулу гияҳ накун бедодӣ.
Охир, ки гуноҳи гул гирифтаст туро,
Девона шудӣ, ба кӯҳу дашт афтодӣ.

*  *  *

Дунё ҳама аз ҳиҷоб пурғавғо шуд,
Савдои ҳиҷоб аз куҷо пайдо шуд?
Duздону ғарон ниқоби макраш карданд,
Бигрифт ҳиҷоб шаб зи сар, зебо шуд.

*  *  *

Тақдир агар гаҳе малолам кардаст,
Бас  саъю талош дар камолам кардаст.
То он, ки расам чу ғурраву пухта шавам,
Чун мева зи по-м саркашолам кардаст.

*  *  *

Як умр задам ба ин гумон каллаву пӯст,
К-ин қадр чаро Шарқи куҳан сарзадахӯст.
Дар фалсафаи Шарқ чаро бинвиштанд
Душман ба худӣ будану бо душман дӯст

*   *   *

Ин кӯтали дамгирифт  дамгирам кард,
Ин чархи шикоргар чу нахчирам кард.
Ҳафтод баҳор бо ҷавонӣ будам,
Ҳафтоду як омаду ҷавонпирам кард.

*   *   *

Ин барги хазон, ки рӯи раҳ мерезад,
Аз хирмани умр гарди каҳ мерезад.
Ин хонаи дил зи хоки оташбурдаст,
Дасташ нарасон, ки таҳ ба таҳ мерезад.

*   *   *

Фарёд зи худсӯзии шабҳои дилам,
Як рӯз накард ёр парвои дилам.
Ҷевони китоби пуркитоб аст, дилам,
Кас даст намезанад ба он, вои дилам.

*   *   *

Ҳафтод хазон гузашту ҳафтод баҳор,
Мо аз паи дил будему дил аз паи ёр.
Дидем ҷаҳон шикоргоҳе будаст,
Сур кардану пеш кардани сайду шикор.

*   *   *

Дар даҳр чӣ шӯру инқилоб афтодаст,
Дунё ба чӣ аҳволи хароб афтодаст.
Огоҳ бикун дастаи оташкушро,
Дар хонаи офият алоб афтодаст.

*   *   *

Дар пушти дарат ғарибу шабмонда манам,
Меҳмони туям, нагӯ, ки нохонда манам.
Хушдил ба ҳама туиву бо ман бедил,
Аз гӯшаи хотират чаро ронда манам?

*   *   *

Ҳайфи гули рӯт аз кафан сабз нашуд,
Пажмурда ниҳоли бахти ман сабз нашуд.
Хору гулу сабза аз замин мерӯяд,
Он нахл, ки буд зеби чаман, сабз нашуд.

*   *   *

Чун модари кореси, замин, пуркорӣ,
Дар пушт маро чу тифл мебардорӣ.
Вақте ки зи пушт бар замин бигзорӣ,
Оғӯш кунӣ маро ту модар ворӣ.

*   *   *

Шуд умр тамому нотамомем ҳанӯз,
Дар илми ҳаёт чун авомем ҳанӯз.
Чун нони танӯри тезалав афтодем,
Рӯсӯз шудему мағзхомем ҳанӯз.

*   *   *

Гуфтам, ки баҳор бинамат бозу нашуд,
Чун гул ба канор бинамат бозу нашуд.
Бедор агар набинамат, дар хобам
Як бору ду бор бинамат бозу нашуд.

*   *   *

Ҷуз дарди саре нест суроғи чиву чун,
Бардор ба сар пиёларо чун гулбун.
Чун шиша бурун нарез он чӣ дорӣ,
Хоҳӣ нашавӣ зи маҳфили айш бурун.

*   *   *

Бишкуфт гули дилам зи наврӯзи Ватан,
Сӯзи дили ман нест ба ҷуз сӯзи Ватан.
Гар ҳамчу чароғи куштаам, даргирам,
Бинам, ки сиёҳ мешавад рӯзи Ватан.

* * *

Дар чашми ситора хоби нобурдаи кист?
Маҳтоб тилими ризқи нохӯрдаи кист?
Ин ҷут зи дуди оҳи кӣ ёд орад,
В- ин мотами абр мотами мурдаи кист?

* * *

Ин барги хазон барги лаби хандонест,
Ин радаи хор радаи дандонест
Ин шох чу дасти канда аз домонест,
Ин бод давоми умри саргардонест.

* * *

Ашки қаламам, ки бар варақ меборад,
Хунобчаест аз шафақ меборад.
Гӯӣ таги осмон шикоф аст ин шом,
Борон зи ҳаво чун зи табақ меборад.

* * *

Рӯзе, ки ба ин ҳаёт хушдор шудем,
Бар ними нигоҳи гарми ӯ зор шудем.
Азбаски дар ин сарои меҳмонбезор,
Меҳмонии мо дароз шуд, хор шудем.

* * *

Аз нону насиб доғу дардам доданд,
Аз ташнадилим оҳи сардам доданд.
Диданд, барои дигарон месӯзам,
Монандаи шамс ранги зардам доданд.

* * *

Имшаб шаби суҳбат асту суҳбат аз ишқ,
Хуш давлати он, ки шуд бадавлат аз ишқ.
Ин хона чу гулшанест пурнакҳату бӯ,
Гул-ш аз рухи ошиқону накҳат аз ишқ.

* * *

Азме зи паи банди чигил кандан кун,
Аз кишти умед хоки худ гулшан кун.
Пурбин нарасад ба он чӣ дилбин бирасад,
Аз чашм наноз, чашми дил рӯшан кун.

* * *

Эй чашм, дар оташам, дар обам парто,
Дар деги яхоб аз аловам парто.
То дӯст ба куштанам нагардад зомин,
Душман, ту бикуш, дар офтобам парто.

* * *

Эй сӯхтаи алови ғам ҳамчу хамир,
Ҷонат, ки дар оташ аст, шав оташгир.
Ҳар рӯз ҳазор бор мурдан то кай?
Як рӯз бизӣ чу марду мардона бимир.

* * *

Ишқи ту балову ҷон балокаш доим,
Оташ ғами тусту тан дар оташ доим.
Ин хуфтадилон чӣ хоби роҳат доранд,
Бедор диле дораму нохуш доим.

* * *

Нохӯрда ду бода хӯрд бода моро,
Рӯгармии хасм фанд дода моро.
Хоке, ки ману туро хӯронад имрӯз,
Як рӯз хӯрад даҳон кушода моро.

* * *

Бечора на он, ки ҷаври гардун бикашад,
Бечора касест, миннати дун бикашад.
Гардунакаше, ки мекашад бори ҳама,
Бори ғами рӯзгори худ чун бикашад?

*   *   *

Аз сӯзи дарун чашми тарам ҷӯшида,
Хун дар рагу ғам дар ҷигарам ҷӯшида.
Шире, ки ба кӯдакӣ зи модар хӯрдам,
Сар меравад[1] аз деги сарам ҷӯшида.

*   *   *

Гӯянд, ки зиндагӣ чу абру бод аст,
Шак нест дар ин сухан, ки аз устод аст.
Гуфтам: чӣ касе асири ин дунё нест,
Омад зи қадаҳ садо, ки маст озод аст.

*   *   *

Тезии нигоҳи ту чу ханҷар бодо,
Чашмони аловият алавтар бодо.
Абрӯт, ки мекунад дарав дилҳоро,
Доси даравӣ ҳусни даравгар бодо.

*   *   *

Хӯрдам маю гарди зиндагӣ рафт? Нарафт,
Хориву азоби бандагӣ рафт? Нарафт.
Гуфтанд: хушиву нохушӣ мегузарад,
Хубӣ ку гузашт, гандагӣ рафт? Нарафт.

*   *   *

Чун нест муқими дашти пурчанг дилам,
Аз чист чу чашми муғулӣ танг дилам.
Тоҷиксифат ҳазор шаҳри тарабаш
Додаст ба турки ғусса беҷанг дилам.

[1] Сар рафтан – дам карда рехтани ширу об.

*   *   *

Аёсшабест[1], боди фалғар[2] нарасад,
Бедард ба қадри дидаи тар нарасад.
Ҳарчанд сухан арӯси қадрас шудааст,
Чун духтари камбағал ба шавҳар нарасад.

*   *   *

Ин гул, ки баҳор дилшикораш зодаст,
Афсӯс, ки ҳамнишини хораш зодаст.
Шаҳту[3] зи дарахти беду гаҳвораст бед,
Бебаҳра чу панд кирдгораш зодаст.

*   *   *

Не битвонам ба хавф одат кардан,
Не рафъи балои хавфи офат кардан.
Ҳамсояи дузд дораму натвонам,
Як мижжа шабе хоби бароҳат кардан.

*   *   *

Азбаски азиз ҷоҳу мол аст ин ҷо,
Нодониву аблаҳӣ камол аст ин ҷо.
Маҳтоб чу шом мехӯрад[4], мекоҳад,
Ҳар саъи камол чун завол аст ин ҷо.

*   *   *

Ин сина чу хонаасту дил мизбон аст,
Бечора дилам мудом саргардон аст.
Ноканда паи ғаме ғаме меояд,
Ин хонаи рӯи роҳ пурмеҳмон аст.

---

[1] Аёсшаб – шаби хунуку яхбандӣ.
[2] Фалғар – муқобили аёс, шаби нарма, ки барфҳо об мешаванд.
[3] Шаҳту – тобут.
[4] Шом хӯрдани моҳ – кам шудани моҳ.

* * *

Мондаст дигар аз он паропар дили ман,
Хокӣ шудаасту хокбарсар дили ман.
Месӯзаду гармие надорад, имрӯз,
Чакдони алавхӯр[1] аст дигар дили ман.

* * *

Гулро, ки ба оби шӯр тар мекардӣ,
Тӯфони қиёмате, ки сар мекардӣ,
Аз охири дунё, ки ҷудоӣ аз туст,
Эй кош маро пеш хабар мекардӣ.

* * *

Як чашм, ки ашкдона киштан дорад,
Чашми дигарам низ ҳамон мекорад.
Ин қоида буду ҳасту мемонад боз,
Ҳамсоя ба ҳамсоя бахилӣ дорад.

* * *

Гуфтам: Ватанам, гуфт, ки он имон аст,
Гуфтам ғами ӯ? Гуфт: ҳузури ҷон аст.
Гуфтам ғанабе кунам, садое омад,
Ин хонаи бахт дар раҳи дуздон аст.

* * *

Тан кӯраи оташи гуноҳ аст ҳанӯз,
Сар дудбарои дуди оҳ аст ҳанӯз.
Дод аз дили таркабуди[2] по дар лаби гӯр,
Рухбозу аёру ишқхоҳ аст ҳанӯз.

[1] Чакдони алавхӯр – танӯри куҳнаву фарсудае, ки ба зудӣ гарм намешавад.
[2] Таркабуд – ифодаи таҳқиромезест нисбати пирони бадрафтору бадтинат.

*  *  *

Андеша чу аз дасти таги санг кунам[1],
Чун чашми муғул чашми дилам танг кунам.
Охир чӣ кунам, Худо ба додам нарасад,
Зӯрам нарасад, ки бо Худо ҷанг кунам.

*  *  *

Гар чархи даравгарат кунад досдарав,
Чун дона ба хок афканад, сабз бишав.
Гар сабзбурат кунад ба монанди дарахт,
Аз ҳар раги тарбурат бикаш хадраи нав.

*  *  *

Бар сар зада бод хоки Кай менолад,
Бар хории тоҷу тахти вай менолад,
Бар талхии марги Хусраву Ширинаш
Лаб бар лаби найнавоз най менолад.

*  *  *

Чун чашма диле дар талаби баҳр тапид,
Сад банд зи по кушоду то баҳр расид.
Раҳгум назанӣ ба кӯчаи сарбаста,
Ҳар хона даре дораду ҳар қулф калид.

*  *  *

Эй ашк, нарез, умр ҳам мерезад,
Андоваи девор зи нам мерезад.
Эй пухта, сари шох напоӣ бисёр,
Рав, меваи хом бош, кам мерезад.

[1] Дасти таги санг – дасти кӯтоҳ, норасо.

*   *   *

Аз хуни ҷигар шароб дорад дили мо,
Обилаи чун ҳубоб дорад дили мо.
Дар ҳуҷраи танг зиндасӯзаш карданд,
Як марги пур аз азоб дорад дили мо.

*   *   *

Аз бому дари ҳаёт ғам мерезад,
З-андешаи зиндагӣ алам мерезад.
Сахт аст чунон ғамам, ки дар хӯрдани он
Дандони шикастаи қалам мерезад.

*   *   *

Эй карда шиори кори худ бекорӣ,
Кори ҳама рӯзгори ту беорӣ.
То чанд ба риши падарат мепечӣ,
Чун бор биафтод, фитад сарборӣ.

*   *   *

Девори замонаро манам сархорӣ[1],
Пас чун накашам зи барфу борон хорӣ?
Эй ходими дӯзахӣ, ба иззат мебош,
Гар ман накунам гунаҳ, ту нодаркорӣ.

*   *   *

Дар марзи муҳаббатат кунам бедорӣ,
Осон набудаст кори кишвардорӣ.
Эй хоби фароғатат бароҳат бодо.
Девор чаро хӯрад ғами сархорӣ.

[1] Сархорӣ – хори сари девор, хасу хоре, ки барои муҳофизати девор аз барфу борон гузошта мешавад.

* * *

Шодӣ гузарон аст, алам такрор аст,
Беғам дили хуфтаву бағам бедор аст.
Гӯед ба наққоши азал, нек нигар,
Дар нақши адолатат ғалат бисёр аст.

* * *

Моиндари зиндагӣ аҷаб фандам дод,
Озода дилеву пои дар бандам дод.
Гуфтам дами мурданам, аҷаб лутфе кард,
Ин риши сафедро манаҳбандам[1] дод.

* * *

Зи рӯи таъна гуфтам бар дили пир:
Ҷабин дар пои хубон аз чӣ сойӣ?
Бигуфто: бонги хуфтан мерасад зуд,
Бихонам бомдодамро қазоӣ.

* * *

Шириндаҳаниву тунду тезӣ то кай?
Гар бахти манӣ, ба ман ситезӣ то кай?
Ман соҳили ташнаам, ту мадду ҷазрӣ,
Наздик биёиву гурезӣ то кай?

* * *

Аз ҳадяи тақдир алам буд маро,
Бар ҷои ҳама хӯрдани ғам буд маро.
Чун мардуми аввом дар ин олами ранҷ,
Эй кош фақат ғами шикам буд маро.

---

[1] Манаҳ – ҷоғ. Манаҳбанд – докае, ки бо он манаҳи мурдаро мебанданд.

* * *

Ҷон сӯхт, чаро хонаи ҷон дар нагирифт?
Шуд мурғ кабобу ошён дар нагирифт.
Азбаски насибаи азобам будаст,
Доданд ба куштанам, камон дар нагирифт[1].

* * *

Мардум ба мисоли мушту мо чун ангушт,
Ангушт кучҷову ҷанг кардан бо мушт.
Бар таънаи қавми худ забон тез макун,
Эй пушт ба халқ карда, монӣ бе пушт.

* * *

Аз софии дил рӯзи сияҳ овардам,
Аз бегунаҳӣ рӯ ба гунаҳ овардам.
Чӯбинасифат зи дасти номардии дӯст,
Аз дӯст ба душманам панаҳ овардам.

* * *

Гарчи дари хонаи туро накшоянд,
Ёрон, накунӣ гумон, ки бепарвоянд.
Дар зиндагият агар суроғат накунанд,
Дар оши худоият ҳама меоянд.

* * *

Зоғе, ки ба боғ дар хазон биншинад,
Туркест, ки бар тахти Каён биншинад.
Гарде, ки зи пушти харсаворе хезад,
Бар чеҳраи қавми ориён биншинад.

[1] Ишора ба он аст, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ муаллифи ин сатрҳо бо тасодуфе аз дами марг наҷот ёфта буд.

*   *   *

То дарду балои нафси пастат нарасад,
Миннат зи атои сарпарастат нарасад.
Дар арсаи зиндагӣ, ки майдондорӣ,
То рӯҳи ту нашканад, шикастат нарасад.

*   *   *

Эй умри давон, ки рӯ ба поён дорӣ,
Дар гир занӣ[1] сайди гурезонворӣ:
Ҷони ба иморати бадан такязада,
Чун такя ба як бинои вайрон дорӣ?

*   *   *

Гар хок шавӣ, хоки баландӣ бошӣ,
Ё сурмаи чашми дардманде бошӣ.
Чун бед агар бор наорӣ, боре,
Эй кошки дастаи каланде бошӣ.

*   *   *

Ин тӯда, ки касро ба дулар бифрӯшанд,
Бо нархи ҳавас домани тар бифрӯшанд.
Карданд чунон ба касфурӯшӣ одат,
Дунёву ахирата ба хар бифрӯшанд.

*   *   *

Ғун карда будам ҳар он-ч мурда-мурда,
Мушон ҳамаро шабе ба ғорат бурда.
Аз муш гила намекунам, одати ӯст,
Фарёд зи гурбаҳои порахӯрда.

---

[1] Дар гир задан – гирифтор шудан.

* * *

Мӯ чун вараќи сафед дар дафтари мо,
Ҳамчун гули шакзадаст[1] рӯи тари мо.
Мо пир шудему дилбарон хушқаду баст,
Ғам мушти дареғ мезанад бар сари мо.

* * *

Мулло, ба манаш чун ҳаваси ҷанг ояд,
Тасбеҳ ба каф, дар бағалаш санг ояд.
Ин бандаи нафс бар мани озода,
Гӯяд, ки ту бандаӣ, маро нанг ояд.

* * *

Шуд соҳили оби шӯр пироҳани ман,
Ҷуз ашк нарехт дона дар домани ман.
Домони дравиям[2] такидам, рафтам,
Эй бод, дигар ту дониву хирмани ман.

* * *

Раҳдидаи санҷидаи кӯят чашмам,
Дар ҳавзи гулоб парда шӯяд чашмам.
Андар сари ҷӯи ашк бо расми қадим,
Хоби бади худ ба об гӯяд чашмам.

* * *

То субҳ гирифт каштали шомамро,
Андеша рабуд хобу оромамро.
Чун кӯдаки норасид аз бими ҳалок,
Дар пунба гирифтаам сари хомамро.

---

[1] Шак – шушаи барфмонанде, ки шаб бар замин мерезад.
[2] Дравӣ, даравӣ – ҷома, қабое, ки вақти дарав мепӯшанд.

*   *   *

Ман хирмани гирди ту, агар маҳ бошӣ,
Ман ғунчаи гирён, ту саҳаргаҳ бошӣ.
Чашмам чу чароғи раҳ таги борон аст,
Тарсам, ки шавад хамӯшу дар раҳ бошӣ,

*   *   *

Гар дастаи қамчини қазо гулкорист,
Аз тасмаи қамчини қазо хун ҷорист.
Моро зи қазо чу ғур аз панҷаи шер,
Чизе, ки наҷот медиҳад, ҳушёрист.

*   *   *

Сайёд фалокат асту ин дил сайд аст,
Сайёд садаспаасту дар гил сайд аст.
Бо он ҳама зиракӣ қазо сайдам кард,
Дар чашми қазо оқилу ҷоҳил сайд аст.

*   *   *

То парда аз он чеҳраи дилкаш афтод,
Дар хирмани моҳтоб оташ афтод.
Чун пир пас аз намоз пинак мерафт[1],
Абре, ки бад-ин ҳоли мушавваш афтод.

*   *   *

Рӯзе ба хаёли рафта зистӣ, ё не?
Ғамнома ба номи дил навиштӣ, ё не?
Дар гӯшаи бекасӣ, шаби танҳоӣ,
Бар мурдаи ишқи мо гиристӣ, ё не?

[1] Пинак рафтан – ғанаб рафтан, як ҳолати нимхобиву нимбедорист, миёни мардум ховмалоқаш гӯянд.

* * *

Лутфи ту ҳар он-ч мерасонад,бахт аст,
Обе, ки ба пахта мечаконад, бахт аст.
Аз дафтари доғу дарди ман дар ёдат
Як ҳарфи дареғ агар бимонад, бахт аст.

* * *

Дар хонаи хуфтагон чароға куштанд,
Рӯшандили хоми синадоға куштанд.
Дар хилвати шом раҳзанони зулмат,
Як раҳгузари нурсуроға куштанд.

* * *

Ин лаҳзаи шодро ба ғам ёфтаем,
Кам ёфтаем он, ки фузун кофтаем.
Дар гулшани зиндагӣ чу мағзи доне,
То сабз шудем, пӯст партофтаем.

* * *

Мушти алами тагаргу борон дидаст,
Ин лола, ки гӯӣ чашми хун печидаст.
Ин пуштаи кӯзпушти дунёдида,
Бисёр ба гиряҳои мо хандидаст.

* * *

Моиндари зиндагӣ аҷаб пандам дод,
Таълими гиристани ба лабхандам дод.
То пеши касе зи ҷабри ӯ дам назанам,
Аз мушти гиреҳкарда гулқандам дод.

* * *

Хоре чу ба по халид, ҷон месӯзад,
Дил дард, ки кард, устухон месӯзад.
Мо мардуми дӯстхоҳи душмандорем,
Дар гуфтани дарди мо забон месӯзад.

* * *

Дар мактаби ишқ чун сабақ сар кардам,
Ман дарси муҳаббати ту аз бар кардам.
Куштанд чароғи шаҳр агар, боке нест,
Дилро ба чароғи ту мунаввар кардам.

* * *

Кӯ партави шавқ то фурӯзад дилро?
Кӯ оташи ишқ, то бисӯзад дилро?
Он сӯзани мижжа куву кӯ риштаи меҳр,
То чок ба чок боз дӯзад дилро.

* * *

Шаб мурду нагуфт ҳеҷ кас вои шаб,
Холист дигар миёни мо ҷои шаб.
Дунёи шаба шабу Худо медонад,
Пӯшида буд аз ҳама чу дунёи шаб.

* * *

Дар маҷлиси айши шаб шаробам нарасид,
Дил гашт кабобу дилкабобам нарасид.
Дар соҳили Панҷ, меҳнати барбодам,
Олам таги об монду обам нарасид.

* * *

Эй кош, бубинамат, дилам тар гардад,
Бори аламам кашида камтар гардад.
Ҳар рӯзи Худо, ки меҳнату ташвиш аст,
Кай роҳати зиндагӣ муяссар гардад?

* * *

Чун лона ба гулзори дигар хоҳӣ кард,
Аз гулшани дил маро бадар хоҳӣ кард.
Аз дидани ман агар ҳазар хоҳӣ кард,
Аз кӯчаи ёди ман гузар хоҳӣ кард,

* * *

Чашми банами нахуфтаат розе дошт,
Дар соя гули шукуфтаат розе дошт.
Чумбидани[1] лаб, гираҳ ба абрӯ заданат,
Рози сухани нагуфтаат розе дошт.

* * *

Шаб ҷома сиёҳ кард аз мотами рӯз,
Бечора чароғ сӯхт шаб аз ғами рӯз.
Субҳ омаду хайма зад ва гуфт аз ин пас,
Мо ворисӣ мутлақем дар олами рӯз.

* * *

Баъди сари шаб мурдачароғе монад,
Доғи сияҳи дуда ба роғе монад.
Ранҷида суханҳои парешон гӯяд,
Аз сӯхтадил дуди димоғе монад.

* * *

Чун гарм шавад, нарм шавад оҳани каҷ,
Кай рост ба мо шавад дили душмани каҷ.
Бечорагии хасм фиребе бошад,
Шамшер хӯрад хуну кунад гардани каҷ.

* * *

Кулбори гарон ба дӯш аз бори гуноҳ
Ҷонсахтии мо бубину нотахтии роҳ.
Шӯстем матои умр дар оби ҳаё,
Кардем сафед оқибат мӯи сиёҳ.

[1] Чумбидан – аз рӯи нозу итоб ғунча кардани лаб, қаҳри нозолуд.

*   *   *

Гулғунча будему ҳамчу гул чок шудем,
Чун косаи гирдбод нопок шудем.
Дидем, чӣ мекунанд бо шохаву бор,
Аз чашм ниҳон чу реша дар хок шудем.

*   *   *

Бо дарду ғаме, ки додаӣ, шукрона,
Бо бешу каме, ки додаӣ, шукрона.
Аз моли ҷаҳон барои дандонкобӣ,
Чун хас қаламе, ки додаӣ, шукрона.

*   *   *

Гул кард зи хун саҳифаи номаи мо,
Бо пои шикаста меравад хомаи мо.
Чун гург зи пушти сайд хун лесида,
Думболагир аст хасми худкомаи мо.

*   *   *

Чун майсаи худрӯӣ нумӯе дорем,
Дар шабнами субҳ шӯстушӯе дорем.
Мангар, ки чӣ гунаем гардолуда,
Бингар, ки чӣ гуна рангу бӯе дорем.

*   *   *

Ҳар шох дар ин боғи гулафшон бошад,
Китфест, ки гоҳи гиря ларзон бошад.
Ин хок мазори куҳнаи ҳамворест,
Ҳар барг кафи дасти дуохон бошад.

*   *   *

Инҳо, ки зимоми давр бигрифта базур,
Дар мотами дигарон кунанд ишрату сур.
Ҳоло ба куҷо равему фардо ба куҷо?
Эй вои касе, ки меравад аз паи кӯр.

*   *   *

Шабмонда шудем дар шаби чун шаби гӯр,
Не ак-аки саг зи дуру не чашмаки нур.
Аз баҳри савоб кӣ фурӯзад шамъе,
Ку дасти асокаше, ки моем чу кӯр.

*   *   *

Месӯзаму ёд кас зи доғам накунад,
Парвона гузар сӯи чароғам накунад.
Чун боғи хазонрасидаи матрукам,
Мӯру малаху мор суроғам накунад.

*   *   *

Ғам як нафасам тоқаву танҳо нагузошт,
Як гӯша барои беғамӣ ҷо нагузошт.
Бо ин ғами рӯхарош созам ночор,
Кас бар сари сояи худаш по нагузошт.

*   *   *

Баддидаи осмон чаро Ҷамшед аст?
Меҳраш ҳама бар Заҳҳок бошад доим.
Деҳқон, ки дарахти зиндагӣ сабз аз ӯст,
Чун реша даруни хок бошад доим.

*   *   *

Эй дил, зи чароғи ишқ рӯшан бошӣ,
Эй ҷон, зи баҳори ишқ гулшан бошӣ.
Ман чилла нишастаам чу дар гӯшаи ёд,
Эй ғам, чӣ ғамат расид, бо ман бошӣ?

*   *   *

Чашмони ту офат асту офатзада ман,
Ҳиҷрони ту ғурбат асту ғурбатзада ман.
Наздиктар аз манат магӯ ҳаст, ки нест,
Бегона чаро ғарибу ҳиҷратзада ман.

* * *

Нав гаштани мавҷи рӯд аз костан аст,
Ороста гулситон зи перостан аст.
Фарёд макун, ки пешпоӣ хӯрдам,
Афтодани мо чу машқи бархостан аст.

* * *

Савдои ҳаётро хироҷе бошад,
Ғамҳои замонаро илоҷе бошад.
Теғе, ки қазо кашид, беҳикмат нест,
Мӯро ба дукорд[1] эҳтиёҷе бошад.

* * *

Рӯзе, ки ба шаб расид, нопайдо шуд,
Шодӣ, ки ба ғам кашид, вовайло шуд.
То соя ҷудо нагашт аз домани субҳ,
Шаб мурд агар, рӯзи дигар эҳё шуд.

* * *

Ин субҳ саҳифаест нокарда сиёҳ,
Дар ӯ начакад кош, ки як доғи гуноҳ.
Чун чашми гуселанда банам дидаи гул,
Ин рӯз мусофирест рӯ карда ба роҳ.

* * *

Дер асту замини ман накиштаст ҳанӯз,
Чун дафтари шеъри нонавиштаст ҳанӯз.
Чашмам ба ғубори тирамоҳ, пиндорам,
Гарди каҳи хирманам нашиштаст ҳанӯз.

[1] Дукорд – қайчӣ.

* * *

Имшаб, ки ҳаво рӯи дарам гирён аст,
Барги лаби ман барги таги борон аст.
Дар кулмаки кӯчаҳои сарбастаи шаб,
Чашми бараҳам ҳубоби саргардон аст.

* * *

Бо ҳам ману ту, чароғ, то кай сӯзем?
Бо синаи пур зи доғ то кай сӯзем?
Як шаб ғами ҳаршаба, ки одат кардаст,
Моро бикунад суроғ, мо кай сӯзем?

* * *

Гулпарвариву бурун зи боғат карданд,
Бедоғ диле дориву доғат карданд.
Худсӯзии шабҳои туро кай донанд
Онон, ки чунин сияҳчароғат карданд.

* * *

Чун дид чӣ кардааст тақдир ба гул,
Додаст фалак чӣ дояи пир ба гул,
Аз чоки гиребони сияҳ берун кард
Пистон-ш сапеда, ки диҳад шир ба гул.

* * *

Имрӯз хазон чӣ баргбезон кардаст,
Парвезани хуршеда авезон кардаст.
Ёрони маро ҳавои сармоии давр
Мурғони баҳории гурезон кардаст.

*   *   *

Дар рӯи замин роҳ хати ожанг аст,
Домони замин зи хуни ман гулранг аст.
Ман шохаи навбарам, шикастам сари гул[1],
Дар кундаи ман нишони захми санг аст.

*   *   *

Ку субҳ дамад, синаи шаб чок кунад?
Шодӣ гузаре бар дили ғамнок кунад.
Ку панҷаи офтоб аз чеҳраи гул
Ашки алами шабонаро пок кунад.

*   *   *

Дар кашмакаши ҳаёт бас кост дилам,
Бисёр зи по фитоду бархост дилам.
Гӯям, нафасе рост кунам, менигарам,
Зистам на бад-он гуна, ки мехост дилам.

*   *   *

Бологузар аст ғайр дар хонаи ту,
Бадхоҳ савор бар сари шонаи ту.
То руҳи ту аз банди ғуломӣ нараҳад,
Пурхок бувад мудом пешонаи ту.

*   *   *

Дар гӯшаи бекасӣ ба ғам мегирям,
Бисёр ба дарду ба алам мегирям.
Печида зи сӯзи дард то рӯз чу дуд,
Чун шамъ ба ҳоли худ худам мегирям.

[1] Сари гул – норасид, хом.

*   *   *

Ин нома, ки бо ашки ҷудоӣ кардам,
Бо нома дили шикаста ройӣ кардам[1].
Аз сахтии зиндагӣ ҳикоят чӣ кунам?
Рафтам дари душманам, гадоӣ кардам.

*   *   *

Душман накунад он чӣ ба ман кард ҳаёт,
Овора маро ба ҳар Ватан кард ҳаёт.
Н-аз рафтани умр мӯи ман гашт сафед,
Як мурдаи зиндаро кафан кард ҳаёт.

*   *   *

Ин субҳ, ки мерасад, чӣ дорад дар дил,
В-он донаи ашки шаб чӣ орад ҳосил?
Чун гулбуни боғ зиндагӣ бояд кард,
Лабҳо пури хандаасту пояш дар гил.

*   *   *

Чун гард нашав, ки печутобат бошад,
Саргаштагии дашти харобат бошад.
Покиза чу шабнами саҳар бояд зист,
Хоҳӣ, ки дурахши офтобат бошад.

*   *   *

Чун мӯр савори хас ба оби гузарон,
Бар раҳмати беғаме чӣ бошӣ нигарон?
Олам ҳама дар туву ту ҷӯӣ ҳама ҷо,
Худро бишинос, то шиноси дигарон.

---

[1] Ройӣ кардан, роҳӣ кардан – фиристодан.

* * *

Аз роҳи сафар ба чеҳра чанг овардам,
Дар сина дили зи ғусса танг овардам.
Аз шарми тиҳидастии худ, ёри азиз,
Дар пеши ту ранг бурда ранг овардам.

* * *

Аз лутфи туам ба дил фараҳ бошад, бас,
Аз чашми туам ними нигаҳ бошад, бас.
Пои басафар дораму раҳтӯшаи кам,
Ишқи ту маро тӯшаи раҳ бошад, бас.

* * *

Дар ишқи ту обрӯ гирифтаст дилам,
Бо дарду ғами ту хӯ гирифтаст дилам.
Аз дида куҷо равӣ чу аз дил наравӣ,
Эй сайди гуреза, бӯ гирифтаст дилам[1].

* * *

Ҳар зот ба зоти хеш дил мебандад,
Бегонапараст, бар ту олам хандад.
Парвардаи рӯзу рӯшноист, нигар,
Соя чу ба шаб расад, ба шаб пайвандад.

* * *

Бигрифт рақиб сангу мо шиша ба даст,
Ҳушёр будаст хасму мо ғофилу маст.
Кардем баланди роҳ ҳар мардуми паст[2],
Гард аз таги по чу хест, бар дида нишаст.

[1] Бӯ гирифтан – пайдо кардани нишони сайд, пайи чизеро гирифтан.
[2] Баланди роҳ кардан – калон кардан, тарбия карда ба воя расондан.

* * *

Ту синаи меҳру душманат ташнаи кин,
Ту ташна чу кабку душманат чашманишин[1].
Ту шуълаи саркашӣ, на хокистару гард,
То чанд лагадкӯб шавӣ ҳамчу замин?

* * *

Бар санг чу зад неши каландам, кач шуд,
Чун доси дарав қадди баландам кач шуд.
Гарчи ба таноби умр ченаш кардам,
Ҷоне, ки чу ҷӯя рост кандам, кач шуд.

* * *

Камризқ дилам ҳар он-ч мехост, нашуд,
Як лаҳзаи умр бе каму кост нашуд.
Мардум ҳама гандумора хирман карданд,
Эй доси дарав, гардани ту рост нашуд.

* * *

Дурдонаи ҷон, дашти кабобам бе ту,
Чун майсаи дар ҳасрати обам бе ту.
Ёбам раҳи зиндагӣ, наёбам, гап нест,
Худро ба ту, сад қасам, наёбам бе ту.

* * *

Дурдонаи ҷон, ту дар амон бошӣ, бас,
Фонист ҷаҳон, ту ҷовидон бошӣ, бас.
Як шоири муфлисам, ту дониву Худо,
Дороии ман ба ду ҷаҳон бошӣ, бас.

[1] Чашманишин – сайёд, касе, ки дар лаби чашма дом гузошта кабкони барои обхӯрӣ омадаро шикор мекунад.

* * *

Аллоҳ, агар халифа ин сон бошад,
Ақли ҳама дар ҳукми ту ҳайрон бошад.
Иблис, ки шайтонии одам дидаст,
Аз саҷда накарданаш пушаймон бошад.

* * *

Не гӯш ба оҳу не ба ҳарфам кардӣ,
Сармозадаи дили чу барфам кардӣ.
Савдои ту хом буд, касодат кардаст,
Ман давлати ту будам, чӣ сарфам кардӣ?

* * *

Эй дӯст, чароғи ҳучбемори туям,
Гирён ба сари кӯчаву бозори туям.
Фардо ба дари мазори ман чилла нашин,
Имрӯз биё, ки зиндаам, зори туям.

* * *

То чанг задам ба тори дил, чанг шикаст,
То пардаи нола хест, оҳанг шикаст.
Бар санг задам сарам магар сар шиканад,
Сар монду балои сар, вале санг шикаст.

* * *

Карданд пур аз маи алам ҷоми маро,
Ширин накунад ба ғайри ғам коми маро.
Гумном наям чу мешавад пайдо кард
Дар рӯихати ва ғайраҳо номи маро.

* * *

Май аз лаби бӯсабоб хӯрдам имшаб,
Аз косаи гул шароб хӯрдам имшаб.
Аз оташи рухсори аловистонат
Чун мӯи ту печутоб хӯрдам имшаб.

* * *

Эй бахтсияҳ, Худо ба ёдат нарасад,
Фарёд накун, ки кас ба додат нарасад.
Бо пову ба сар давиданат беҳудаст,
Аз ризқи Худодода зиёдат нарасад.

* * *

Чун сабзаи рӯи роҳ помолат, ишқ,
Кардаст замона, вой бар ҳолат, ишқ.
То зинда будам, ҷонма ба ҷонат мондам,
Баъди сари ман чӣ мешавад ҳолат, ишқ.

* * *

Хирман пури пайхум аст, бодаш кӣ кунад?
Дар дил ғами мардум аст, шодаш кӣ кунад?
Дар зиндагиам касе ба қадрам нарасид,
То шаб намурад чароғ, ёдаш кӣ кунад?

* * *

Не бор, на гул, на барг мондаст маро,
Як шохи пас аз тагарг мондаст маро.
Кардем, накардем, гузашт он чӣ гузашт,
Умед ба лутфи марг мондаст маро.

* * *

Кардаст ғубори зиндагӣ бетобам,
Доруи ғами замонаро мекобам.
Фарёд, ки зиндагии каҷ гӯю натарс,
Оинаи каҷнамост, каҷ метобам.

* * *

Оринасабе, ки ор дорад, бодо,
Бо асли худ ифтихор дорад, бодо.
Гул баҳри ҳимояи худу гулбуни худ,
Чун ханҷари тез хор дорад, бодо.

*  *  *

Кӣ ҷамъ кунад қавми парешони маро?
Обод кунад гӯшаи вайрони маро?
Кист он, ки зи хоби паҳлавонӣ[1] як рӯз,
Бедор кунад Рустами Дастони маро?

*  *  *

Айби ману айби туву ҳайфи туву ман,
Чун суфраи сагканда шуда пора Ватан.
Чун рӯд ба ҷӯи дигарон рафта ҷудо,
Не шӯр ба сина монд, не зӯр ба тан.

*  *  *

Монда гули коҳи хирманам дар сари ман,
В-ин чок чу дил дравии дар бари ман.
Ҳайрон шудаам, ки бо зимистон чӣ кунам,
Чун ходими андоз чу кӯбад дари ман.

*  *  *

Шохи тарабам, ки тоқабарг аст, эй дӯст,
Пасмондаи офати тагарг аст, эй дӯст.
Тан пир шавад чу дил ҷавон аст, чӣ бок,
Дил пир шавад, ҳаёт марг аст, эй дӯст.

*  *  *

Парвардаи шири поки борон ману дил,
Монем ба сабзаи биёбон ману дил.
Бозичаи дасти гирдбодем, дареғ,
Монанди кулулахори ғелон ману дил.

[1] Хоби паҳлавонӣ – хоби ниҳоят сахт.

* * *

Бархурд ба санг то замоне сари мо,
Бисёр қалам гирист бар дафтари мо.
Мо масти шароби осмонӣ будаем,
Душман паи он, ки бишканад соғари мо.

* * *

Гоҳам ба гумони бехудоӣ куштанд,
Гоҳам ба забони ошноӣ куштанд.
Аз решаву аз кундаву аз шоха маро,
Карданд ҷудову дар ҷудоӣ куштанд.

* * *

То дар паи зиндагӣ ба роҳ афтодем,
Сад бор ба чоҳи иштибоҳ афтодем.
Гуфтем дари рози фалак боз кунем,
Ду чашм бар осмон ба чоҳ афтодем.

* * *

Мон, чун лаби чашма чашми дил нам бошад,
Камбахт диле бувад, ки камғам бошад.
Бе сарвати дард мурдаву зиндаи мо,
Чун мурдаи камбағал камодам бошад.

* * *

Ин барги хазон саҳифаи дафтари ғам,
Аз қиссаи моҷарои маргу одам.
Дар сина муҳаббати ту хоҳем гузашт,
Хуршед дар оғӯш бимирад шабнам.

* * *

Ин дил, ки мудом хӯи саркаш дорад,
Дар хок равад, ба ғам кашокаш дорад.
Эй бод, ба хоки турбатам пой намон,
Хокистари ин алов оташ дорад.

* * *

Инҳо, ки ба сад забон фусунат созанд,
Аз хонаи офият бурунат созанд.
То шираи ҷони ту бинӯшанд чу май,
Чун шиша бағалкашон нагунат созанд.

* * *

Ҳарчанд ба чашми ақлу дил менигарам,
Бар олами асрори ту роҳе набарам.
Умрам чу қатораест, ман шишта дар он,
Аз шаҳри ҳақиқати ту шаб мегузарам.

* * *

Чун рондаи даргоҳи ту бо ҳоли табоҳ,
Аз ту ба ту мекунам шикоят, Аллоҳ.
Кӣ кард гуноҳу кӣ кашад заҷри гуноҳ?
Бар адли ту офарину аз қаҳри ту оҳ.

* * *

Девору дари баланд дорӣ, чӣ кунам,
Моро ба дарун намегузорӣ, чӣ кунам.
Хоҳам, ки ба гарди ту расам, натвонам,
Ман пои пиёдаам, саворӣ, чӣ кунам.

* * *

Аз рафта баҳор мушти хоре мондаст,
Аз бод ба рӯи гул ғуборе мондаст.
Аз ишқу ҳавасҳои ҷавонӣ, ки гузашт,
Афсӯсу дареғи бешуморе мондаст.

*   *   *

Чандест дар ин хароба раҳ мепӯям,
Огоҳ наям чиро чаро меҷӯям.
Ҳарчанд ғубори роҳро аз рӯям,
Чун гурба ба оби даҳанам мешӯям.

*   *   *

Умрам чу китобу рӯзҳо сатри равон,
Оғоз чӣ гуна бину анҷом чӣ сон.
Хом аст ахири қиссаи қисмати ман,
Бар дафтари умри ман, қазо, нуқта намон.

*   *   *

Шаб пушти дарам, дилам саҳар мехоҳад.
Хокистари мурдае шарар мехохад.
Аз зиндагии хасис дар қаҳтии сол
Бечораи гушнамаст зар мехоҳад.

*   *   *

Гирдам ҳама шаб, шаб бизанад чашмонам,
Шабмондаи раҳгумзадаи сарсонам.
Имшаб ҳама ҷо чароғи мардум мурда,
Сӯи чӣ равам, чун бикунам, ҳайронам.

*   *   *

Он қадр ҷафои зиндагӣ бар мо рафт,
К-аз чашмаи чашм хуни дил дарё рафт.
Дар лавҳи мазори ман ба хун бинвисед,
Ғамдарҷигари ғариб аз дунё рафт.

*   *   *

Ёрон ҳама бо ғами худанд овора,
Дармондаи дарди зиндагӣ, бечора.
Ғам монд фақат зи ҳамнишинони қадим,
В-ин дил, ки бувад чу ҷоми пора-пора.

* * *

Монандаи сабзаи раҳам пайхаста,
Сар то қадамам зери қадам бишкаста.
Бар ҳар дари умед, ки рӯ меорам,
Аз бахти бадам дари умедам баста.

* * *

Эй роҳ, кучост аввалу анҷомат,
Эй дӯст, куҷост номаву пайғомат.
Чун кулчаи такалов[1] то кай, эй дил,
Бинам таги хокистари сӯзон хомат.

* * *

Рафтиву дилам ҳазору як пора шуда,
Чоки дили порама кӣ дӯзад, оча.
Рӯзе, ки сарам ба болинояд, чун шамъ,
Болои сарам дигар кӣ сӯзад, оча.

* * *

Шаб рафту саҳар омаду рӯзи ғами нав,
Маҳтоби сари марқади ту шом нахӯрд[2].
Аз донаи ашки ман умеде надамид,
Рӯҳи ту чу мурғи раста бар дом нахӯрд.

* * *

Моем палаксӯхтаи[2] пухта базӯр,
Будем сари гул, ки ҷавонпир шудем.
Дар маҳкамаи ҷаҳон надонем чӣ сон
“Бо пои худ омадему занҷир шудем”.

---

[1] Кулчаи тагалов, ё осиёбӣ – ноне, ки осиёбакиҳо зери оташи хокистар мепазанд, қумоч.

[2] Палаксӯхта – харбуза ё тарбузе, ки бо сабаби пажмурдагии буттааш базӯрпаз мешавад.

*   *   *

Аз партави рӯи ёр шомам рӯз аст,
Чашмони шарорабор зулматсӯз аст.
То ишқи ту ҳаст аз хазон н-андешам,
Ҳар лаҳзаи умри ошиқӣ наврӯз аст.

*   *   *

Дар боғ нишастаиву гул ҳайронат,
Бишкуфта баҳори ишқ дар чашмонат.
Харпанҷа[1] задаст ҳамчу дасти ошиқ,
Хору хаси боғ бар лаби домонат.

*   *   *

Ин барги хазон, ки зери пои ману туст,
Чун номаи огаҳӣ барои ману туст.
Мо аз паи рафтагон равонему бубин,
Чандин каси дигар аз қафои ману туст.

*   *   *

Дӣ ёр ба ваъдаҳо дилам хуш мекард,
Имрӯз ба дардҳо қаринам кардаст.
Хуш бод димоғи ёри бегонаи ман,
Дар хонаи худ иҷорашинам кардаст.

*   *   *

Бас зуд гузашт беғамии ману ту,
Чун шадда гусаст ҳамдамии ману ту.
Хушдор[2] ба ҳам будему хушҳол ба ҳам,
Кӯтоҳ будаст хуррамии ману ту.

[1] Харпанҷа – панҷаҳои дастро миёни ҳам гузошта чизеро доштан, бисёр маҳкаму сахт доштани чизе ё касе.
[2] Хушдор – ошиқ.

*   *   *

Чандест дар ин бодияи ишқу ҳавас
Бозичаи дасти бод ҳастем чу хас.
Шабмондаи хастаем дар дашти умед,
Не роҳ ба сӯи пеш донему на пас.

*   *   *

Оринасабему бо Худоён хешем,
Аз насли каёнем в-аз он ҳам пешем.
Гуфтем ба бегонаву гӯем ба худ,
Мо пайкарасози қотилони хешем.

*   *   *

Ҷамшеди туро мӯбади нодони ту кушт,
Сӯҳроби туро Рустами Дастони ту кушт.
Бадхоҳ, ки ғофилат ба майдон дарёфт,
Зад чапғалате[1] туро ба дастони ту кушт.

*   *   *

Мурғи чаманиву дар чаман белона,
Соҳибватаниву беватан, бехона.
Эй қавм, туро умеди озодӣ нест,
То саҷда кунӣ ба қиблаи бегона.

*   *   *

Буд дар лаби ҷӯ дасту гиребон моро,
Аз боиси об шӯру тӯфон моро.
Афтобаи дасти мурдашӯ ёд омад,
Оё, ки насиба мекунад он моро.

[1] Чапғалат – ҳиллаву фиреб, чапғалат додан, фиреб додан.

* * *

Рӯз аз паси рӯз бигзарад беҳуда,
Бигзашт тамузу кишти ман надруда.
Пайваста мушаввашу парешон бошад,
Чун хоби палакбон[1] дили ноосуда.

* * *

Борон бигузашту ашк дар дидаи гул,
Пурроз бувад лабони чумбидаи гул.
Монандаи чоки қалби садпораи ман,
Дарбеҳ нашавад қабои бидридаи гул.

* * *

Киштам зард асту киштзорам зард аст,
Рухсори тарам пур аз ғубору гард аст.
Ман шоири ошиқам, кунам деҳқонӣ,
Чизе, ки дарав кунам, азобу дард аст.

* * *

Бо даст канам наски баланди пушта,
Ангушти қаламгирам ба хун оғушта.
Пармуча[2] шудаст барги сабзи тарабам,
Мурғи дилаки маро замона кушта.

* * *

Дар қитъаи помондаи хокаш ҳама қум,
Хун хӯрдаму ҷон кандаму киштам гандум.
Не майсаи тар дораму не хирмани пур,
Ман гӯшанишин шудам зи дасти мардум.

---

[1] Палакбон – полизбон.
[2] Пармуча – пажмурда

*   *   *

Пурсанд маро, ки бе ту ҳолам чун аст,
Аз доираи гумони кас берун аст.
Эй дӯст, ба тарбузи расида монам,
Берун ҳама сабзаму дарун пурхун аст.

*   *   *

Ободии хонаи дилам, дурдона,
Кошонаи дил бе ту бувад вайрона.
Бо кандани ҷон хушк нашуд решаи ғам,
Аз мазраи дил чун алафи бегона.

*   *   *

Биншастаӣ рӯ ба рӯву чумбида ду лаб,
Аз ман ту гумони бад барӣ, нест аҷаб,
Дар дидаи бадгумони хоболуда,
Гулбутта чу дузд менамояд дар шаб.

*   *   *

Гуфтам: Ватанам, дилам зи ғам бирён шуд.
Гуфтам: чаманам, сина аловистон шуд,
Гуфтам, ки кунам ҳикояти қисмати қавм
Гап дар даҳанам сӯхт, ҷигар бирён шуд,

*   *   *

Чун нӯги қалам нӯги забонҳо суфтанд,
К-аз сад ҳунарат яке ба мардум гуфтанд.
Аз файзи баҳори табъи ту баҳра баранд,
Гулҳо, ки ба боғи маърифат бишкуфтанд,

* * *

Як ҷилваи орзуст дар сӯзиши дард,
Чашмакзании чароғ дар пардаи гард.
Бар теппаи сар задаст гар барфи сафед,
Шукрона, ки дил нагашт аз ишқи ту сард.

* * *

Гар қатра наметапад чу дил, дарё нест,
Гар зарра назад ҷӯш ба ҳам, дунё нест.
Гӯӣ, ки зи сӯзи мо чӣ суд асту зиён,
Имрӯз насӯзем агар, фардо нест.

* * *

Ё раб, дили бераҳам[1] чӣ исён дорад,
Гӯяд, ки бигӯ: биҳиштӣ армон дорад?
Нодор ба ёди нони серӣ зиндаст,
Доро ба чӣ зиндааст, чун нон дорад?

* * *

Калбеди дари хона надорад соя,
Не ходаи гӯр мешавад, не поя.
Эй хок кашад нафси бади дунёро,
Ҳамсоя шудаст душмани ҳамсоя.

* * *

Фармуд Худои ориён парҳезам,
К-аз сояи лутфи дигарон бигрезам.
Дар роҳи ҳаёт агар зи по афтодам,
Бар дасти худам такя кунам, бархезам.

---

[1] Бераҳа – беҷогард, бадрафтор.

* * *

То кард қазо насиби мо луқмаи пок,
Чун мурғ ба нӯл дона ҷустем зи хок.
Бо захми каланди зиндагӣ сабз шудем,
Монанди замини кишт бо синаи чок.

* * *

Ҷӯем чӣ ком аз фалак беҳуда,
З-ин харбузаи мурдапалак[1] беҳуда.
Ҳам дӯзаху ҳам биҳишт аз мо будаст,
Тарсем зи иблису малак беҳуда.

* * *

Нопухта будем, бӯи хомӣ кардем,
Гумном шудему хасма номӣ кардем.
Шамшеру сиёсату фазилат, ҳамаро,
Додем ба душману ғуломӣ кардем.

* * *

Наздик чунон ба дарду доғем ба ҳам,
К-умре қаламу ману чароғем ба ҳам.
Дар гармиву сардиҳои солу маҳи дард,
Чун гулбуну хору нахли боғем ба ҳам.

* * *

Ҳушёрии баъди мастиям дарди сар аст,
Хандидани ман ҷафидани[2] чашми тар аст.
Тарҳи ду ҷаҳон чӣ гуна каҷ сохтаанд,
Меъмор, ки мешиносамаш боҳунар аст.

---

[1] Мурдапалак – харбуза ё тарбузе, ки бо сабаби пажмурдан ё хушк шудани палакаш базӯрпаз шудааст.
[2] Ҷафидан – фишурдан, оби чизеро баровардан.

* * *

Дар кори ҷаҳон тааммуле мебояд,
То кам накунад зам накунад, н-афзояд.
Моро, ки дар оташи бало пухта шудем
Як рӯз барад зи байну хоме ояд.

* * *

Ман худ чӣ касам, ки кас ба қадрам бирасад,
Бар кӣ бирасам, ки кас ба қадрам бирасад.
Ман чун нафасам, ки кас ба қадраш нарасад,
Не чун ҳавасам, ки кас ба қадрам бирасад.

* * *

Умед фиреб мекунад осонам,
Бо бозичае чу тифл саргардонам.
Гӯяд: ба мурод мерасӣ аз раҳи дил,
Дар роҳи кушудаи дилам сарсонам.

* * *

Садрангии мост аз фалаки сурху кабуд,
Ҳам нур зи оташ асту ҳам дудаву дуд.
Эй дӯст, биё, биё, ки бо ҳам бошем,
Дар гӯр зи ҳамдигар ҷудо хоҳем буд.

* * *

Аз марг нагӯ, аз ин дами ҳаст бигӯ,
Аз бодаву аз шаробу аз маст бигӯ.
Аз роҳати сабзазор дар суҳбати ёр,
В-аз он чӣ Худо насиба кардаст бигӯ.

* * *

Дороиву нодории дунё ҳама ҳеҷ,
Безориву бозории дунё ҳама ҳеҷ.
Фақри ману фахри туву фарқи ману ту
Пеши нафаси хории дунё ҳама ҳеҷ.

* * *

Э хор манам, хор манам, хор манам,
Савдозадаи гӯшаи бозор манам.
Ин мардуми бозор надонам чӣ харанд,
Вақте чу китоб бехаридор манам.

* * *

Моем чӯ тоҷи тоҷдори мурда,
Яъне, ки чу зиндаи қатори мурда.
Дар боғи муроди рафтагони гулкор,
Мо хору хасем аз баҳори мурда.

* * *

Дар арсаи ҷангу ҷӯши берангиву ранг,
Як марди муборизем аз лашкари нанг.
Аз чашм нуҳуфтаем чун оташи барқ,
Мо ҷӯши шарораем дар синаи санг.

* * *

Ҷинбоди аҷал кулаҳ рабуд аз сари ман,
Вои сари бесоҳиби бесарвари ман.
Модар, ки ҳазор нола дар сина гузашт,
Най медамад аз гӯри тари модари ман.

* * *

Эй боди аҷал, ту гулфишонам набарӣ,
Ноомада айёми хазонам набарӣ.
Чун аскари ғӯрамарг дар ҷанги худӣ,
Эй марг, ҷавон, ҷавон, ҷавонам набарӣ.

* * *

Аз шиква муроди карда ҳосил нашавад
В-аз ашки чакида хоки мо гил нашавад.
Дар хеш тапида то ки хун туф накунад
Як нори ҷафидаест дил, дил нашавад.

* * *

Васфи ту шунидаему дил бохтаем,
Рӯи ту надидаему бишнохтаем.
Афсонаи ҳар буду набуд бофтаем,
Ҳар як ба гумони худ туро сохтаем.

* * *

Гармов[1] зиреҳи қиммати гардани ту,
Гард асту ғубору чанг пироҳани ту.
Дасти ту ба домани замин асту Худо,
Дасти ҳама мардум аст бар домани ту.

* * *

Ба гардиш косаи зардоби маҳтоб,
Қадаҳ чашму шаробам ашки сурхоб.
Чу масту бехудам рӯзе биёбад,
Аҷал дар ҷогаҳи[2] хокам кунад хоб.

* * *

Имрӯз, ки зиндаам, дилам шод кунед,
Чӣ суд пасон мақбара бунёд кунед.
Гар хубии ман намерасад бар ёде,
Бад нест агар ба гандагӣ ёд кунед.

* * *

Камарбаста чу ангуштам кӣ кардаст?
Чу муштак[3] ризқ дар муштам кӣ кардаст?
Худои мулки бахти хеш будам,
Худоё, хонадарпуштам кӣ кардаст?

---

[1] Гармов – доначаҳое, ки бар асари арақ кардан дар сару рӯ ва бадани инсон пайдо мешаванд.
[2] Ҷогаҳ – бистар, ҷои хоб.
[3] Муштак – орди андаке, ки то расидани навбат барои як-ду хамир аз осиёбон мегиранд.

*   *   *

Агар ӯ дилбари якто намебуд,
Ду олам ин қадар шайдо намебуд.
Чӣ хуш мебуд агар дар лаҳзаи роз,
Миёнрав дар миёни мо намебуд.

*   *   *

Ҳавасбозу ҳаваспарвардаӣ, дил,
Туӣ ҳам пардадар, ҳам пардаӣ, дил.
Ба пиронсолагӣ дорӣ сари ишқ,
Дарахти дар хазон гулкардаӣ, дил.

*   *   *

Парвардаи кӯҳсор обу гили ман,
Ман дар дили кӯҳу кӯҳ андар дили ман,
Ҳарҷо ки будам ҷудо набудам аз кӯҳ,
Бӯи гули яхма мекунад манзили ман.

*   *   *

Ҳаво, имшаб тамоми шаб гиристӣ,
Алам дар дил, фиғон дар лаб гиристӣ.
Сари болини ман, эй шамъи дилсӯз,
Чу ман месӯхтам аз таб, гиристӣ.

*   *   *

Табассум дар лаби шаҳрӣ дуруғ аст,
Агар шират фурӯшад, дон, ки дӯғ аст.
Фиреби ишқи шаҳрӣ мехӯрӣ, дил
Чароғи ишқи шаҳрӣ бефурӯғ аст.

*   *   *

Ба пушти ағба бошад хонаи хур,
Баланд аст ағбаву раҳ ин қадар дур.
Надонам то куҷо хоҳам расидан,
Ки ҳам раҳ нобалад, ҳам раҳбалад кӯр.

*   *   *

Хаёли сайд дорад марди худком,
Худаш сайд асту сайдаш донаи дом.
Худоии касеро мехӯрӣ субҳ,
Худоии туро кас мехӯрад шом.

*   *   *

Фалак пур шуд зи оҳ оҳе нағунҷад,
Дар ӯ арзи мададхоҳе нағунҷад.
Дили тангам, дили тангам, дили танг,
Ки дар он як пари коҳе нағунҷад.

*   *   *

Шаби борон таги борон бигирям,
Ба мисли нови новардон бигирям.
Ба ҳоли ман бигиряд мурғу моҳӣ,
Чу ман бар қавми саргардон бигирям.

*   *   *

Шаб асту як чароғи раҳнамо нест,
Садо дар медиҳам, акси садо нест.
Ба шаҳри бечароғи мурдахобон
Ба сад дар сар задам, як ғурфа во нест.

*   *   *

Агар об аз саробаш гил набошад,
Хасу хошок дар соҳил набошад.
Нагирад сатри аврат пеши бесатр,
Ҳиҷобу сатр агар дар дил набошад.

*   *   *

Китоби саргузаштатро бихонам,
Ҳама хуну ҳама ашку ҳама дард.
Аё инсон, аё махлуқи худхӯр,
Худо, эй кош, ки халқат намекард.

* * *

Хушиҳои ҷавонӣ барнагардад,
Ҷавонӣ, ки гузашт, аз сар нагардад.
Бинои осмон битону санг аст,
Зи оби дидаи мо тар нагардад.

* * *

Ҳаво борону борон реза-реза,
Ду чашмам чашмаки қулфи тиреза.
Илоҳо, дар дили ёри бафурҷа[1],
Алав чун дар дили ошиқ биреза.

* * *

Диламро чок зад ин ғам, ки рӯ зад,
Худовандо, дили чокам кӣ дӯзад?
Алав мерезад аз сӯзи дарунам,
Мабодо хирмани сабрам бисӯзад.

* * *

Чаро, эй ориёии парешон,
Чу гарду чанг аз боди биёбон?
Чу аъробиву турки хайма дар пушт,
Бипурсӣ аз дари ҷӯгӣ лаби нон.

* * *

Ҳама даъвии кофиру мусулмон,
Чу бинам, ғайри найранге набошад.
Замоне хоҳаму дигар маконе,
Ки шайтон бо Худо ҷангӣ набошад.

---

[1] Бафурҷа – хотирҷамъ, бепарво, касе, ки бисёр бо оҳистагӣ кореро анҷом медиҳад.

*   *   *

Замину осмони худ, худ астӣ,
Амону ноамони худ, худ астӣ.
Намегирад касе пушти туро гарм,
Ягона пуштбони худ, худ астӣ.

*   *   *

Қасам бар ишқ, дар дунё наояд,
Чу ман ошиқ, чу ман содиқ аё моҳ.
Пас аз ман бар суроғам мебарояд,
Гул аз хоку зи шаб субҳу зи ту оҳ.

*   *   *

Бипурсидам зи як пири дилогоҳ,
Чунин оҳиста аз чӣ меравӣ роҳ?
Бигуфто: эй савори аспи дамҳот[1],
Самандам хастаасту дар раҳам чоҳ.

*   *   *

Нигоҳи хастаи пири шикаста,
Гули ҳасрат зи гарди роҳ чинад.
Гузашти умр мебояд, ки одам,
Тавонад ҳам раҳу ҳам чоҳ бинад.

*   *   *

Баҳор омад, зи ҳар сӯе садо шуд,
Шароби нораво акнун раво шуд.
Нифоқи ҳизбу мазҳаб аз миён рафт,
Мусулмон бо насоро ошно шуд.

[1] Дамҳот – дамгирифта, истироҳаткарда, муқобили шалпар.

*   *   *

Шуд он хушком, ман нокоми ӯям,
Шуд он хушҷом, ман ҳамҷоми ӯям.
Муродиро дигар аз ман напурсед,
Муродӣ мурд, ман ҳамноми ӯям.

*   *   *

Сари тахти ҷаҳон, бинӣ, кӣ шишта,
Хабису нокасу офатпарасте.
Ту хӯрдӣ мағзи сар, инҳо сару мағз,
Ту, эй Заҳҳок, одамтар будастӣ.

*   *   *

Чунон сардӣ, ки саҳро дар зимистон,
Гули шавқам дигар чун мешукуфад.
Чи дилхунам, чи дилхунам ту кардӣ,
Ки аз шохи танам хун мешукуфад.

*   *   *

Намегӯям, Худоё, ину вай деҳ,
Маро тахту кулоҳу тоҷи Кай деҳ.
Шароби шишагӣ гуфтӣ, ҳаром аст,
Худовандо, маро дар кӯза май деҳ.

*   *   *

Баҳори рафтаниро ранг зард аст,
Ҷудоӣ аз Ватан бо доғу дард аст.
Ғуломиро ба озодон кӣ фармуд?
Ғарибиро насиби мо кӣ кардаст?

*   *   *

Мусофирам, мусофирам, мусофир,
Чӣ дилгирам, чӣ дилгирам, чӣ дилгир.
Ба кӣ ғурбат кунам аз доғи ғурбат,
Ҷавонпирам, ҷавонпирам, ҷавонпир.

*  *  *

Ба сад зулфи ҳавас дил бастӣ, эй дил,
Аҷаб бероҳаву чапдастӣ, эй дил.
На худро мешиносиву на моро,
Чу соҳибмансаби пулмастӣ, эй дил.

*  *  *

Ба ғайри дини ишқи ту, Худоё,
Қасам бар ту, дигар дине набошад.
Бихон, пайғамбаронатро бихон пас,
Ки ҷуз ишқи ту оине набошад.

*  *  *

Ҳаво сарду ҳаво сарду ҳаво сард,
Ҳама зарду ҳама зарду ҳама зард.
Ба ҳар кас рӯ ба рӯ оям, бинолад,
Фақат дарду фақат дарду фақат дард.

*  *  *

Худо, доро бикун нодори моро,
Бубахшо ор ҳар беори моро.
Ба мисли дори Мансур он чунон кун,
Ки аз мо фахр бошад дори моро.

*  *  *

Чӣ бинам, беғараз кас ёри кас нест,
Маро бехтар зи ман соҳибварас[1] нест.
Хӯрад моро замине, ки хӯронад,
Чӣ гӯям, чун замин ҳам беғараз нест.

---

[1] Соҳибварас – ворис, авлод, пушту қанат.

*   *   *

Фаровон кун, Худо, сармояи ман,
Ки хеши ман шавад ҳамсояи ман.
Ба рӯзи сахт аз мардум чӣ нолам,
Чу шаб аз ман гурезад сояи ман.

*   *   *

Хазонрангиву нам дар дидаӣ, дил,
Гули вақти хазон хандидаӣ, дил.
Дарунхолии сарди беаловӣ,
Танӯри хонаи кӯчидаӣ, дил.

*   *   *

Ҳаво борону борон реза-реза,
Дилам танг аст чун чашми тиреза.
Худо, пур бекасам, ту ёри ман бош,
Ки бахти бад ба ман дорад ситеза.

*   *   *

Ба худ бад кардаам, бар кас накардам,
Хиёнат бар касе як хас накардам.
Ду дасти тори сар мондам, Худоё,
Сазоворам, ки фикри пас накардам.

*   *   *

Надонам ғусса таг дорад, надорад,
Ба мо раҳме фалак дорад, надорад.
Ҳама пушту панаҳ дорад, дили мо,
Ягон соҳибдарак дорад, надорад.

*   *   *

Худовандо, маро чун офаридӣ,
Диламро ҳавзи пурхун офаридӣ.
Магар кам буд шодӣ дар хазинат,
Ки шодӣ кам, ғам афзун офаридӣ.

*   *   *

Шаби борону дасти беди гирён,
Чароғи кӯчаро дар каш[1] гирифтаст.
Дуо кардам, ки сӯзад хонаи ғам,
Дили ғамхонаам оташ гирифтаст.

*   *   *

Баҳори умр рафт, омад зимистон,
Ҳавасҳо дар сари ман шӯша бастанд.
Китоби зиндагиям нотамом аст,
Қаламро бо қаламдонам шикастанд.

*   *   *

Гаҳе аз қисмати талхат бигирям,
Гаҳе аз донишу фазлат биболам.
Аё душманнавози ошнокуш,
Зи кини ту ва ё раҳми ту нолам.

*   *   *

Барои бастани мурғони озод
Замоне одамон дом офариданд.
Бародархониҳо доманду мо сайд,
Чаро моро чунин хом офариданд.

*   *   *

Зи дуду гарди оташҳои таърих,
Дили моро бубояд пок кардан.
Зи хоки мо бирӯяд то гуле боз,
Гили моро бибояд пок кардан.

*   *   *

Биё бо ҳамдигар печему сӯзем,
Чу пилта, то чароғеро фурӯзем.
Ба зулмат сохтан чун метавонем,
Ману ту аз нажоди поки рӯзем.

---

[1] Каш – оғӯш.

*  *  *

На банда-ст он, ки дорад рӯҳи озод,
Кашида бори андуҳи ғуломӣ.
Дар озодӣ, вале мисли ғулом аст
Касе, ки бошадаш рӯҳи ғуломӣ.

*  *  *

Дареғо, одамӣ кӯтоҳёд аст,
Чароғи ёди ӯ дар роҳи бод аст.
Дар он ҷо пешпоӣ меҳӯрад боз,
Ки сад бори дигар дар чаҳ фитодаст.

*  *  *

Дарахти умри ман ҳосил надорад,
Ба ман ин зиндагонӣ дил надорад.
Кӣ ояд бар суроғам бе суроға,
Муродӣ хонаву манзил надорад.

*  *  *

Чӣ ҳолеву чӣ ҳолеву чӣ ҳоле,
Дили пур дораму дастони холӣ.
Чаро байни ману дунёст доим,
Малоливу малоливу малолӣ.

*  *  *

Китобу ман – ду моли бехаридор,
Ду гардолудаи як кунҷи бозор.
Тани хушкида дорад, чашми хунбор,
Қалам, ки бо сухан дорад сару кор.

*  *  *

Намехоҳам ба пирӣ тан диҳӣ, дил,
Ба худ тавба, асо бар ман диҳӣ, дил.
Ту, ки аз тухмаи озодагонӣ,
Ба турки вақт чун гардан диҳӣ, дил.

* * *

Баҳоре рафт, бо ӯ рангу бӯ рафт,
Ҷавонӣ дар суроғи орзу рафт.
Ғамамро рафтаму бар об гуфтам,
Ба худ печиду ларзид оби ҷӯ, рафт.

* * *

Зи абрӯи гиреҳат дил гираҳ зад,
Ғам омад боз шодиро зи раҳ зад.
Шуд ашк аз чашм бар доман гуреза,
Сипоҳи ғам ба ҷони бесипаҳ зад.

* * *

Ту боғи навбарӣ, ман боғбонат,
Ту ганҷи гавҳарӣ, ман посбонат.
Намонам раҳзани боди хазонро,
Гузар кардан ба боғи гулфишонат.

* * *

Гиреҳи банди абрӯи зимистон,
Нашуд аз шӯхии борон кушода.
Биё пушти ғами дунё нагардем,
Ки ғам чобуксавору мо пиёда.

* * *

Шамоли кӯча дорад нолиши пир,
Парешон мекунад хоби дарахтон.
Гул аз оғӯши сардат мегурезад,
Дили пирона дорӣ, эй зимистон.

*   *   *

Намедонам, ҳаво дар дил чӣ дорад,
На мегиряд, на мегардад кушода.
Чу шодихӯрдаи[1] базми баҳорам,
Ба ёди гул бигирам ҷоми бода.

*   *   *

Ба сар монӣ арақчини ҳиҷозӣ,
Мусулмонии ту бошад маҷозӣ.
Чӣ судат мекунад ин тавбаи яъс,
Ки домони дилат набвад намозӣ.

*   *   *

Намонӣ, эй ғамат афсонаи дил
Саратро бар сари девонаи дил.
Зи чашмони алаврезат бигардам,
Бирез оташ, бисӯзон хонаи дил.

*   *   *

Ба ғамҳо моҷаро дорам, Худоё,
Сари дар сад бало дорам, Худоё.
Ду чашми чун гули вақти саҳар тар,
Ду дасти дар ҳаво дорам, Худоё.

*   *   *

Чӣ гуна пур шавад девони дарё,
Ки ҳарчӣ менависад, мекунад пок.
Фақат як мисраи шохоб кофист,
Гувоҳи табъи ӯ бар дафтари хок.

---

[1] Шодихӯрда – касе, ки аз рӯи ихлосу эътиқод, чун арзи муҳаббату садоқат ба ёди касе қадаҳ мебардорад.

* * *

Агарчӣ рӯи хонаш нон набошад,
Касе доротар аз деҳқон набошад.
Мудом ин гушнамаст аз он кунад фахр,
Ки бе ӯ зинда як султон набошад.

* * *

Ҳама ғам дораду чун ман надорад,
Чароғи мурдаам руған надорад.
Зи сӯзам об шуд оҳан, фалак не,
Диле дорад фалак, оҳан надорад.

* * *

Ҷаҳонсозу ҷаҳондорӣ, Худоё,
Хабар дорӣ зи ҳар коре, Худоё.
Ду олам аз фиғону нола пур шуд,
Ҷаҳони дигаре дорӣ, Худоё.

* * *

Ҳавои соф мехоҳад дили ман,
На кӯҳи Қоф мехоҳад дили ман.
Аз ин дунё барои қавми тоҷик,
Каме инсоф мехоҳад дили ман.

* * *

Духтар, гули рӯт гулпарастам кардаст,
Пироҳани гулдузит мастам кардаст.
Гаштам ҳама оламу надидам чун ту,
Савганд ба он Худо ки ҳастам кардаст

* * *

Як рӯз маро ранҷу бало хоҳад кушт,
Бегона накушт, ошно хоҳад кушт.
Ҳар рӯз кушад марову ман зинда шавам,
Ман мирам агар, дард киро хоҳад кушт?

*   *   *

Аз таҷруба ҳеҷ чиз ноандухта,
Гаштем савору аспи мо бенухта.
Дар оташи тези фитнаҳои таърих
Рӯсӯз шудему мағзи мо нопухта.

*   *   *

Ту аҳли амал най, суханпардозӣ,
Бо дӯст чу душману ба душман созӣ.
Не Рустаму не Қубоду не Ҷамшедӣ,
Эй ҳеҷ касе, ки бо касон менозӣ.

*   *   *

Илҳому қалам, ки дӯст бо ман буданд,
Чандест, ки аз суҳбати ман бигрезанд.
Дорандаи муфлисшударо мемонам,
К-аз ӯ ҳама ёрони куҳан бигрезанд.

*   *   *

Як рӯз нашуд дуд димоғам накунад,
Боди аламе қасди чароғам накунад.
Ҷуз чашм касе қатраи обам надиҳад
Ҷуз дарду бало касе суроғам накунад.

*   *   *

Эй бандаи хокбарсари хоксиришт,
Пиндори ту каҷ бошаду рафтори ту зишт.
Аз рӯи замин туро Худо хоҳад ронд
Он гуна, ки ронда буд рӯзе зи биҳишт.

*   *   *

Мо хоки гузаштагони худ бод кунем,
Дунёи кушандаи худ обод кунем.
Арвоҳи ватанфурӯхтагон шод кунем,
Оқипадареро ба дуо ёд кунем.

*   *   *

Бахшам ҳама чизу миҷҷаам хам нахӯрад,
Ин одати тоҷиким барҳам нахӯрад.
Озурдани душманам раво кай бинам?
Ман ғам бихӯрам, ки душманам ғам нахӯрад.

*   *   *

Бологузари маҳфили мо буд шароб,
Якчанд азизи дили мо буд шароб.
Гуфтем кунад мушкили моро осон
Дидем, ки худ мушкили мо буд шароб.

*   *   *

Оҳи ман дуди кабоб аст, дилам месӯзад,
Ашк ҳамчун намакоб аст, дилам месӯзад.
Хонаи душманам обод, диҳад ҷом ба лутф,
Заҳр дар ҷоми гулоб аст, дилам месӯзад.

*   *   *

Ба қалам доғи ту гӯям, қаламам месӯзад,
Ба алам ёди ту гӯям, аламам месӯзад.
Ба хаёли ту, ки ҳар шаб ба аёдатояд,
Зи ғами сина чӣ гӯям, ки ғамам месӯзад.

*   *   *

Ҳаваси рӯи банури ту , ки кардам имшаб,
Дидаи хираи пиронаи ман нур гирифт.
Сӯхт ангишти дилу лахчаи афрӯхта шуд,
Оташи ишқи ту дар синаи ман қӯр гирифт.

*   *   *

Зиндагӣ гуфто балоям, дар балош андохтам,
Гуфт: тимсоли хатоям, дар хатош андохтам.
Дар шикасти нафс додам зӯри дунёро шикаст,
Зиндагӣ дар гарданам буд, зери пош андохтам.

* * *

Ҳушёр манам ва ё ки девона манам,
Бегонаи хешу хеши бегона манам.
Мардум задаанд хайма дар Зӯҳраву Моҳ,
Побанди ҳамон қиссаву афсона манам.

* * *

Онон, ки зи нав тахти хилофат хоҳанд,
Ашки наву хуни наву офат хоҳанд.
Дар сояи дуди оҳи бирёнҷигарон,
Паҳлу задаву хоби бароҳат хоҳанд.

* * *

Дил хост зи ман касе агар, ҷон додам,
Як хост агар, ҳазор чандон додам.
Монандаи Файзалӣ[1] шаб аз синаи соф,
Ман халтаи гандумам ба дуздон додам.

* * *

Наврӯз шавад дашту даман сабз шавад,
Пироҳани куҳнаи чаман сабз шавад.
Хуш бахти гуле, ки дар Ватан хок шудаст,
Хуш умри гуле, ки дар Ватан сабз шавад.

* * *

Бигзашт баҳораму самар пайдо нест,
Аз донаи хирманам асар пайдо нест.
Бар шебу фарози зиндагӣ менигарам,
Раҳ асту нишони раҳгузар пайдо нест.

---

[1] Файзалӣ – ҳофизи номӣ Файзалӣ Ҳасан шаб надониста, халтаҳои гандумашро ба китфи дуздон бор кардааст.

*   *   *

То субҳ намедамад, дили мо сӯзад,
Дар оташи андешаи дунё  сӯзад.
Мардум ҳама ҷуфт-ҷуфт дар маҷлиси унс,
Бечора чароғ тоқу танҳо сӯзад.

*   *   *

Хуршед баромад, на чароғ асту на моҳ,
Дар маънии кулл мову ман охир шуд.
Гуфтанд:
Бикун васфи Ватан, гуфтамшон:
Дар номи Ватан ҳарфу сухан охир шуд.

*   *   *

Хории Ватан бикаш, ки роҳат он аст,
Баҳроми ғариб чокари хоқон аст.
Ҳар сахтии умр дар Ватан осон аст,
Гул дар сари санг рӯяду хандон аст.

*   *   *

Чун мурғи шикастабол пар боз кунад,
Бар хок фитад чу азми парвоз кунад.
Мушкил ғами зиндагӣ аз он мушкилтар
Хоҳӣ, ки аҷал расад, аҷал ноз кунад.

*   *   *

Хоҳам накунам фикри замон, натвонам,
Андешаи умри гузарон, натвонам.
Мӯрам, ки ба зарфи шишагӣ афтодам,
Кӯшам, ки бурун шавам аз он, натвонам.

*  *  *

Гумном шавад касе, наҷӯянд онро,
Нопок шавад гуле, набӯянд онро.
Доғест ба домани дилат покаш кун,
Чизе, ки шавад чирк, бишӯянд онро.

*  *  *

Чун фурсати зиндагӣ нафас бошаду бас,
Кашмокаши мо кори абас бошаду бас.
Якчанд будем ошиқи рӯи баҳор,
Дидем баҳор хору хас бошаду бас.

*  *  *

Бо кандани гул ҳусни чаман кам нашавад,
Бо кам задане қадри сухан кам нашавад.
Ҳарчанд барад ватангурезе бо худ,
Хоке зи Ватан хоки Ватан кам нашавад.

*  *  *

Дар лавҳи хаёл тарҳи рӯи ту намонд,
Дар бӯи умед рангу бӯи ту намонд.
Дар пуштаи сабзи орзухези дилам
Ҷуз лолаи доғи орзуи ту намонд.

*  *  *

Монанди ҳавои навбаҳорӣ, эй зан,
Гаҳ ханда куниву гаҳ биборӣ, эй зан.
Азбаски гулӣ, ту хор дорӣ, эй зан,
Ту нусхаи асли рӯзгорӣ, эй зан.

*  *  *

Як лутф зи ёр мешавад, ё ки не,
Як бӯсу канор мешавад, ё ки не ?
Як умри Худо барфу зимистон дидем,
Як рӯз баҳор мешавад, ё ки не?

* * *

Чашмам чу Сарези пур зи обе бошад,
Банди дили ман банди харобе бошад.
Эй ишқ, дар ин тагоби Дашти патта
Манзил накунӣ агар, савобе бошад.

* * *

Ин қадр шиноси ношиносӣ, дунё,
Аз макри туам нест халосӣ, дунё.
Аз пушт бубинамат базебӣ, аз пеш
Бинам зани пири хушлибосӣ, дунё.

* * *

Чизе, ки аз он баҳори хандон мондаст,
Як мушти хасу барги парешон мондаст.
З-он дил, ки зи ишқи ту аловистон буд,
Хокистари чун барфи зимистон мондаст.

* * *

Ҳар ноз, ки мекунӣ ба ҷон бардорем,
Аз амри ту як қадам бурун нагзорем.
Ҳар кор, ки мекунӣ ба мо, ҳақ дорӣ,
Мо ҳам ба ягон чиз, Худо, ҳақ дорем?

* * *

Хорам кардӣ, ҳаёт, хорам кардӣ,
Эй қисмати гандазот, хорам кардӣ.
Аз бодаи доғу дард мастам кардӣ,
Дар ҳасрати як нишот хорам кардӣ.

* * *

Дорем чунон диле, ки кӯдакворем,
Бинем, ки оташест, гул пиндорем.
Мо мардуми дӯстхоҳи душмандорем,
Душман бидиҳад заҳр, шакар ангорем.

*   *   *

Оғӯш ба ҳар касе кушодем, бас аст,
Гӯру кафанӣ ба ҳаркӣ додем, бас аст.
Дар лонаи гург гӯсфандӣ кардем,
Чун пӯст ба чанги саг фитодем, бас аст.

*   *   *

Бе раҳбаладе миёни раҳ мемонӣ,
Бе бодгаре чу дон ба каҳ мемонӣ.
Гар лутфу инояти  худоят набувад,
Юсуф, ки шавӣ, даруни чаҳ мемонӣ.

*   *   *

Андӯҳи ту ҳеҷ раҳм бар ман накунад,
Коре, ки кунад дӯст, душман накунад.
Як ғуссаи ношинос дар хонаи дил
Меҳмон шудаасту фикри рафтан накунад.

*   *   *

Ту чашмаву ман ташнаву обам надиҳӣ,
Аз рӯди умед ҷуз саробам надиҳӣ.
Не роҳати зиндагӣ бубинам, не ту,
Хобат набарад агар азобам надиҳӣ.

*   *   *

Зардоб дилам чу нори сармобурда,
Лабханди лабам чу ғунчаи пажмурда.
Аз тухми ҳавас майсаи тар сар накашад,
Кай сабз шавад донаи метакхурда.

*   *   *

Шаҳрест танам, ки ҷон ғариб аст дар он,
Аз ҳаққу ҳуқуқ бенасиб аст дар он.
Беморсароест мусофирозор,
Ҳамшира ғаму аҷал табиб даст дар он.

* * *

Чукрисифативу чатри гул афрӯзӣ,
Туршибашакар будан зи кӣ омӯзӣ?
Дандони нигоҳи ошиқон кунд кунӣ,
Лабҳои намакчашандаро месӯзӣ.

* * *

Эй ғамзабаноз, ноз дар нози ту хуш,
Пӯшидарухии роз дар рози ту хуш.
Нози ту хуш асту соз дар сози ту хуш,
Қумрибанавои савту овози ту хуш.

* * *

Эҳсони касе, Ватан, чу эҳсони ту нест,
Имон набарад касе дар имони ту нест.
Мурда-ст тане, ки ҷон-ш бар ҷони ту нест,
Дар хок барам саре, ки қурбони ту нест.

* * *

Тамоми шаб фиғонам дар лабам сӯхт,
Табам дар тан, танам андар табам сӯхт.
Аз он оташ, ки ғам дар ҷони ман зад,
Чунон шаб даргирифтам, ки шабам сӯхт.

* * *

Ҳарчанд на кишти шӯразорӣ, эй кишт,
Як донаи серу пур надорӣ, эй кишт.
Аз ҷӯи ҷабин ба серӣ обат додам,
Чун риши муғул чӣ тор-торӣ, эй кишт.

* * *

То тири аҷал ба синаи ман нарасад,
Як гард ба душманам зи меҳан нарасад.
Хоҳам нахалад ба пои душман хораш,
То ҳамчу ғанимате ба душман нарасад.

*   *   *

Ҳар ҳукм, к-аз он маҳкамаи доди ту рафт,
Адл аст, ки бар бандаву озоди ту рафт.
Дар қисмати мо нафс навиштиву магар,
Улуфаи нафс – ризқ аз ёди ту рафт?

*   *   *

Дар мазраи дил, ки шӯрнам афзояд,
Уммед насабзаду алам афзояд.
Баъди сари ман қиммати ғам афзояд,
Чун қиммати ҳарчи гашт кам, афзояд.

*   *   *

Чашми дари ман роҳи туро мепояд,
Чашми тари ман роҳи туро мепояд.
Оғӯши ман аз баҳори ту пургул буд,
Пеши бари ман роҳи туро мепояд.

*   *   *

Камризқ дилам ба ризқи вофир нарасад.
Кори дили бечора ба тадбир нарасад.
Ин ғам чӣ бало ғам аст, аз рӯзи азал,
Дунё ҳама ғам хӯрад, ба охир нарасад.

*   *   *

Шӯр аст агар сиришки мо, маъзур аст,
Обе, ки зи шӯразор ояд, шӯр аст.
Аз шӯразамин будаст хоки одам,
Пурсед зи Азроил, ки ӯ маъмур аст.

*   *   *

Сар то сари майдони сухан паймудем,
Чун нӯги қалам ба ҳар қадам фарсудем.
Кас як дирамам намехарад дар Хатлон,
Оби дари хонаем, лойолудем.

* * *

Як рӯз гузаштаасту аз шаб посе,
Чун мӯй шуда танам, ғамат алмосе.
Як рӯзи ҷудоият чунон пирам кард,
Тарсам, ки биоиву маро нашносӣ.

* * *

Ҳар шаб ба алам гиря кунам беовоз,
Монанди қалам гиря кунам беовоз.
Ҳар субҳ чу гул куртаи ғам пора кунам,
Чашмам пури нам гиря кунам беовоз.

* * *

Растан зи ғами ту кай муяссар гардад,
Дар бозии ишқ мӯҳра аз сар гардад.
Дар хонаи дил лонаи нав монд ғамат,
Ҳар мурғ ба лонаи худаш баргардад.

* * *

Бечора дилам зи дарду таб месӯзад,
Ин кундаи тармазза аҷаб месӯзад.
Аз чашм зи бас гули алав мерезад,
Рухсор алав гирифту лаб месӯзад.

* * *

Эй чашм, чӣ мезанӣ ба рӯм об дигар,
Ин кулча чӣ мешӯӣ ба зардоб дигар.
Хоби сари остини моро напарон,
Эй ғуссаи зиндагӣ, бикун хоб дигар.

* * *

Олудаи гард барги гул мебинам,
Дилҳо ҳама чун чашми муғул мебинам.
Бозори калобаест айём дар он
Колои бародарӣ ба пул мебинам.

* * *

Ҳоло, ки ба боғи гулбасар мемонам,
Гар хушк шавам зи худ асар мемонам.
Бар Каъба ба по равам, Ватан, баргардам,
По неву ба домани ту сар мемонам.

* * *

Ин гуна, ки дард мекунад тап-тапи[1] ман,
Тарсам, ки аҷал дигар нагирад гапи ман.
Май гуфт: Ҳавои ман зи сар берун кун.
Шарташ хапи ту гуфтаму узраш хапи ман.

* * *

Он ҷом, ки шоирона хӯрдем, шикаст,
Ҳар бор ба ҳар баҳона хӯрдем, шикаст.
Он айш, ки ҷовидона метофт, намонд,
Савганди бародарона хӯрдем, шикаст.

* * *

Ин тӯда баҳори гулбасар нашносад,
Ҷуз сабзаи сабзии дулар нашносад.
Чун парда кашидааст чашмаш аз ҷаҳл,
Хайём шавад зинда агар, нашносад.

* * *

Гул нест дилам, ки бӯ кунӣ, партоӣ,
Ё об, ки дастурӯ кунӣ, партоӣ.
Дунё, ту наӣ агарки рухбоз, аз чист
Ҳар рӯз ҳазор шӯ кунӣ, партоӣ?

---

[1] Тап-тап – тарс додан

*  *  *

Рангам чу хазони зардранг аз ғами ту,
Дунёи кушод гӯри танг аз ғами ту.
Монанди дарахти мевадори сари роҳ
Бар сар бихӯрам ҳазор санг аз ғами ту.

*  *  *

Ман бода ба рӯзи марги дай хоҳам хурд,
Ҳолӣ нахӯрам шароб, кай хоҳам хӯрд.
З-ин пеш зи дурии ту ғам мехӯрдам.
Имрӯз ба шодии ту май хоҳам хӯрд.

*  *  *

Ин қадр чу моҳи камнамоӣ, духтар,
Шаб рӯз шуду наменамоӣ, духтар.
Як донаи умеди дилам сар накашид,
Наврӯзи манӣ, чаро наоӣ, духтар.

*  *  *

Як синаи саҳрои кабобам доданд,
Аз косаи чашмҳом обам доданд.
Симчӯби сари роҳ шудам, кас нагузашт,
Ёрони гурезпо азобам доданд.

*  *  *

Захми тани захмии Ватан дар тани ман,
Қарзи ватану Худост дар гардани ман.
Як ҷон ба кӣ мерасад, Худоё, онро,
Ҳам дӯст зи ман хоҳаду ҳам душмани ман.

*  *  *

Аз боғу баҳор рангу бӯ мемонад,
Чизе, ки намонд, орзу мемонад.
Ёрон, сабаби шодии ёрон бошед,
Ғам мегузарад, дидаву рӯ мемонад.

* * *

Як занг зи сӯи ёр кай меояд?
Як бӯи хуши диёр кай меояд?
Як умри Худо барфу зимистон дидам,
Бар кишвари дил баҳор кай меояд?

* * *

Бигзашт баҳор, рангу бӯи ту надошт,
Шаб гашт сафед, ҳусни мӯи ту надошт.
Як соли дарози ғамҷудоӣ ин дил,
Як рӯз набуд, ки орзуи ту надошт.

* * *

Ин боди хазон, ки доду бедод кунад,
Дар ёди гулу баҳор фарёд кунад.
Аз ман, ки нишастаам асири пирӣ,
Дар шаҳри ҷавониям касе ёд кунад ?

* * *

Тақдир набаст дасту пои ману ту,
Кас дом намонд аз барои ману ту.
Дар хилвати мурдахобии мо будаст,
Бигрифта камин дарду балои ману ту.

* * *

Нопок шудаст луқмаҳои ману ту,
Мақбули Худо нашуд дуои ману ту.
Аз мо, ки Худои мо набошад розӣ,
Як рӯз Худо диҳад ҷазои ману ту.

* * *

Дурдонаи ҷон, ҷудоӣ заб душвор аст,
Дил ташнаву ҷон гушнаву чашмам чор аст.
Гуфтам, ки хишова буд шавад, меоям,
Афсӯс хишоваи нахуд бисёр аст.

* * *

Озод касест нафс асираш накунад,
Аз ишқи Ватан ҷудоӣ сераш накунад.
Монандаи хони меҳргон пурфайз аст
Рӯҳе, ки хазон ҳавсалапираш накунад.

* * *

Ҷут асту ғубору селборон имшаб,
Чашми ману чашми абр ҳамсон имшаб.
Аз ҷумлаи ёрони қадимӣ бо ман
Ғам мондаву хотири парешон имшаб.

* * *

Чумбидалаби чеҳра чу гул афрухта,
Монанди баҳор рангу бӯ андухта.
Мурғи дили ҳеҷ кас чу мурғи дили ман
Бар донаи холи ту мабод омухта.

* * *

Нохӯрда ба хони зиндагӣ шом манам,
Афтода ба бӯи дона дар дом манам.
Нони ба танӯри тезалав пухтасифат
Рӯсӯз шудам, вале дарунхом манам.

* * *

З-омезиши ҷӯ рӯди  равон бояд сохт,
З-омезиши зарраҳо ҷаҳон бояд сохт.
Бар қасди замонаи ҷудоиандоз
Аз ҳаммаҳалон ҳамватанон бояд сохт.

* * *

Мо луқмаи хоми аждаҳои асрем,
Бозичаи бозии балои асрем.
Чун об  ҷудо- ҷудо ба ҳар ҷӯй равон,
Хушкида ба дашти карбалои асрем.

* * *

Шаҳномаи Мансур бимонд аз Мансур,
Аз Темури ланг устухоне дар гӯр.
Бе ному нишон намешавад чизе гум,
Аз дуд сиёҳӣ монад аз оташ нур.

* * *

Ҳар рӯз шавад падид шайтони дигар,
Бо дини дигар, мазҳабу имони дигар.
Олам шуда пурфасоду одам фосид,
Аз лои дигар бисоз инсони дигар.

* * *

Ин қадр куҷо шитоб дорад дунё,
Як ҳоли пуриздтироб дорад дунё.
Аз фиску фуҷури зиндагӣ дилмонда,
Андешаи инқилоб дорад дунё.

* * *

Садбарги сафеди синачок аст дилам,
Ангури пуроби хомток аст дилам.
Чун чашма миёни регу хок аст дилам,
Бо ин ҳама чашмавор пок аст дилам.

* * *

Ё раб, чӣ замони хукбашӯрандозист,
Бозии ҳаёт мушу гурбабозист.
Ҳақ ноҳаку кофарӣ шуда диндорӣ,
Гӯянд замон замони азнавсозист.

* * *

Пурхун даҳанам анори хандонворӣ,
Пурсӯз дилам алови чакдонворӣ.
Як ғуссаи ношинос меҳмони ман аст,
Ҷон металабад барои меҳмондорӣ.

* * *

Фарёд зи ҳамлаи хазонтози аҷал,
Ҳайф аз гули ношукуфтаи боғи падар.
Гуфтам, ки шавӣ паямбари муждаи бахт,
Рафтиву дареғо, ки шудӣ доғи падар

* * *

Бо белу каланди тез дар деҳқонӣ
Бисёр хароб кардаам хонаи мӯр.
То мӯр қасоси худ ситонад, як рӯз
Донам, ки хароб мекунад хонаи гӯр.

* * *

Сард аст ҳавои зиндагӣ, гармаш кун,
Санг аст дили ҳаммаҳалон, нармаш кун.
Бар рӯи ту медавад, Худоё, банда-т,
Ё банда нагир, ё ки бошармаш кун.

* * *

Ин қадр чу моҳи камнамоӣ, эй дӯст,
Ман зори туям, ту дар куҷоӣ, эй дӯст.
Ту донаи киштаи таманнои манӣ,
Чун майса чаро намебароӣ, эй дӯст.

* * *

Як синаи саҳрои кабобам доданд,
Як дил, дили аз дард харобам доданд.
Як мардуми бо хоби худаш саргардон,
Ғамҳои ту, эй Ватан, азобам доданд.

* * *

Аз ҷӯяи дафтарам сухан сабз шавад,
Аз донаи ҳасратам чаман сабз шавад.
Бар гӯри тарам чӯби қалам бишнонед,
Чун реша давад аз дили ман сабз шавад.

*   *   *

Зардов шудаст сабзбоғи дили ман,
Кӯ дӯст  кунад пурсу суроғи дили ман.
Ҳарчанд ба хокаи ғамам мешӯям,
Аз домани дил нарафт доғи дили ман.

*   *   *

Аз абри ҷабин, ки қатраборон созам,
Сарсабз дили реги биёбон созам.
Гар амри Худо шавад, равам, дӯзахро
Бо обилаи даст гулистон созам.

*   *   *

Ҳар бор, ки бар даст қалам мегирам,
Аз чархи ғарамбоз алам мегирам.
Дастам ба гиребони фалак гар нарасад
Маҳкам зи гиребони худам мегирам.

*   *   *

Кардем, накардем, гунаҳ буд, савоб,
Дил, эй дили хом, мекашӣ чанд азоб.
Виҷдон, ба аловчӯби оташафрӯз
Хокистари мурдаро дигар бор накоб.

*   *   *

Беруни ту пухтаасту хом аст сиришт,
Не сангу на похса, на лоиву на хишт.
Эй монда миёни роҳ чун аърофӣ,
Ё бош ту дӯзахӣ ва ё аҳли биҳишт.

*   *   *

Бадном зи одам аст ин бодаи пок,
Нопок зи одам аст ин домани хок.
Динаш ҳама кинаасту ҳизбаш ҳама ҷанг,
Ифротии худкуш аст ин баччаҳалок.

*   *   *

Ғамдор дилест, ғамгусоре хоҳад,
Бемор касест, такядоре хоҳад.
Муҳтоҷи  тасаллост дили озурда,
Афтода зи чӯби хушк ёрӣ хоҳад.

*   *   *

Донӣ, ки чӣ гунаасту чун аст дилам,
Чун ҷоми пур аз шароб хун аст дилам.
Лабрези муҳаббат аст, бологузар аст,
Рӯзе, ки тиҳӣ шавад, забун аст дилам.

*   *   *

Пурхоб ватандор шавад, вои Ватан,
Кас дар ватанаш хор шавад, вои Ватан.
Бар ҳиллаи темуре чу сарбардорон.
Миллат, ки гирифтор шавад, вои Ватан.

*   *   *

Рафтӣ, ба чӣ орзу дилам шод кунам,
Дар пеши кӣ аз дасти ту фарёд кунам.
Ман ишқи туро ба боғи дил гӯронам,
То бинаму сӯзаму туро ёд кунам.

*   *   *

Бо душмани ҷонии Ватан ёр туӣ,
Эй вои Ватан агар, ватандор туӣ.
Дар гӯр туро хоки Ватан раҳ надиҳад,
Пеши Ватану Худо гунаҳгор туӣ.

*   *   *

Ҳар лаҳза чу донаест, аз он хирман кун,
Ҳар рӯз қаламчаест, аз он гулшан кун.
З-он пеш, ки гарди хок пӯшад чашмат,
Бикшо дари дидаву дилат рӯшан кун.

* * *

То кай ба сарам ғубори ғам бод кунӣ,
З-озурдани ҷони ман дилат шод кунӣ.
Девори фитодаи Бухорои дилам
Шӯрида ба хуни дилам обод кунӣ.

* * *

Захми дили ман чу рӯ гирифтаст, хушам,
Дастам ба каланд хӯ гирифтаст, хушам.
Чун решаи зери хок умеди дилам
Сарсабз шуда нумӯ гирифтаст, хушам.

* * *

Мастӣ гузарад, дарди сарат мемонад,
Чун чашми дареғ соғарат мемонад.
Нозат ҳама бо давлату савлат аз чист?
Чун давлату савлат аз сарат мемонад.

* * *

Ҳар ҷо дили пур зи доғ месӯзаду бас,
Бесоҳиби камсуроғ месӯзаду бас.
Дар маҳфили гарми беғамон чун ғамдор
То рӯз фақат чароғ месузаду бас.

* * *

Сайёраи сабзи одамобод, замин,
Гаҳвораи нози одамизод, замин.
Эй кош зи домани намозии ту ҳеҷ
Оқипадаре дигар намезод, замин.

* * *

Ашке, ки ба дида ҷош кардам рӯзе
Чун пой баровард, ба рӯям бидавид.
Дарде, ки ба хонаи дилам меҳмон буд,
Он хона хароб карду чашмаш напарид.

*   *   *

Хумор аз чашми шаккармаст рафтаст,
Зи гесӯ ҳалқаи пайваст рафтаст.
Ҳама чун мурғи каллак сарбараҳна
Баҳори докаи гулбаст рафтаст.

*   *   *

Гиребони маро мегирӣ, эй ғам,
Аҷаб бетарбия, бепирӣ, эй ғам.
Ту бо ман зиндаӣ, қадри маро дон,
Ки ман мирам, ту ҳам мемирӣ, эй ғам.

*   *   *

Намеғунҷад дар ин дунёи дилтанг,
Касе, ки дар дилаш дунё биғунҷад.
Чу чашма, кош, сатре менавиштам,
Ки дар он маънии дарё биғунҷад.

*   *   *

Чу дунёро ягон парвои мо нест,
Ғами дунё дигар савдои мо нест.
Накун бологузар ғамро дигар, дил,
Ки ғам бегонааст, аз ҷои мо нест.

*   *   *

Чу занҷири тамаъ дар пои мо нест,
Кашидан бори миннат рои мо нест.
Ба нархи шаъни инсонӣ харидан,
Бисоти умр дар савдои мо нест.

* * *

Ҳавои тирамаҳ нам дорад имшаб,
Дили сарди пур аз ғам дорад имшаб.
Замин аз додани хокаш пушаймон
Фиғон аз дасти одам дорад имшаб.

* * *

Ҳавои тирамаҳ беғам набошад,
Баҳори зиндагӣ бенам набошад.
Барои зистану хушнуд зистан,
Дар ин дунё баҳона кам набошад.

* * *

Баҳор омад, баҳор омад, хуш омад,
Баҳори гулхумор омад, хуш омад.
Ғарибирафтае аз мардикорӣ
Пушаймон бар диёр омад, хуш омад.

* * *

Баҳор омад, биё бо ҳам нишинем,
Гуле аз гулшани дидор чинем.
Ҷавониро, ки фасли орзуҳост
Чу рӯзе бигзарад дигар набинем.

* * *

Баҳор омад гулафшон шав, дили ман,
Чу субҳи чеҳрахандон шав, дили ман.
Ба хоки орзу парвардамат ман
Гулистон шав, гулистон шав, дили ман.

* * *

Баҳор омад, диёрам гулбасар шуд,
Ватан зеботару ободтар шуд.
Бидеҳам ҷоми шоирона, соқӣ,
Ки сози нӯшбодам шеъри тар шуд.

* * *

Диле дорӣ дили поки фаришта,
Зи раҳм обу гилат бошад сиришта.
Замини ботинат гулбоғи меҳр аст,
Матои ҳастият аз раҳм ришта.

* * *

Дилам дар дини ишқи туст, осӣ нест,
Гила аз дӯст кардан носипосӣ нест.
Зи ширинрӯиҳои дард донистам,
Ки баъди марг ҳам аз ғам халосӣ нест.

* * *

Агар сад лайлаин душман бихонад,
Ба рӯи чашму мижгонат нишонад.
Туро охир газад чун даст ёбад,
Ягон саг аз сагии худ намонад.

* * *

Маҷӯ дунё, биё дунё дили мост,
Пур аз ғавғо, пур аз савдо дили мост.
Зи нодории худ доро бинолад,
Ба ғамҳои худаш доро дили мост.

*   *   *

Ба ҳар ҷо мулку манзил мефурӯшанд,
Табибон заҳри қотил мефурӯшанд.
Намеёбанд як шахси харидор,
Ба дӯконе агар дил мефурӯшанд.

*   *   *

Намедонам ризои Ҳақ чӣ бошад,
Дар он ки одам одам мефурӯшад.
Зи дӯкони замон шодӣ наҷӯед,
Ки ин дӯкон фақат ғам мефурӯшад.

*   *   *

Ҳаво меноладу мегиряд имшаб,
Намедонам фалак дар мотами кист.
Ғами неку бади дунё ғами мост,
Кӣ медонад, ки дунё дар ғами чист.

*   *   *

Хуросонро харистон аз чӣ бинам,
Сакистонро сагистон аз чӣ бинам?
Худоё Рустаму Суҳробро боз
Ба ҳам дастугиребон аз чӣ бинам?

## ЧАҲОРПОРАҲО

Дил, тавсани мастӣ, на чу ёбуи саворӣ,
Бас шахдаҳанӣ, сахтсарӣ, сустмаҳорӣ.
Морову худатро ба бало мондаву монӣ,
Девонаи ҷарпар, ту сари тарс надорӣ.

* * *

Ку дасти ҳавас, ғунчаи ночида бичинад,
Н-олуда ба ғам кист, ки олуда бубинад.
Олам ҳама ҷавлонгаҳи ташвишу ғаму дард,
Н-осуда куҷо равад, ки осуда нишинад.

* * *

Бар сари китфи ту подеворашон,
Қасрҳо сар бар фалак афрохтанд.
Гушнаи мардумхӯрон,эй барзгар,
Гардани доси туро кач сохтанд.

* * *

Дар китоби моҷарои зиндагӣ,
Кӯдакӣ оғози ширин будааст.
Кӯдакӣ бо рангу зеби дилкашаш,
Нақши гул дар банди қамчин будааст.

* * *

Як умр давидему тапидем, дареғо,
Наздик надидем ягон фосиларо боз.
Уштуркаши раҳгумзадаи қофилаи умр,
Бар сӯи куҷо мекашад ин қофиларо боз?

*   *   *

Пур ғиҷим шуд гардани шахдамзада[1],
Пӯст ҳамчун коғази шабнамзада.
Устухони оҳану фӯлодиям,
Химчаи аз боду борон хам зада.

*   *   *

Сард шуд оташи афрӯхтаам,
Харҷ шуд тоқати андӯхтаам.
Канда шуд дар раҳат, эй дерсуроғ,
Кӯки чашмони ба дар дӯхтаам.

*   *   *

Гар набошад чеҳраи шаб офтоб,
Аз чӣ тобон шуд чу шаб шуд беҳиҷоб.
Роз дар роз аст ин дунёи роз,
Рӯй пиндориву мебинӣ ниқоб.

*   *   *

Дар диле, ки ҳавас намемондаст,
Оташе дар нафас намемондаст.
Корвон рафт, барнамегаштаст,
Бонги ҳузни ҷарас намемондаст.

*   *   *

Нонат надиҳад, агар ки пират накунад,
Обат надиҳад, ҷудо зи шират накунад.
То дар таги чоҳи ғуссаат наншонад,
Ин чарх ба мисри бахт мират накунад.

[1] Шахдам – сахт, чизе,ки бо душворӣ кушода мешавад.

* * *

Ғамро ба ҳазор роҳ бурдем, нашуд,
Бар сабр зи ғам паноҳ бурдем, нашуд.
Аз дасти шароб ҳам наёмад коре,
Дар хумби шароб ғӯта хурдем, нашуд.

* * *

Дорем чу абр чашми нам аз ғами ту,
Кардем ба ҷони худ ситам аз ғами ту.
Таърихи туро Ватан, ба хун бинвиштем,
То ҳол чакад хун зи қалам аз ғами ту.

* * *

Эй дил, ба каҷон нашин, имонат сӯзад,
Устоди дурӯғзан дурӯғ омӯзад.
Чун оина пок бош, то ки хуршед,
Дар ту бишавад аксу туро афрӯзад.

* * *

Заҳҳоки араб, ки мор буд, мағзи ту хурд,
Аз Рум табиби қалби решат нарасид.
Додӣ ҳамаро ба турку румиву араб,
Аз кӯсаи турк тори ришат нарасид.

* * *

Соғарам холист, саршораш кунед,
Соқиам хоб аст, бедораш кунед.
Ҳамватанҳо, дар гулистони Ватан,
Хор бисёр аст, бехораш кунед.

* * *

Ҳар кас ба китоби қайди ҳастӣ,
Чизе бинависаду равад пас.
Монад зи дарахт тухму мева,
Аз хору гиёҳ тӯдаи хас.

* * *

Гӯшагири кунҷи дунёӣ, биё,
Бехабар аз ҳасрати моӣ, биё.
Тугмаи дар гашт чашми интизор,
Рафтаӣ, то кай намеоӣ, биё.

* * *

Хонаат сард шуд, дареғат, дил,
Шодият дард шуд, дареғат, дил.
Дошт сурхит бо сафедият бозӣ,
Сурхият зард шуд, дареғат, дил.

* * *

Аҷаб роҳест роҳи зиндагонӣ,
На анҷом аст онрову на оғоз.
Ҳазорон пешпоӣ хурда дар он,
Ҳазорон пешпоӣ мехӯрад боз.

* * *

Бӯсаи хома ба рӯи коғаз
Аз худаш доғи сияҳ мемонад.
Дар бари рӯи сафеди ту, бирав,
Аз ду сар доғи нигаҳ мемонад.

* * *

Дам ба дам аз паи савдои дигар меафтӣ,
Назар аз дӯст накан, ки зи назар меафтӣ.
Осмонро ба фукат хат бикашӣ, огаҳ бош,
Аз замин канда шавад пот, ба сар меафтӣ.

* * *

Бод осуда дилат аз ғами дунё ҳама шаб,
Бод хандон лаби ту чун гули хандон ҳама рӯз.
Дилбари файзқадам по ба биёбон биниҳӣ,
Гул кунад реги биёбон чу чаман дар наврӯз.

* * *

Чашмаи Хизр кучҷову нафаси Саркокул,
Хуштар аз боғи Ирам хору хаси Саркокул.
Ҳарки Зам-Зам талабад, чашмаи Чинго бинад.
Каъбаро тарк кунад аз ҳаваси Саркокул.

* * *

Зӯраш ба баҳори дили мо чун нарасид
Аз  кардаи худ хазон пушаймон шуду рафт.
З-озурдани ҷони ман хунук шуд дили ғам
Ҷонсахтии ҷон бидиду ҳайрон шуду рафт.

* * *

Аз баҳори қадди сабзат ҷону ҳам тан гул кунад,
Остин гулрез гардад, даври доман гул кунад.
Дар зимистон гар шабе бар хотири ман бигзарӣ,
Шохаи бебаргу бори бахт дар ман гул кунад.

* * *

Ба борони маломат гулфурӯш арчи сазовор аст,
Харидори гул аммо дар ҳалоки гул гунаҳгор аст.
Замона аз зиёни дигарон чун суд меҷӯяд,
Ба мисли моли чинӣ исмати мардум ба бозор аст.

* * *

Захм дар боғи худам аз шохаи пастам расад,
Зарбаҳои ҷонгазои асри хунмастам расад.
Оҳ, мехоҳам, ки гирам аз гиребони фалак,
Бар гиребони фалак рӯзе агар дастам расад.

* * *

Дӯстон сарҷамъу соқӣ сархушу хушбӯ шароб,
Бодаи чун ашки булбул ҳамчу тобон офтоб.
Саҳна зебо, рақс зебо, ёри арғуштӣ базеб,
Базм гарму давр амну дар наво чангу рубоб,
Эй хушо, ин шаб, чу имшаб бод шабҳои дигар.

***Чашма як мисраи равон гӯяд,***
***Бол бахшад суруди дарёро.***

## ДУЗД

Нигаҳ аз боғи ҳуснат мева медуздад
Ва пушти шиғи мижгон мешавад пинҳон,
Ба як тири нигаҳ аз пой андозаш.

## ХАНДАИ ҒАМ

Дар хазон хандаи гул
Хандаи  дардолуд аст.

## МУЗД

Ватангумкарда аз дунё чӣ меёбад?
Пушаймонӣ.

## ҶОМАИ МОТАМ

Марг меборад дар диёри ман,
Ин пагоҳӣ ҷомаатро бар кӣ хоҳӣ дод,
Шоми мотамдор?

## ҲАЙРАТ

Ба ғавғои шамоли сард ҳайронам,
Зи боғи  бекафан дигар чӣ мехоҳад?

## МАСЛИҲАТ

Нони худро дар танӯри дигарон ҳаргиз напаз,
Дуди он бӯи маломат мекунад.

## ЧАШМА

Дил,
Бичӯшу синаро пурҷӯш кун,
Чашмаӣ ту, бо тапидан зиндаӣ.

## ДАСТИ ХУНОЛУДИ ҲАЁТ

Ин қатли ом дар чамани орзу магӯ,
Тақдир будааст,
Дар хун тар аст дасти замони умедкуш.

## ХАТИ МУШКИЛХОН

Хати ожанги ҷабинҳо хати мушкилхон аст.
Чӣ қадар роз ба ҳар сатри ҷабин пинҳон аст.

## НУҚТАИ ОХИР

Рӯзҳо сатри равонанд ба девони ҳаёт,
Чашм пӯшидани мо нуқтаи ин девон аст.

## ГӮШЗАД

Эй зи хомӣ ҳамчу ғӯра шишта бар шохи баланд,
Тундбоди зиндагӣ хоки заминат мекунад.

## ҲАМДАМ

Ба Худо, дар дили ман нест гила аз ғами ман,
Чӣ кас аз ёри вафодор шикоят кардаст?

## МАЪРИФАТ

Маърифат моро мулоим кардааст,
Мешавад аз пухтагӣ ҳар мева нарм.

## ТАЛОШ

Дар дили санг зистан осон нест,
Чашми чашма ҳамеша пуроб аст.

## ПУШАЙМОНӢ

Зи мастии ҷавонӣ дарди сар монд,
Аз он бозавқхандӣ чашми тар монд.
Ба рӯи шодиам дарро кӣ пӯшид,
Хушиҳои дилам беруни дар монд.

## ГУЛИ ХУШКИДА

Дили беғам
Гули хушк аст.

## ЗАНГЗАДА

Бухории дилеро мехӯрад занг,
Ки дар он оташи завқе набошад.

## ЧОРАГАР БОШ

Тарк кун бечоранолиро,
Зиндагӣ бечорапарвар нест.

## ПЕШДАРГИРОН

Ғам
Пешдаргирони алангаи шодист.

## РӮСИЁҲ

Лабашро мекунад шаб аз шафақ сурх,
Сияҳтар мешавад рӯи сиёҳаш.

## ЧАШМАИ БЕҶӮШ

Дил магар чашмаи баҳорӣ буд,
Ки дигар дар хазон намеҷӯшад.

## ХАВОТИР

Оҳ,
Дар ҷӯи ҳавас обе нест,
Майсаи сабзи дилам мехушкад.

## ДОМАНИ ХОРДОР

Домани модар раҳо шуд,
Домани дунё гирифтам,
Доманаш пурхор будаст.

## ЗАМИНИ БЕНАМОЗ

Куҷо хонам намозамро?
Замин дигар намозӣ нест.

## БАРГАРД

Чашмҳоям
Лонаи холист,
Мурғи шодӣ,
Ба лонаат баргард.

## ПАЙГАҲ

Дар пайгаҳи зиндагӣ давидан дорем
Мо аз паси зиндагиву марг аз паси мо.

## БА ЗАИФНОЛЕ

Шавӣ аз зарбаи қисмат фирорӣ,
Хурӯси ҷангии мағлуб ворӣ.
Саратро мекунӣ пинҳон таги пар,
Магар ту пеху чанголе надорӣ?

## РИЗҚ

Кам мешаваду зиёд ризқи одам
Камобиву серобии дарё ворӣ.

## МУРДОБ

Соф аст оби ҳавз
Вале бадбӯст.

## ХАВОТИР

Чӣ ҷои хобу оромист тифли хотири моро,
Замин гаҳвораву дарду бало гаҳвораҷунбон аст.

## ШИНОСНОМА

Рӯсиёҳӣ
Шиносномаи макр аст.

## ДУНЁИ ДИЛ

Дилам дунёст,
Оромӣ надорад.

## ҚАСД

Он ёр ба қасди гул ба боғ омадааст,
Хуршед ба куштани чароғ омадааст.

## ХОҲИШ

Шабҳо чу чароғ дар раҳат месӯзам,
Хуршед туӣ, баро, ки пешат мирам.

## АГАР ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ бошад агар ки хорзор
Сабза хору
Мӯр море мешавад.

## БА ҶОИ ПАНД

Мардон меафтанду мехезанд,
Номардон мехезанду меафтанд.

## ЧӢ БОРОН АСТ

Хотиротам ҳавои ҳуту ҷут,
Зиндагиям баҳори гирён аст.
Об дар кӯчаҳо намеғунҷад,
Ин чӣ борон,
Ин чӣ борон аст?

## ДУНЁИ БЕКАРОНА

Ҳамчу дунёи дили мо нест дунёи дигар,
Он ки дар дунё намеғунҷад,
Биғунҷад дар диле.

## ДАФТАРИ ПУРҒАЛАТ

Пур шуд вараќи сафеди як рӯзу дареғ,
Як ҷумлаи беғалат дар ин дафтар нест.

## АЛОМАТИ ПИРӢ

Зимистон пири бодард аст,
Ки оби дидааш сард аст.

## ХОСИЯТИ БАД

Оби дида накун ба боғ, баҳор,
Ашк бехосиятӣ дорад.

## АЗ НОМИ ҲАМА МОДАРГУМКАРДАҲО

Модарам соябони сари ман буд,
Бехтарин модар модари ман буд.

## ҚАНОАТ

Аз ризқу насибаат фузунтар маталаб,
Ғунҷоиши кӯзаро зи соғар маталаб.

## ҲИКМАТИ ЗИНДАГӢ

То пухта шавад диле ғамаш афзоянд,
То оши палав пазад дамаш партоянд.

*   *   *

Ҳазар кун аз каси озордида,
Ки фурсатпост мори думбурида.

*   *   *

Дар чеҳраи маҳтоб ба ҷуз доғ набинӣ,
Дар дидаи кӯрон ҳамаи ранг сиёҳ аст.

## ИНТИЗОРӢ

Миёни кӯчаҳои шаб
Хаёлам чун мусофир зору ҳайрон аст,
Нигоҳам роҳ мепояд,
Чароғи зери борон аст,
Намеоӣ?

## ДАР ИН ШАБҲО

Дар ин шабҳо,
Дар ин шабҳои бебаркӣ,
Ки ҷонзоде наметобад,
Ду чашмамро
чароғи роҳи баргашти ту хоҳам кард.

## ДАСТНОРАС

Кас сила намекунад сари мо,
Дасте нарасад ба ин баландӣ.

## МУКОФОТ

Чӯб бар хонаи занбӯр халидӣ чу, нанол
Дигар аз сӯзиши неше, ки туро хоҳад зад.

## САРПӮШ

Сарпӯшро бигир,
Шири даруни деги сияҳ сар намеравад.

## ЗАВРАҚИ ШИКАСТА

Дар завраќи зиндагӣ дилам буд савор,
Гуфтам:
Ба равиши об зан бел, назад,
Дарё бурдаш.

## ТАЪРИХНИГОР

Қалами дасти хазон борон аст,
Ки ба рӯи вараќи ҳар барге
Менависад хабари фатҳашро
Ва ба дасти ҳар бод
Мефиристад ҳар сӯ.

## САМАР

Хайр бинад ҳар кӣ эҳсон мекунад,
Боғбонро боғ гулборон кунад.

## ҲАМНИШИНИ БАД

Гул,
Агар ёри бозият бод аст,
Чеҳраат пур зи гард хоҳад шуд.

## БЕДАҲАН

Розпӯширо намедонад қалам,
Ҳарчӣ дар хилват бигӯӣ,
Мекунад овозааш.

## ҲАРФИ ҲАҚ

Шаб пеши қалам шикоят аз ғам кардам,
Гуфто, ки кӣ дид зинда беғам бошад?

## МАСЛИҲАТ

Дар раҳгузари пода чу мӯри таги пой.
Чун шер биғур,
Пода гурезон гардад.

## МУРДАХОК

Нест гулпарвар дигар оғӯши ман,
Чашми гирён, ин ҳама
Обмониҳои ту беҳудааст.

## БЕГОНАПАРСТ

Панҷ обаш
Мебарад сӯи замини дигарон,
Рӯди мо аз мо ки нест.

## ХУМОРШИКАНӢ

Бӯсае ҳавас кардам,
Баргаки гулам додӣ,
Мегазам гули тарро.

## ЗИНА

На ҳар кӣ мерасад осон ба боми бахт,
Аз ин зина каси бисёр афтодаст.

## РЕГИСТОН

Сиришкамро
Даруни ҳавзи чашмонам кунам пинҳон,
Ки дарёдамкаш аст ин зиндагии ҳамчу регистон.

## РАҲБАРӢ

Нолӣ, ки ғамат чун зани ногапгир аст,
Дидӣ,
Ба гапат намекунад,
Велаш кун.

## АГАР

Бигӯ реги биёбонро,
Ки эй дар хуни гул ташна,
Чӣ хоҳӣ кард, чун шохобҳо рӯзе ба ҳам оянд?

## ДАСТИ ШИРБӮ

Пеш ой,
Дастҳои ширбӯятро бибӯям,
Зиндагӣ бӯи хабисӣ мекунад.

## БЕМОРДОР

Зиндагӣ бемор буд шаб,
Зиндагӣ месӯхт аз таб,
Субҳро бедор кардам.

## НАЗАРФИРЕБ

Сиёҳии дилашро кӯҳи ангиштсанг,
Ба сабза мекунад рӯпӯш.

## УМЕД

Гумраҳон ҳам роҳ пайдо мекунанд,
Роҳҳои зиндагӣ кам нестанд.

## ҶОНБОЗИИ ЧАРОҒ

Шабе, ки нурро дар чашми чори орзу кушта,
Ба рӯи устухони рӯз мерақсад,
Ба танҳоӣ чароғе гирди худро мекунад рӯшан.

## РОЗ

Дарё
Рӯи вараҷи сафеди соҳил
Чизе бинависаду кунад кӯр
Як гуфтании нуҳуфта дорад.

## ОГОҲӢ

Хазон дар мезанад,
Эй боғ,
Баҳор азми сафар дорад,
Ба гулҳоят бигӯ:
Бедард хандидан хатар дорад.

## ДАР РОҲИ ТУ

Чароғи ашкро овехтам дар мехи мижгонам,
Ман охир одати шабгардиатро хуб медонам.

## ПАЙҒОМЕ БА НАВРӮЗ

Наврӯзро бигӯ,
Эй орзӯи чашмбароҳони сардмоҳ,
Дар бӯстони дидаи ту ғунчае намонд.

## ДАСТИ ХОЛӢ

Ҳар чӣ дар хонаи дил буд, чу рафтӣ
Бурдӣ,
Чун биоӣ,
Ба хиҷолат монам
Вақти меҳмондорӣ.

## ИЛОҶ

То нафси бадат ба қайду зиндон нашавад,
Растан зи балои нафс осон нашавад.

## ЧАПКОР

Чунон мехоҳад ин даҳри сабукпо,
Ки мард аз таг бихобад,
Зан зи боло.

## ЭЙ ИНСОН

Гарди қадамат бод табаррук донад,
Ҳар ҷо, ки қадам ниҳӣ, ба сар бардорад.

## ГЎШЗАД

Оташ ба наистон назан, эй ҷангалбон,
Шерон сӯзанд.

## ҲАР ЧИРО ЗАМОНЕСТ

Гул дар сари шох дар хазон чашми тар аст,
Бар пир ҳавасҳои ҷавон дарди сар аст.

## ҲУЗНИ МОҲ

Рухи нохунзадааш зарду ҳазин
Ба куҷо ғамзада маҳ менигарад,
Лолаи чашми кӣ бошад ахтар,
К-аз сари бом ба раҳ менигарад?
Чӣ касе рафта буду боз нагашт?
Чӣ каси н- омадае меояд?

## ҚУРБОНӢ

Шаб нула мекашад,
Дарёст хунталаб,
Қурбониёни ин шабанд умедҳои ман.

## НОСЕРАМ

Доросифатӣ,
Соҳил,
Дарё ба бағал дорӣ,
Дар ҳасрати боронӣ.

## МАРЗБОН

Осмон бар сари кӯҳи ту кулоҳи сабз аст,
Кӯҳи ту сарҳадбон,
Эй ватан,
Эй ҳама чиз,
Эй тану ҷон.

## РИШТАБАНД

Шоҳинам,
Донам, ки авҷи осмон ҷои ман аст,
Мекунам парвоз, аммо ришта дар пои ман аст.

## СОЗИШ

Бӯсаам ҷӯшид дар тафси лабаш,
Ашки ман дар чеҳрааш оташ гирифт.
Душманиро зиндагӣ бас карда буд.

## ГУЛИ ҲАСРАТӢ

Охирин шукуфтани гул
Ба хазони рангканда
Охирин нигоҳи ҳасрат ба видои зиндагонист.

## НАБАРДГОҲ

Рӯи регу санги пушта,
Лолаҳо хуни зимистонанд,
Ки баҳори барқсинонаш ба кини боғ кушта.

## САДОҚАТ

Ҳақшиносам  дар рафоқат,
Мекунам танҳоиямро бо ғамам пайваста қисмат.

## ЗИНДАГӢ

Бар кӯҳ баромадан агар осон нест,
Аз кӯҳ фаромадан бувад мушкилтар.

## САЙДИ ПАЙГУМ

Шояд
Нақши қадамам кӯр кунад бод зи роҳ,
То аз паи по аҷал наёбад манро.

## ДАР ИН ДУНЁ

Чашм биниро набинад,
Даст пуштатро нахорад.

## ДАРСИ МУШКИЛ

Дарси ҳисоби зиндагӣ осон набудааст,
Ҳарчанд азм мекунам,
Ҳазмаш намекунам.

## ХАВОТИР

Синаҳо аз кинаҳо дам мекунад,
Боз одам қатли одам мекунад.
Ҳеҷ касро нест бар кас эътимод,
Одам аз одам дигар рам мекунад.

## СУРӮШ

Пас аз ин шаб
Сурӯши субҳ меояд
Шукуфтарӯву хандонлаб
Ва аз сӯи Худо пайғом меорад,
Ки як рӯзи дигар аз зиндагӣ
Чун ҳадяи Яздон насиби мост.

## БАРОИ ГУЛРУХСОР

Либоси шеъри туро аз матои нозуки дил
Тарроҳи чевари табъи чирадасти ту дӯзад.
Гули алови дили гарми туст ҳар вожа,
Касе гумони гул кунадаш ҳамчу тифл, месӯзад.

## АГАР

Дард агар дарди ватан нест,
Дарди ман нест.

## ТАВБА

Маро чиву давидан аз паи дил,
Бишинам, дарди дунёро бинолам.

## САРНАВИШТ

Чу номи ҳазрати Одам навиштанд,
Нахустин ҳарфи онро оҳу ҳасрат,
Давоми умри онро дам навиштанд.

## РАДИ БАЛО

То зи ту дур кунам чашми бади дунёро,
Чун хаси чорраҳа сӯзаму дуд андозам.

## БАЙТИ ТАКРОР

Рӯзу шаб дар ғазали кӯтаҳи умр,
Шаҳбайт  аст,
Вале такрор аст.

## ҲУШДОР

Фандат надиҳад ба шарм хандидани гул,
Ҳар боди ба  раҳ гузашта бӯяш кардаст.

## ҶАЗО ВА САЗО

Аз захми табар чу нахли тар хаста шудем,
То бар табари табарзанон даста шудем.

## БЕ ПОСУХ

Дар маҷлиси айш хун бигиряд,
Бар шиша чӣ ғам расида бошад?

## ИНТИЗОРӢ

Чароғи роҳ шуд чашмам
Ту рафтиву намеоӣ.

## САВТИ ИШҚ

Ба савти нарми бода хӯ гирифтам,
Маро бонги муаззин хӯш наояд.

## ЭЙ КОШ

Кардам рухи сурхро чу зар зардовӣ,
Эй кош, ҷавониро ба зар бифрӯшанд.

## ХАЗОН

Умр рафту баргу бори орзу дар дил намонд,
Баргҳо фасли хазон тарки дарахтон мекунанд.

## ДАЪВАТ

Эй дарунторик, шамъи хонаи дил барфурӯз,
Кӯр ҳам дар шаб чароғашро фурӯзон мекунад.

## ЗИНДАГӢ

Гул ва гулчину баҳор…
Чашми гулчин ба гул аст,
Чашми мори таги гул бар гулчин.

## ЗИЁРАТ

Қадами мо нарасад то ба дари хонаи дӯст,
Ба зиёрат, ки биоем, ба сар меоем.

## ИШҚИ ШАБМОНДА

Ба пирӣ омадӣ, ишқи алавгирам,
Ман аз меҳмони шабмонда алахонам[1].

## ГУЛИ ВАҚТИ ХАЗОН

Бигӯ дилро ба пирӣ дил набандад,
Гули вақти хазон ҳосил набандад.

[1] Алахон – хавотир

## ҒАФЛАТ

Нигаҳ дар чашми ту майли шино дорад,
намедонад,
Ки он ҳавзи дарунгирдоби таҳдор аст.

## ЗОҲИРУ БОТИН

Рухи рухбози оина гувоҳ аст,
Ки рӯи пушти оина сиёҳ аст.

## КӢ МЕДОНАД

Якчанд задем лофи хушрангиву бӯ,
Рафтем чу гул, чу хас бимонем, намонем.

## АЙ ГУЛ

Дар шабнами субҳ, гул накун саршӯӣ,
Хори сари девор тамошо дорад.

## НОДОРӢ

Сияҳрӯзии мо, эй ҷони саргардон, зи нодорист,
Чароғи аҳли сарват дар зимистон ҳам намемирад.

## ЧӢ ГУЗАШТ

Дар хилвати боду гул надонам, чӣ гузашт,
Гул ҷома дариду бод ғавғо дорад,
Хори сари девор тамошо дорад.

## ЧАШМИ ХОНАСӮЗ

Дар хонаи дил оташи ғам афтодаст,
Аз чашм гумонбарам, ки оташбоз аст,
Чашме, ки ба ҳамсояи худ носоз аст.

## ХОҲИШ

Як субҳ аз даричаи мо сар намехалад,
Хуршедро ба хонаи мо раҳнишон кунед.

## ҚАЗОИ ХУФТАН

Қазо шуд хуфтану бонги азон нест,
Худо, хоби муаззин бурда бошад.

## ТАЛХОШИРИН

Надорад талхкови рӯзгори талх асар дар ман,
Зи ширинии ҷонам мекунад маргам даҳан ширин.

## ДИЛИ ПИНАДӮЗ

Дилам аз духту дӯзи чоки сина
Сари ангушти марди пинадӯз аст.

## ҲИҶОБИ ЗОҲИРУ БОТИН

Нагирад сатри аврат пеши бесатр,
Ҳиҷобу сатр агар дар дил набошад.

## ГИЛА

Ба тулӯи субҳ нолид чароғ вақти мурдан,
Ки шаби сиёҳи мардум ту куҷо гуреза будӣ?

## ТОҚАТ

Зиндагиро ранҷ додам шаст сол,
Офарин бар тоқаташ,
Таркам накард.

## ЛАБХАНДИ ЗАНГӢ

Субҳ лабхандаа шаби зангист,
К-ӯ ба ашки гули сағира[1] механдад.

---

[1] Гули сағира – гули баҳориест аз қабили гули зардаку сияҳгӯш, ки ранги парида дорад.

## ГАРДАНКАҶ

Дос умре мекунад гандум дарав,
Лек доим, бингарӣ гарданкаҷ аст.

## РАҲПО

Ҳама хобу
Чароғи кӯча бедор аст,
Чу чашми роҳбини модари зор аст.

## БАЪДИ ТУ

Баъди сари ту ханда дигар дар лаби гул нест,
Гулшан ҳама мотамзадаи ҷомақабо аст.

## ШУКРОНА

Ғам ҳаст, дило, ки карда ободтуро,
Гар ғам накунад, кӣ мекунад ёд туро.

## ДАРЕҒ

Пур аз доғи пушаймонӣ, сазои ман,
Ба поён мерасад девони умри пурхатои ман.

## САМАНДИ УМР

Тук-туки соат ба гӯшам мерасад ин лаҳза чист?
Он садои наъли аспи умри дартози ман аст.

## БАХШИШ

Рафтаниям,
Узр мехоҳам,
Кадхудои саро,
Ғамат додам.

## РӮИ МАРҚАД

Рӯи марқад шукуфтани гул чист?
Зиндагонӣ ба марг механдад.

## РОЗ

Кӯру бино, ки аз ин роҳ ба ҳам мегузаранд,
Сари бино зи чӣ хам бошаду кӯр аз чӣ баланд?

## САХОВАТ

Нигоҳи гушнае аз хони доро луқма медуздад,
Саховат бин, ки дуздиро чӣ сон нодида мегирад.

## ЭЙ ЗИМИСТОН

Бас ҷавонхунӣ,
Эй зимистон,
Ҳурмати мӯи сафедатро бидон.

## ТУҲМАТЗАДА

Нигоҳамро
Ба боғи ҳусни ту диданд,
Ба дуздӣ муттаҳам карданд,
Кунун дар хонаи чашми тарам бечора зиндонист.

## ИНТИЗОРӢ

Агар шабмондае дар раҳ намедошт,
Чароғи раҳ тамоми шаб намесӯхт
Чу модар дар раҳи фарзанди шабгардаш.

## АЗ ТУ БА ТУ

Аё барно,
Заратро кардаӣ зангӯлаву аз дузд менолӣ?

## НАМЕДОНӢ

Намебинӣ,
Дили сода,
Ба пушти ҳар лаби хандон
Сафи дандон камингир аст.

## ҒАФЛАТ

Шаби торик,
Меборад,
Дили тангам,
Чароғи хонаам рӯған надорад.

## ДИЛДОРӢ

Чӣ мегӯӣ?
Зимистон сард хоҳад шуд,
Туро аз оташи дил гарм хоҳам кард.

## ДУДИ ДИМОҒ

Сияҳ шуд пардаҳои дил,
Кӣ мегӯяд;
Димоғи сӯхта дуде надорад?

## ОСОНУ МУШКИЛ

Дӯст шудан осон,
Дӯст будан мушкил.

## МАНУ ТУ

Ту одами хокиӣ, манам афлокӣ,
Дунёи ману туро дигар сохтаанд.

## ДАМ ҒАНИМАТ

Дурият кӯрии қисмат бошад,
Эй биё,
Фурсате чанд бидуздем аз ин кӯрбахил,
Дам ғанимат бошад.

## ЧӢ СУД

Дигар аз гиряҳои зор чӣ суд,
Бар сари мурдаҳои сабзаи дашт.
Дӯш, эй абр, дар куҷо будӣ?
Чашм дар роҳи ту баҳор гузашт.

## ЧАРОҒИ РӮЗАДОР

Шикамсерон даруни хонаи торики худ хобанд,
Чароғи рӯзадор аст ин, ки месӯзад ба роҳи субҳ.

## ТАСАЛЛО

Рӯз мефавтид,
Осмон рӯша ба хун мешӯст,
Мурғи ҳақ мегуфт:
Ин ҳанӯз охири дунё нест.

## МАСЛИҲАТЕ

Пайроҳаи зиндагӣ чӣ мушкилгард аст,
Афтода, ки хестан тавонад, мард аст.

## ДУЗДӢ

Хори сархории девор фитод,
Бод печид ба паскӯчаи торику гурехт.
Боғбонро гӯед:
Ғунчаи парданишин гул шудааст.

## ПО ДАР САФАР

Баҳори пираму по дар сафар дорам,
Ман имшаб охирин барги гули ишқу ҳавасҳоро
Ҳаводори[1] ту хоҳам кард.

## ИШТИБОҲИ БАҲОР

Ман ӯро аз ту мехоҳам,
Гулам бахшӣ.
Баҳоро,
Нусхаро аз асл нашносӣ?

## ЧАРОҒИ КӮЧАИ МУРДА

Ҳама хобанд,
Аз ин кӯчаи мурда
Садои масти шабгарде намеояд,
Дилам бар сӯхтанҳои чароғи кӯча месӯзад.

[1] Ҳаводор – талошак, ширинӣ ва мағзу чағзе, ки ҳангоми шодиву хурсандӣ мепошанд.

## ТАШВИШ

Ҳамчу аспи пир
Дам ба дам кул мехӯрад[1] дил,
Оҳ метарсам,
Бори ман дар нимароҳи умр меафтад.

## АШКИ ҲАСРАТ

Дар хазон ғунча аз чӣ мегиряд?
Ношукуфта баҳор охир шуд.

## ЗАҶР[2]

Ба ашки худ бишӯяд осмон рӯи сиёҳашро,
Худоро шукр,
Ситамгар мекашад заҷри гуноҳашро.

## ФАЛАКЗАДА

Гар ба як чашм фалак халқи ҷаҳонро бинад,
Мо ҳамон дар тарафи дидаи кӯраш бошем.

## ШИРИН ШУД

Номат ба забон рафт,
Даҳон ширин шуд.
Ҷон лаззати ишқ ёфт,
Ҷон ширин шуд.

[1] Кул хӯрдан – пешпо хурдани моли лағна.
[2] Заҷри гуноҳ,– ҷазо.

## ТӮФОНИ ХУФТА

Хотири ҷамъи замон хоби парешон дорад,
Фанди оромии баҳр аст, ки тӯфон дорад.

## АКСИ ДАР ОБ

Сурати рӯят ба чашмам ҷои хоб афтодааст,
Моҳ аз пориса дар ҳавзи пуроб афтодааст.

## ЧАРОҒИ ДИЛ

Чароғи шаҳрро куштанд,
Дилам имшаб ба ҷои ҳар чароғи мурда месӯзад.

## БУХОРИРО ФУРӮЗОН КУН

Бухориро фурӯзон кун,
Зимистонро,
Биё, бар кӯча меронем,
Ки ҷои ин хунукрӯ хонаи мо нест.

## НОЛАҲО ФАРДИСТ

Ду кафтар зери як порисаи боманд,
Вале ҳар як
Ғамашро тоқа менолад.

## АЗ КӢ НОЛАМ?

Аз одамон чӣ нолам,
Оина ҳам дурӯяст.

## БӮСАИ ХУРШЕД

Як нигаҳ бар рухи ту кард дилу рафт зи даст,
Тоқати бӯсаи хуршед надорад шабнам.

## ХАЁЛИ КӮЧАГАРД

Ҳаво абрист,
Меборад,
Хаёли кӯчагард аз кӯчагардияш намемонад.

## ЧАРОҒИ РӮЗ

Субҳи пирӣ ҳам дамиду дил намонд аз сӯхтан,
Рӯз ҳам дар хонаи торик месӯзад чароғ.

## БАРРАИ БЕОЧА

Барраи беочаам,
Рӯ ба ҳар кӣ оварам, шохам занад.

## АЗ НОЧОРӢ

Чу дарёро ғами соҳил набошад,
Умеди сабзаи соҳил ба борон аст.

## ОҚИБАТИ СОЯ

Бинои куҳна меғалтад,
Таги девор монад сояи девор.

## ОШИ ҲАЛОЛ[1]

Аз дари қисмат намегирӣ ба ҷуз оши ҳалол,
Луқмаи чун луқмаи чӯпон, дило, ошат шавад.

## НУРИСТОН

Ҳар чароғе гирди худро гар кунад рӯшан,
Кӯчаи торик нуристон шавад.

## ХУНБАҲО

Чашми хоболуд огаҳ нест,
Субҳ дар хун мешукуфад.

## БЕ КАЛИД

Қуфли ман маро намемонад,
Ки шавам ба хонаам ворид.

[1] Оши ҳалол – ноне, ки чӯпон ба ивази муздаш аз молдорон мегирад.

## НАПУРС

Кори дунёро напурс:
Боғбон аз дузд дар ранҷ асту дузд аз боғбон.

## МИРОБРО БИГӮ

Дигар ба абру раҳмати борон умед нест…
Мироброро бигӯ:
Эй дар гулӯт заҳр шавад оби хӯрдаат,
Гулҳои сабз дар лаби ҷӯ ташнамур шуданд.

## ҒУБОРИ ҒУРБАТ

Ҳавои шаҳри ғарибӣ ғубори ғам дорад,
Нафастангам.

## АЛЛОҲУ НАСИБ

Марг гулчин асту мо гул,
Боғбон бас дилкушод,
То шукуфтан, эй баҳори умр, Аллоҳу насиб.

## ХАНДА ДАР АШК

Чу чашми ман чунин маҳзун кӣ механдад,
Чу лола дар миёни хун кӣ механдад?

## ЭЙ ХУДО

Эй Худо,
Як кӯча рӯшан нест,
Хонаи нур дар куҷо бошад?

## ГАНДАПИР

Зиндагонӣ дар канораш гӯшагирам кардааст,
Эй Худо,
Ин пирбева гандапирам кардааст.

## ДАСТИ ПУР

Кай равад даст сӯи кисаи холӣ,
Кисаи пур бош.

## ДУШМАНИИ ДӮСТ

Хуни шиша мехӯрад ҷоме, ки хандон мешавад,
Дӯст коре мекунад, ки хасм ҳайрон мешавад.

## МУРҒИ ОЗОД

Рӯҳ дар ин қафаси танг намонад бисёр,
Мурғи озодпараст аст,
Қафас мешиканад.

## БЕХОБӢ

Бояд бихобам,
То ғам бихобад,
Не ман бихобам,
Не ғам бихобад.

## ХУДКУШӢ

Тангии ҷавлонгаҳи амвоҷ кори соҳил аст,
Мавҷҳои тундхӯ аммо сари ҳам мехӯранд.

## ГӮШ БА ОВОЗ

Чашмони бар дарам
Чун чашми қулф дар шаби шудрӯ[1] малӯлу сард,
Дар ин сукути дилҷафи[2] шоми умедкуш
Гӯшам ҳанӯз дар талаби тақ-тақи дар аст.

## ДАР ҚОФИЯВУ САТР

Дар қофия наздиканд
Дороиву доноӣ,
Дар сатр ҷудо аз ҳам
Ду пояи дунёӣ.

---

[1] Шудрӯ – рутубат, борони ниҳоят реза.
[2] Ҷафидан – фишурдан, дилҷаф – дилфишор.

## АШКИ ПУШАЙМОНӢ

Аз минбари сиёҳи ҳаво гиря мекунӣ,
Ашкат ба рӯи мурдаи гулҳо чакон- чакон.
Таъзиягӯи куштаи худ гаштаӣ, хазон.

## БАҲОРИ МАРДУМХӮРОН

Арақ мерезад аз рӯи баҳору дона мекорад,
Чу деҳқон худнахӯр, мардумхӯрон аст.

## ТАЛОШИ РАҲОӢ

Зиндагонӣ, банди поямро кушо,
Бандагиро марг хонад селаи озоди ман.

## ИСТ

Эй боди сард,
Ист,
Рӯзе баҳор аз гузари мо гузаштанист.

## УМРИ ГУЛ

Беҳтарин умр умри гул бошад,
Умри як ҳаёт бо ханда,
Умри пур аз шукуфтану зистан.

## ДИЛИ РАҲПО

Дили раҳпо,
Ки чашмат роҳ мебинад,
Азизе дар сафар дорӣ.

## БОШАД, МЕШАВАД

Рӯз бошад,
Соя пайдо мешавад.

## ЧАРО

Шамъро ҷанги шаби тор натонист кушад,
Бимирад аз нафаси сарди яке хоболуд.

## Ё ИН, Ё ОН

Дар даҳони ом бошад меҳри ом,
Ё дар он нон мениҳӣ, ё ки лагом.

## МАСЛИҲАТЕ

Гилеми хонаи дилро бишӯед,
Агарчи қиммат аст он, чиркгир аст.

## БИЁ

Поят намекашад ба дари дида бигзарӣ,
Ман кӯчаҳои ёди туро об мезанам.

## БАҲОР МОНДӢ

Рафтиву барнагаштӣ,
Ҳамчун баҳор мондӣ
Дар хотири дили ман.

## БО ОШЁНАТ БОШ

Оҳ, баргард,
Мурғи аз сармо гурезон,
Ошёнат ошёни зоғ хоҳад шуд.

## РОЗ

Шаб, надонам, чӣ мекунад бо боғ,
Ҳар саҳар чашми гул намолуд аст.

## ИШОРА

Накун хомӣ,
Баҳори сабз муздури хазон аст.

## БОЯД СӮХТ

Гар набошад шабфурӯзии чароғ,
Субҳ раҳгум мезанад.

## ДАРЕҒ

Дареғи рафтани ту,
Баҳори бахти маро бурдаӣ, намеорӣ.

## ШОЯД

Шояд олам ба чашми мурғи қафас,
Панҷарадор чун қафас бошад.

## АГАР

Тавонӣ гуфт:
Ман ҳам зиста будам,
Чу шаб субҳе бизоиву бимирӣ.

## ОҲ, ИН ДИЛ

Натонистам,
Дили бероҳаро дар раҳ дарорам,
Ба ин девона дигар гап надорам.

## САҲВ

Чунин аз дасти дил синахаробам,
Хато кардам,
Ки ин бехонаро хонахудо кардам.

## МУҲИТ

Чашма дар партовгаҳ ҷӯшад агар,
Ҳар қадар ҷӯшад, шавад нопоктар.

## МИСРАИ ШАБ

Рафтаӣ,
Дигар намеоӣ ба ёд,
Мисраи дар хоби шаб гумгаштаӣ.

## ЧӢ ГӮЯМ

Чароғи раҳ чӣ медонад, чӣ гапҳост,
Даруни хонаи торики мардум.

## СУРОҒИ ҶАВОНӢ

Баҳор омад,
Равам аз ӯ бипурсам:
Ҷавонии маро дар раҳ надидаст.

## НАШЪАИ ЁД

Қадди сабзи туро ба ёд орам,
Ман хумори баҳор мешиканам.
Мехалад сӯзани ғамат бар ҷон,
Нашъамандам, хумор мешиканам.

## ЧӢ СУД

Боз ин қавми сияҳпӯшида
Бар сари куштаи худ ҳамчу хазон мегиряд.

## ХОНАИ МОР

Мекунад рост каҷравонро гӯр
Гӯр шояд, ки хонаи мор аст.

## ҚАСД

Намеоӣ,
Наё,
Имшаб ғаматро як нафас хуфтан намемонам.

## УМЕДИ ТАНҲОӢ

Кӯки чашмам канд[1].
Кас намеояд,
Камбағал бе хеш аст.

## ФИРЕБИ РАҲОӢ

Мурғаму гирифторам,
Аз қафас раҳо карда
Риштае ба по дорам.

---

[1] Кӯки чашм кандан – интизории бисёр зиёд кашидан.

## ДЕРСУРОҒ

Сард шуд оташи афрӯхтаам,
Сарф шуд тоқати андӯхтаам.
Дар раҳат канда шуд, эй дерсуроғ,
Кӯки чашмони ба раҳ дӯхтаам.

## ИБРАТИ БАҲОР

Чашми баҳор гирён дар мурдаи зимистон,
Оқил намешавад шод аз марги душмани ҷон.

## ҶОНХАЛОСӢ

Ба оби чашм, дидам, оташи дардам намемирад,
Ба гулҳавзи шароб андохтам ин ҷони сӯзонро.

## БИЁ

Дилма гирифтаӣ,
Эй умри дилгирифт, даме дилкушо
Биё

## ТАБИ ТАНҲОЙ

Таби сӯзон дорам,
Ин шаби боронӣ
Бистарамро таги борон монед,
Бистарам месӯзад.

## ҲАВАС

Рашкам аз пироҳани туст,
Ки ҳамоғӯши тани туст.
Мурғи чашми гушнаи ман
Бо умеди хирмани туст.

## ШАБИ ҶУДӢ

Шаб…
Шаби бе ситораи ҷудӣ.
Эй Худо,
Ҷудро парешон кун,
Парчами субҳро парафшон кун,
Корвони умед дар роҳ аст.

## РАҲЕ ПАЙДО КУН

Раҳнамои ҳама будӣ, паси бегона магард,
Шарқи раҳгумзадаам, боз раҳе пайдо кун.
Зи дами боди дигарҳо чӣ кунӣ нола чу най,
Рав,
Чу дарё ба тапидан ғазале иншо кун.

## ҶӮЁИ НУР

Раҳи ояндаи мо мӯйсифат борик аст,
Эй Худо,
Нур бидеҳ,
Роҳи сафар торик аст.

## ҚАВМИ НУР

Вуҷуди хокии мо мекашад моро ба сӯи хок,
Зи қавми нур бояд буд.

## ШОДИМАРГ

Бо парчами сафед баромад шаби сиёҳ,
Дидиву шодмарг шудӣ,
Эй чароғи роҳ.

## ОТАШАМ

Оташам,
Оташам,
Хокистари сардам макун.
Эй Худо,
Эй Худо,
Муҳтоҷи номардам макун.

## БА КӢ НОЛАМ

Дар оташбозии даври алавбоз,
Худоё,
Сӯхтам аз сӯхту сӯз.
Чу дасти осмон обиларез аст,
Ба кӣ нолам шаб аз он меҳнати рӯз?

## АНДОЗИ ЗАМИН

Рабудӣ аз танаш пироҳани гул,
Замин,
Андози ту бисёр вазнин аст.

## БАҲОРИ ОХИРИНИ КИСТ

Баҳор омад,
Баҳори охирини кист?
Нигоҳи гул,
Нигоҳи вопасини кист,
Ки боди сард оҳи сардро монад.

## БУБАР

Буданат роҳати дил буду намонд.
Ғуссаат заҳмати ҷон асту нарафт.
Ё биё,
Ё ки бирав аз ёдам.

## ДИЛТАНГӢ

Дараки субҳ нашуд,
Ин қадар дуру дароз аст шаби раҳпоӣ.

## АЗ КӢ БИПУРСАМ

Ман ғарибам дар даҳр,
Ку яке таҳҷоӣ,
Ки бипурсам аз ӯ:
Дари ин кӯчаи сарбаста куҷост?

## ХИҶОЛАТИ СУБҲ

Субҳ бе муждаи дидор омад,
Хандаи субҳ хиҷолатзадааст.

## АҚИДАИ ХАЗОН

Хазон мегуфт:
Зари зардобрӯ беҳ аз гули сурх аст.

## БОЯД ЗИСТ

Фурсати умр агар беш зи як соат нест,
Бояд он соат зист.

## ЯКЕ МЕГУФТ

Яке мегуфт,
Аҷаб мегуфт:
Хатои баччагӣ афсӯси пирист.

## ПАС АЗ ТУ

Ҳавои хотирам олудаи дуд аст,
Пас аз ту субҳ лабханди ғамолуд аст.

## ЧУНИН АСТ

Зиндагӣ фалсафаи тадбир аст,
Бебарор аз ҳама домангир аст.

## ДИЛИ ВАСВОСӢ

Дили ман ҳамчу васвосӣ
Хаёли худкушӣ дорад,
Худашро оқибат дар ҳалқаи мӯи ту овезад.

## КАҲБОД

Шаббода мевазад,
Фарёди бодгар:
Ман дона киштаам,
Каҳ бод мекунам.

## ХОКУ ОТАШ

Ҷоҳилон қасди ҳалокам кардаанд,
Оташи покам,
Ба хокам мекушанд.

## МУҲИТИ ЯХБАСТА

Нигаҳи чашми муҳитам сард аст,
Ман зи ях кардани дил метарсам.

## ШАРОРИ САНГ

Сари сахти дилам бархӯрд бо санги дили сахтат,
Шарори ғусса мехезад.
Аз он тарсам,
Худо нокарда сӯзад хонаи сабрам.

## ДИЛРО ЧАРОҒ КУН

Озурда аз ҳама,
Камтар димоғ кун[1].
Дунё агар шаб аст,
Дилро чароғ кун.

## ДИЛИ ТУ БО МАН НЕСТ

Тани ту
Ҳамчунон лонаи холӣ аз ман.
Дили ту
Мурғи хушхон, ки ба боғи дигаре мехонад.

## ТАҚДИР

Хоксорӣ нест ин, ки дар ғубор олудаем,
Зиндагӣ моро чунин дар гарди раҳ биншондааст.

---

[1] Димоғ кардан – хафагӣ кардан

## БИДОН

Чу попӯшӣ
Ба пои ҳар кӣ сар монӣ,
Ба манзил чун расад, беруни дар монӣ.

## ЧӢ МАҲЗУНӢ

Орзӯҳои сабзсӯзатро
Дар биёбони дарду ғам бинам,
Соя карда ду чашми сурхатро
Лолаи тар ба сояхам бинам.

## ЁДИ ҶАВОНӢ

Ба ёди навҷавонӣ хоб кардам,
Баҳори мурдаро дар хоб дидам.

## ФАТВО

Ба майхорон расон фатвои пири майфурӯшонро,
Шароби сеталоқа бе ҳалола ҳам раво бошад.

## ПАРЧИНАМ НАКУН

Парвоз мехоҳам, фалак,
Бар хок парчинам накун.
Шоҳин манам,чун кабки ром
Дасту даҳанбинам накун.

## МИЁНБАСТА

Се ҷой бубастанд миён панҷаи моро,
То дар талаби хеш миёнканда набошем.

## ҲАВСАЛАИ БУТТАРОШӢ

Ҳама ҷо бути шикастаст, биё, ҳавсала бин,
Тешаи буттарош аз паи кор аст ҳанӯз.

## КАМУ ЗАМ

Роҳ кӯтаҳ кардаему дар қадам афзудаем,
Аз ҳисоби умр кам кардему ғам афзудаем.

## БОРИ ҚАЛАМ

Чӣ сангин аст бурдан бори дарду ғуссаи моро,
Қалам, бин, саркашол аз хат ба хат кулхида[1] мегардад.

## АЗ ҲАМСОЯИ БАД ПАНОҲ

Тавонам кард илоҷи душмани дур,
Худо ҳамсояро душман насозад.

[1] Кулхидан-сулфаи канда-кандаи доимӣ.

## ДАРВОЗАИ ДИЛ

Чашм дарвоза-ст,
Агар қулф аст,
Ишқ дар беруни дар монад.

## АГАР

Чароғи хонаҳоро чун кушад давлат,
Кунад мардум ба хоби бемаҳал одат.

## МИСРАИ ЧАШМА

Чашма як мисраи равон гӯяд,
Бол бахшад суруди дарёро.

## МЕСӮЗАМ, КИ ЗИНДААМ

Бисӯз, эй дил,
Бисӯз, эй дил,
Чароғ аз сӯхтан монад, бимирад.

## АЛОМАТИ БОРОН

Ин қадар гарм шуд имрӯз ҳавои ёдат,
Пушти ин гармӣ, аҷаб нест, ки борон бошад.

## ХАБАРКАШ

Ба роз гуфт гул аз бӯи хуш ба хилвати бод,
Ба гулфурӯш расид ин хабар ба одати бод.

## ТӮФОНИ ҚАТРА

Шиша дар маҷлиси мастон ба забон меояд:
Дили ин қатраи ором пур аз тӯфон аст.

## ОТАШИ ГУЛРӮ

Алав бошад шаробу гул намояд,
Чу тифли содаҳӯ худро насӯзон.

## ҶАВОБИ РОСТ

Ба хазон ба чашми таҳқир назар намудаму гуфт:
Манам он баҳори хушрӯ, ки як ошиқаш ту будӣ.

## ҒУРРОСИ ЗИМИСТОН

Паси дарвоза ғуррас мезанад бод,
Зимистон ҳам саги гиранда дорад.

## ДАР ПАЙРОҲАИ ФАРДО

Ман аз шаброҳаи таърих,
Имои шуъла мекобам,
Ки мехонад ба як фардои ободам.

## БЕҲУДА

Якчанд ба зиндагӣ задам каллаву пӯст[1],
Он ҳам ба муроди душману ҳасрати дӯст.

## ХАЁЛИ ГУМҶӮ

Дар шаҳри бечароғ
Дил пешпоӣ мехӯрад имшаб чу моли пир.
Дар тирамоҳи ёдҳо ҷӯёи кистӣ?
Имшаб хаёли пир.

## БАЁЗИ ДАРД

Хотиротам ғуссаи дилгир шуд,
Нолаҳоям номаҳои бечавоб.
Номаҳоямро бидеҳ,
Ман баёзи дардҳоямро мураттаб мекунам.

## ОГОҲӢ

Кафандуздони саҳроӣ
Зи гӯри куҳнаи тоҷик
Дигар чизе намеёбанд,
Қасди устухони Рӯдакӣ доранд.

[1] Каллаву пӯст задан – часпу талоши сахт кардан.

## КӮРГИРЕҲ

Ангушти хаёл хун шуду накшудем
Як кӯргиреҳи[1] зиндагиро ҳаргиз.

## ХОТИРИ ҒАРИБ

Ҷамъ кай бошад ба ғурбат хотири марди ғариб,
Об аз соҳил бурун гардад, парешон мешавад.

## ЗОЯНДА

Зиндагӣ дард аст,
Дарди зоянда.

## БИДОН, КИ…

Кӯтаҳумр аст
Дарахте, ки диҳад зуд самар.

## БОДИ ГУЛГАРДОН

Боди гулгардон,
Аз қудумат умед мерӯяд.
Аз диёри баҳор меоӣ.

[1] Кӯргиреҳ – гиреҳи бисёр сахту мушкилкушо.

## СӮЗИ УМЕД

Дар оташи умед
Бо сӯхтан чу дег
Шаброву устухони худамро кунам сафед.

## ОМАДИ ГАП

Захми реша марги сарнавда аст.

## ФОТИҲАИ ГУСЕЛ

Сафар дорам,
Ту аз шаҳкосаи чашмат
Зи пуштам об мепошӣ.
Раҳи ман дар биёбони ҷудоӣ сабз хоҳад буд.

## БАҲОРИ ГУМКАРДА

Тирамоҳ аст,
Бар канорам, ки аз ту гул мекард,
Барнамегардӣ.
Ту баҳори гузаштаи умрӣ.

## МУРДАШӮИИ ХАЗОН

Бар тани гулҳои хазонкушта
Об мерезад,
Мурдашӯяст абри боронӣ.

## ХАВОТИР

Шаб…
Бод мекӯбад дарамро,
Дарзаданҳои шабона бебалое нест,
Боди дарзан кошки шабмондае бошад.

## ЧАРОҒИ РАҲНАМО

Раҳмгумзадагони шоми бӯрониро
Ту нури чароғи рӯшани равзанаӣ,
Эй ишқи ватан.

## НАМЕХОҲАМ

Худо,
Роҳи ғарибиҳо шавад кӯр,
Намехоҳам, кафи хоки ватанро,
Ғарибикуштае бо худ кунад гӯр.

## БИЁ, ЭЙ ДӮСТ

Бо умеди ғуссамаргӣ бас,
Эй биё, дӯст, шодимаргам кун.

## ОТАШИ ДАРУНСӮЗ

Зери хоканд ин қадар дилҳои оташбор,
Хок шояд дарунӣ месӯзад
Чун зуғоли тар.

## ШАБИ ФАЛҒАР

Зимистон дар паси дарвоза мегиряд,
Чароғи рӯшане дар равзани кӯре
Аҷаб беҳуда месӯзад.

## МУРДАХОК

Оғӯши бемуҳаббат
Саҳрои мурдахок аст.

## МАРГИ ШАБНАМОНА

Беҳтарин марг аст
Ҳамчу шабнам ба рӯи гул мурдан.

## ҒАМИ ХУФТА

Накун, мурғи саҳар, фарёд,
Ба як ҳоле
Ғамамро бо суруди нола хобондам.

## ОҲ

Чашми ман чу қатра часпид
Ба тани булӯрии ту.
Оҳ аз ин қарибдурӣ
Оҳи пурғурурии ту.

## ҲАВО БАР КӢ МЕГИРЯД?

Ҳаво борон,
Дарахтон сархаму гирён,
Кӣ медонад,
Фалак имрӯз бар марги кӣ мегиряд?

## ДУОИ НОУМЕДӢ

Рафт,
То дигар наояд,
Эй Худо,
Илтиҷо дорам пушаймонаш кунӣ.

## ТАЪНАИ ЗИНДАГӢ

Ҳаёти кинагир, аз ранҷи пирӣ шиквае созам,
Ба рӯям мекашад савҳу хатоҳои ҷавониро.

## ЁДИ ШАБМОНДА

Равзани бастаи хаёламро
Дасти ёде ба шаст мекӯбад,
Ёди гумкардароҳи шабмонда.

## ПЕШГӮӢ

Дили ман,
Бо шаби торик меҷангӣ,
Зи дасти субҳ хоҳӣ мурд,
Чароғ астӣ.

## ДАВЛАТИ ВАТАНДОРӢ

Аз ватан рафтагон чӣ меоранд?
Сарвати пур зи хориву зорӣ.
Дар ватан мондагон чиро доранд?
Давлати заҳмати ватандорӣ.

## ХОТИРОТИ ВАЗНИН

Бунгаҳ мекашад шавбод.
Бунгаҳаш чӣ ширин аст.
Хотироти ишқи мо
Хотироти вазнин аст.

## ШАҲРДОРИ ЗУЛМАТ

Кӯчаҳо торик,
Бе равуоянд.
Шаҳрдори шаҳри зулмонӣ,
Гургу сагҳоянд.

## ҲАР ЧӢ ПӮШИДААСТ, ҲАВАСАНГЕЗТАР АСТ

Сатри аврат ҳавасангезтар аз берӯист,
Зӯҳра то кашф нашуд, чангзани зебо буд.

## ПАЙҒОМИ ХУФТАН

Азони бомдод андешаи хуфтан чунон дорад,
Ки бурони баҳор оҳанги андӯҳи хазон дорад.

## Ё ЧУНИН, Ё ЧУНОН

Дар гулӯи регзори ҷаҳли ин мардум,
Ҳамчу дарё ё ки мехушкам,
Ё кавири синаҳои мурдаро охир
Сабз хоҳам кард.

## ВОҲИМА

Бод чун шумхабар,
Боғ дар ларзаи ҷон.
Ҳама ҷо воҳимаи ҳамлаи урдуи хазон,
Марги як лаҳза аҷаб тарси дарозе дорад.

## ВОЙ ТАНҲОӢ

Дарахти тоқаи пири биёбонӣ
Агар рӯзе зи по афтад,
Ба бозуи кӣ сар монад?

## ЭЙ ДӮСТРӮ[1], БИЁ

Ин шаб чӣ тирааст,
Эй дӯстрӯ, биё,
Дидори дӯст рӯшании хонаи дил аст.

---

[1] Дӯстрӯ – зебо,хушрӯ.

## ТАКЛИФ

Шаб дар он кӯчаи сарбастаи ёд,
Мисли бехона чаро сарсонӣ?
Бидаро аз дари дил бо дили пур,
Гарчи вайрона бувад, хонаи туст.

## ДИЛПОРА

Зи ранги сурхи хатти косаи гул метавон донист,
Шикастапораи дилҳост барги гул.

## ТУЛУЪИ ЁД

Ҳар кӣ чун хуршед месӯзад агар, пас аз ғуруб,
Мекунад аз осмони ёдҳо аз нав тулуъ.

## ХОТИРАҲО

Гумкардаҳо ба хотираҳо сабз мешаванд,
Аммо чӣ қадр зард,
Аммо чӣ дарднок.

## БЕ ТУ

Ғайри номи ту ягон чиз надорам дар ёд,
Бе ту фикрӣ шудаам[1].

[1] Фикрӣ шудан – хаёлӣ шудан, ҳолатест, ки кас аз ғаму ғусса ва андешаи зиёд фаромӯшхотир мешавад.

## МАТОИ ДИЛ

Матои хотири дил чиркгир аст,
Ғуборе гар дар он шинад, битобад.

## ҒИЗОИ АНДЕША

Бо чунон гардани хам доси дарав,
Мешавад тез чу сангаш бизанӣ.

## ВИДОЪ

Ашк дар чашми пушаймонхӯрда…
Чашми ту лолаи тар,
Қалби ман хокистар.

## ДУШМАНИИ ҲАМСАФОН

Даст дар хуни шаб наёлудаст,
Домани пур зи доғ дорад субҳ.
Шаб чу душман гурехт аз майдон,
Қасди ҷони чароғ дорад субҳ.

## БАХТИ КӮЧИДА

Дигар ту дар канори ман намерӯӣ,
Намесабзӣ,
Намехандӣ,
Баҳоратро дигар кардӣ.

## БЕГОНА

Дар порисаи хонаи ман лона ниҳодаст
Занбӯру маро неш занад:
хона раҳо кун.

## РОЗЕ ҲАСТ

Гапе дар байни хору гул набошад,
Чунин хуш аз таги дил гул нахандад.

## БАС ДИГАР

Бас дигар монанди соя
Дар мазори шаб ғунудан.
Пӯст парто чун сапеда
Дар талоши рӯз будан.

## ҚАСД

Ману ту, эй чароғ, имшаб ба қасди шаб,
Бисӯзему бихандему бимирем,
Бимон ин дилсияҳ бинад, ки мо мардона мемирем.

## ПИҲИЛБОДИ ЧАРОҒ

Ларзаи шуълаам аз тарси саҳар мурдан нест,
Тарсам он аст, ки ман мираму зулмат монад.

## АҶАБ ДИЛБАР

На шайтон монаду на Ҷабраил, не одаму олам,
Аҷаб дилбар, ки аз танҳоии фардо наметарсад.

## ЧАРО?

Гули ташна
Садои пои боронро
Зи абри пушта мепурсад,
Намеборад.

## ЧИЛЛАШИН

Бе ту чунам?
Чиллашинам
Дар мазори куҳнаи дунё.

## ХОНАСӮЗ

Ҳуш дорӣ?
Хонаатро, ғам, чу месӯзӣ,
Мисли ман дар кӯча мемонӣ.

## НАРАСИДЕМ

Чанд дар пайгаҳи чобукқаламон кӯшидем,
Бар бузургӣ нарасидему қаторӣ мондем.

## МАГАСИ КОСАИ АЙШ

Афтад чу магас чашми муаззин ба пиёла,
Беҳ аз даҳани шиша хурӣ бода, ҳалол аст.

## БИҲИШТИ БЕОРЗУ

Дӯзахиро умед дар пеш аст,
Дар биҳишт орзу намемонад.

## АФСОНАИ ДИДОР

Чашм пӯшам аз ҳама дунё
То ба ёдам ҷовидонӣ гушфишон монӣ
Чун дар ин афсонаи дидори нотакрор.

## ЗАҲРХАНДИ ХОК

Даҳан кач кардани хокаст ин гӯр,
Ба ҳоли зиндагон механдад ин хок.
Чӣ парвои ғами мову ту дорад,
Ба ашки осмон механдад ин хок.

## МОН ХАЗОНРАНГӢ

Фасли гул кардану шукуфтанро
Кун ба лабхандае шукуфонтар.

## ГИЛАИ ҲАҚ

Ба гӯши шиша пилта бо забони роз мегӯяд:
Барои беғамон ман сӯхтам,ту рӯсияҳ гаштӣ.

## ВАЛЕ БОЯД ХАНДИД

Хандаи гул марги гулро мекунад наздик.

## ХАТТИ СИЁҲ

Зоғон хати сиёҳи зимистонанд,
Ки хаткашони бод
Хабари марги баҳорро
Ба боғ меорад.

## ЯК САФҲА ЁД

Як соли рафтаам
Як сафҳа ёд шуд,
Як барги сабз буд,
Он ҳам ба бод шуд.

## МУҚИМИ АМОРАТИ ҒАМ

Дар мулки ишқ
Булҳавасон қасршин шуданд,
Моро ба ҷуз аморати ғам ҷои зист нест.

## ЁРИ НУР

Сояҳо ҳасткардаи рӯзанд,
Бо шабони сиёҳ пайвастанд,
Ман шарики чароғ хоҳам буд.

## АЗОДОРӢ

Шоми мотампӯш,
Ҷомаатро деҳ, биншинам
Дар азои миллати худкуш,
Ман азодорам.

## БИДОН

Биност барои хунхӯрӣ пашшаи кӯр.

## БОРОНИ БИЁБОН

Ман чу абрам гирён,
Бар сари қитъаи хокаш мурда
Барабас мегирям.

## ЗАҲРОБА

Заҳрогинанд бодаҳои давр,
Бода менӯшам.

## СОЯҲОИ РӮСИЁҲ

Шаб гузашт,
Дар паноҳи буттаҳо
Сояҳо монданд бо рӯи сиёҳ.

## РӮ БА ОТАШ

Гар бихоҳӣ,
Шаб бимонад пушти сар,
Рӯ ба оташ,
Пушт бар шаб кун дигар.

## КАЛАНД КӮ?

Кӯ?
Кӯ?
Каланд кӯ?
К-ин киштзори сабзи маро пахш кард алаф.

## РАЗМИ ҲИҶРОН

Дур аз дидаи ба дил наздик,
Бо ғами дурии ту меҷангам,
Рӯзу шаб чун сипоҳии захмӣ
Бо дили тирхурдаи хуншор.

## МИРИ БОЗӢ

Кӯр-кӯри ҳавасӣ[1],
Ҳаркиро ёбӣ, бирасӣ.
Мири бозӣ,
Чашмҳои бастаи моро кушо,
Мурдаи тоҷик ба саҳро бӯ гирифт.

## ГАРДАФШОНӢ

Хонаҳои бесутун рӯи ба рӯ, рӯи ба рӯ,
По ба фарқи якдигар бинҳодаанд.
Бар сари поённишин гарди гилеми хешро
Мешапонад ҳар зани долонбаланд.

## АГАР ЧУНИН АСТ

Чӣ аҷаб, ки оҳи ман сард аст,
Маънии зиндагӣ агар дард аст.

## СИМЧ[1]

Шаҳбози тезчанги ғами дилгирифти шаб
Кабки таронахони диламро ба симчи[2] танг
Раҳгир кардааст,
Умед бар Худост.

---

[1] Кӯр-кӯри ҳавасӣ – бозиест, ки мири бозӣ чашмони якеро баста ба дасташ чӯбе медиҳад. Ҳар киро бо он занад, мағлуб ҳисоб меёбад.
[2] Симч – кандаи зери камари кӯҳ

## БИЁ

Дилма гирифтаӣ,
Эй умри дилгирифт, даме дилкушо
Биё.

## ИШОРА БАРОИ АНДЕША

Бори камро ҳар кӣ ҳар ҷо мекашад,
Бори ғамро ҳар кӣ танҳо мекашад.

## МАРО АЗ РӮШНОӢ ҶӮ

Ман дар тарафи чароғам, эй дӯст,
Ту дар тарафи шабам чӣ ҷӯӣ?

## БОЗИХУНУК

Эй боди хазон, рӯи хунукат дар гӯр,
Ту омадиву маҷлиси гул вайрон шуд.

## ГУНОҲ

Гуноҳи ту ҳамин кофист, эй рӯз,
Ки шабро бар сари мардум шинондӣ.

## МОДАРИ РӮЗ

Рӯсиёҳат наметавонам гуфт,
Модари рӯзи рӯшанӣ, эй шаб.

## ХУШО БАР ГУЛ

Бо лаби хандида мемирад
Гул, ки медонад
Баҳораш бесамар нагзашт.

## БАҲРИ НООРОМ

Нест дар баҳри ҳаёт оромӣ,
Ҳар нафас мавҷи нави тӯфон аст.

## ДУДИ РӮШАНДИЛ

Дуди сиёҳ дорад
Сӯзи чароғи рӯшан.

## ГУЛИ ИШҚ

Ишқ гул будаст,
Барги ин гул шабнамолуд аст.

## ТАСВИРИ ЗАРД

Ҷуз ранги зард нест ба дӯкони рӯзгор,
Бо ранги зард мекашамат,
Эй баҳори сабз.

## ТО БИТОБӢ

Чароғ наӣ,
Сояи чароғе бош.

## ҒАМШАРИК

Наметонам дигар беғам бихандам,
Азодор аст чун ҳамсояи ман.

## БЕШОҲИД

Эй сабо,
Хомӯш,
Гиряи танҳоиям шоҳид надорад.

## ЛАЗЗАТИ МУШКИЛ

Меваи сарнавда ширин аст,
Орзӯи дастнорас
Ин қадар зебову рангин аст.

## ГУМҶӮ

Пурсуҷӯи ёд бар ҷое набурд,
Кӯдакиро дар куҷо гум кардаам?

## БОУМЕДӢ

Боди баҳор лашкари сармо шикастанист,
Нахли азобдидаи боғ,
Интизор бош.

## ПУШАЙМОНӢ

Шуд сияҳ
Шишаи хотирам аз сӯхтанам.
Бас пушаймон шудаам
Аз алови дилам афрӯхтанам.

## БО ВАТАН

Гурезонанд мурғони баҳорӣ,
Ватан,
Бо ту равам ҷанги зимистон.

## ОБСӮЗ

Чун ба поёноби ҷӯи чашми ман сабзидаӣ,
Эй гули рухсори ман,
Обсӯзат кард охир чашми обанбори ман.

## ДЕГСӮЗӢ

Месӯзаму чу дег
Сарро сафед мекунам аз оташи умед.

## ПОМОНДА[1]

Бели тезест хаёли ту, ки мегардонад,
Боз ин қитъаи помондаи умеди маро.
Ин замини мурда
Боварам нест гуле сабзонад.

## МАШҚ

Парпечҳои кӯдакӣ
Машқи кафанпечӣ будаст.

## ОТАШЗАН

Эй нигоҳат оташ,
Ки дилат дар ҳаваси айши гуноҳ аст имшаб,
Хонаи сабри киро сӯзондӣ?
Рӯзи кӣ аз ту сиёҳ аст имшаб?

## ҚАСДАН

Бо замон носозгориҳо бас аст,
Бодаам деҳ,
Мекушам ин ақли нодаркорро.

---

[1] Помонда – замини кишти дамдодашуда, нокишта.

## ЗАМИНИ СУРХ

Донаи ашк насабзиду кунад
Як ваҷаб сабз хиёбони ҳавасҳои маро.
Оҳ аз ин гиряи талхи ту, хазон,
Бар сари мурдаи гулҳои баҳор.

## БАҲОРИ БИЁБОН

Умрам дурахши кӯтаҳи шабнам
Дар дидаи гули саҳарханд аст.
Ман хандаи баҳори биёбонам.

## СУРОҒАИ ҶАВОНӢ

Ба он суроға, ки як замон ҷавониям мезист,
Ба сад хаёл рафт умеду ноумед омад,
Дар он макони ҳавасҳо каси дигар мешишт.

## КИШТАИ САРИ РОҲ

Кишти ман дар роҳи duздон аст,
Чашмҳои гушнаи носерами duздон
Интизори хоби ман ҳар гӯша бедоранд,
Хоби ман хоби палакбон аст.

## ГУЛИ КАЛЛАКАН

Ғунчаи кандаи дар хок забун афканда,
Гӯиё куштаи бесоҳибест.
Ба баҳоре, ки биояд ба чӣ рӯ хоҳам гуфт,
Узри ин ҷурм, ки аз тӯдаи нодон сар зад?

## ХАРИТАИ ЗИНДАГӢ

Пирӣ баҳонаест,
Кулбор буд гарон,
Роҳи сафар дароз,
Дар чеҳраам харитаи роҳҳои зиндагист.

## БЕМОРИ ТАНҲОӢ

Кист мекулхад[1],
Боди кулхинӣ?
Ё манам, ки шабони сиёҳи танҳоӣ
Миёни кӯчаи ёди ту меларзам.

## ДАЪВАТИ ИТТИҲОД

Худо,
Шохобҳоро боз дарё кун,
Ки дарё зеби дарёӣ надорад.

[1] Кулхидан – сулфаи канда-кандаи доимӣ. Кулхинӣ-касе, ки ҳамеша канда-канда месулфад.

## МАНЗАРАИ ПАРТОБ

Дарахте хам шуда мисли хушомадгӯ,
Кабутарҳои куҳӣ дона мекобанд байни тӯдаи пору
Ва дар сӯе
Алови сурх мелесад таги деги сиёҳеро.

## ХУРУҶ

Барқ рахшиду гузашт,
Ғафстар шуд пас аз он торикӣ,
Чашми ман ҳеҷ ба ин тирагӣ одат накунад.

## ДОНАВУ ДОМ

Дар тӯри абрҳо
Печидааст мурғи тилоии моҳтоб,
Дар бешаи сиёҳи шаби рӯшанишикор,
Чун донаҳои дом парешон ситораҳо.

## ТАСАЛЛО

Мурғи гушна ба ҷуфти худ мегуфт
Ин зимистон баҳордарпушт аст.
Орзуи шукуфтани гулро
Ҷанги сарди хазон намекуштаст.

## ЗОҒОНИ ГУШНАПУШТ

Носераманд ин қадар зоғони гушнапушт,
Дар киштзори ман
Донае намонд.

## ХУНМАСТ

Дар ҳавои гиряи борон
Сабзаҳо чун қотилони нашъаманди маст меракқсанд,
Сабзаҳо имсол хунмастанд.

## НУРИ УМЕД

Раҳравони шаб,
Шаби пурбарф дар бероҳаи таърих,
Як чароғ аз дур мехонад шуморо сӯи ободӣ.

## ОФТОБНИҲОЛ[1]

Шукуфтааст умедам ба шохи навмедӣ,
Таронаҳои хушам аз навои ранҷурист.
Ба офтобниҳоли баҳор мемонам,
Кашида муҳраи ашкам ба риштаи нурест.

## ДОНАҲОИ ҲАЙРОН

Банди қафас шикаст,
Мурғи дилам ба сӯи ту парвоз мекунад.
Ин донаҳои ашкро
Бар хурди чӣ диҳам?

[1] Офтобниҳол – тӯйи рӯбоҳ.

## МОТАМИ БАҲОР

Хазон сари гулҳои баҳориро хӯрд
Ва устухони чаманро ба пеши бод андохт.
Чу пайравони Исо шароб менӯшам.

## САФАРИ ШАБ

Эй рафиқи сафари оянда,
Хез,
Фонус биёр,
Раҳи мо аз қабати торикист.

## ОГОҲӢ

Чашм дар хони ишрати дунё,
Донаи дом аст.
Зиндагонӣ, кушандаи моӣ,
Марг бадном аст.

## НАПУРСУ НАГӮЯМ

Аз кори шаб напурс,
Чашме, ки рӯшан аст, ба хобаш бубастааст,
Аз зиндагӣ нагӯ,
Деги сиёҳ бар сари оташ нишастааст.

## РӮЗГОР

Рӯз рӯи рангканда,
Ҳамчунон лабханди ғамгин офтоб,
Як зани қоматшикаста
Мекунад бо сухтан деги сиёҳашро сафед.

## ҲАМДАСТОНИ ЗУЛМАТ

Шаб чу фурсатшумор дар берун,
Хонабон буд чароғи зулматсӯз.
Хоб чун ба дидаҳо ҷо шуд,
Хонадорон чароғро куштанд.

## ПАС АЗ ОН ШАБ

Чакра аз шишаи тирезаи ту мелағжид,
Ашк аз чеҳраи ошуфтаи ман.
Соатат занги ҷудоӣ мезад,
Ғусса шуд қиссаи ногуфтаи ман.

## БЕДОРӢ ДУШВОР АСТ

Субҳ пушти дар,
Хона торик аст.
Ин қадар душвор бошад
Боз кардан чашми хоболудро.

## КУ ШАБШИКАНЕ?

Чароғи рӯи раҳ дар интизори марди шабгард аст,
Ки пушти по зада қонуни шабҳои сияҳрӯро,
Ба сӯи хонаи матлуби худ мардона меояд.

## ВОЙИ ОН МАЙДОНДОРӢ

Шаби ваҳмолуда…
Чашми ваҳшатзадаи ахтарҳо…
Ва ду майдон чу ду чашми хунхӯр,
Осмон меларзад.

## ХӮИ ҒУЛОМӢ

Шикастааст қафас,
Шербон наметобад.
Ҳанӯз дар қафаси шикаста мехобад,
Баччаи шери дар қафас зода.

## ЗАХМИ ГАРМ

Захми ман гарм аст,
Сӯзи ман дар пеш.
Эй фалак,
Гӯши гаронат тоби фарёди маро дорад?

## СУКУТИ ФАРЁД

Дар шаб садои наъраи дарё шавад баланд,
Эй халқи ман,
Хамӯшиат аз нола бадтар аст.

## КУЧОЙ, БАҲОР

Чӣ сукути мурда,
Чӣ муҳити торик…
Оташи хонаи дилро куштанд,
Ин зимистон, ки дароз аст чу ғам.

## БО ҲАМНИШИНИ КАРУ ГУНГ

Дарди ногуфтаи дил бисёр аст,
Ҳамғаме меҳоҳам,
Бо шаби гунг надонам, чӣ кунам?

## СИТОРАИ КОРВОНКУШ

Ин ситора ситораи марг аст,
Ранги хун аст дар ҷилои ӯ.
Эй шумо, ки ба роҳ наздикед,
Корвонро зи раҳ бигардонед.

* * *

Ҳамчу дамкӯтаҳон нафастангам
З-ин ҳавои муҳити чанголуд.
Абр,
Борони гардшӯят кӯ?

* * *

Содахӯро хӯ -ш расво мекунад,
Рози дилро чашм ифшо мекунад.

* * *

Қадам тарсида мемонам,
Ки роҳи зиндагонӣ роҳи яхпӯши зимистон аст.

* * *

Деҳ маро дар сояи зулфат паноҳ аз сӯзи ишқ,
Соя кобанд одамон чун тез бошад офтоб.

* * *

Ишқи моро ту ба чашми кам мабин,
Ин сағира оқибат марде шавад.

* * *

Ба роҳат кай тавонам луқмаи ғамро фурӯ бурдан,
Чу ҷои доғ месӯзад гулӯи ҳавларези ман.

* * *

Зиндагӣ аз синаи роҳат ҷудоям чун кунад,
Мемакам ангушти худрову қаноат мекунам.

* * *

Танам пиру ҳавасҳоям ҷавонанд,
Дар ин дашти хароб ин сабза то кай сабз хоҳад монд?

* * *

Ғамамро куштаму дар сина гӯрондам,
Ки ҳар дам бинаму донам, ки қадри шод будан чист.

* * *

Илми чаргард биёмӯз, туро даркор аст,
Зиндагӣ ҷӯю ҷари бисёр аст.

* * *

Ҳар шаб аз умеди дил хуршед пайдо кардаам,
Ҳар чӣ пайдо кардам, аз уммед пайдо кардаам.

* * *

Чун кӯдаки аз сина ҷудо мемакам ангушт,
Песонда нигаҳ мекунадам қисмати чапгир.

* * *

Бӯсаи беишқ,
Меваи беофтоб аст,

* * *

Аз оташи хори хушк гул месӯзад.

* * *

Одамон гург шуданд,
Хонаҳо пурсаг.

* * *

Гург бисёр шавад, қиммати саг афзояд.

* * *

Парда аз байн бигир,
Пушти ин парда гапи бисёр аст.

* * *

Ба бӯса мекушад хуршед шабнамро.

* * *

Оина, ки айби дигарон бинмояд,
Аз рӯи сиёҳи худ даҳан накшояд.

* * *

Ғусса ҳам махлуқи эҳсосист.

* * *

Сабаби сиришки моро ту ҳаволаи қазо кун,
Чу магас парид ғусса, зи қазо ба чашми мо зад.

* * *

Хун ба рӯи духтари деҳқон намонд,
Ҳусни худро
Духтари деҳқон
Ба гул бахшидааст.

* * *

Сӯи ту зи ҳар сӯе
Чун чашма равон чашме,
Дарё шудаӣ, духтар.

* * *

Хандаи гул самари решаи хоколуд аст.

* * *

Кас назад занги дарам,
Бод аз кӯча гузашт,
Хона мондасту ману дил задани танҳоӣ.

* * *

Яхи порисаам мижгони гирён аст,
Ба ҳоли зори ман порима мегиряд.

* * *

Субҳ бе муждаи дидор омад,
Хандаи субҳ хиҷолатзада аст.

* * *

Замини умрро шудгор кардам,
Ҷавониро дар он киштам,
Нарӯид.

* * *

Вақте баҳор рафт,
Чун тифли норасид
Гулбун гирифта ғунчаи нашкуфтаро ба бар
Пажмурда мешавад.

* * *

Бар боғбон бигӯ:
– Дар чор сӯи боғи ту дуздон нишастаанд,
Хобат ҳаром кун.

* * *

Шаб…
Чароғи раҳнамое нест,
Ин дили шабгард
Дар кучое мезанад раҳгум.

* * *

Бачча ҳоли падар чӣ медонад,
Навда аз ранҷи реша огаҳ нест.

*   *   *

Ҳар чӣ дар боғ доштам, бурдам,
Бар хазон барги зард мемонад.

*   *   *

Соя агарчи сояи гул ҳаст,
Рӯсиёст.

*   *   *

Яке гул парварад дар боғ,
Яке гул меканад аз боғ
Ва ҳарду ошиқи гулҳои хушранганд.

*   *   *

Ғаматро бо табассум куш,
Нами афтобрӯя мепарад зуд.

*   *   *

Ханҷари барқ ба фарқи сари шаб тез омад,
Аз ҳаво хуни сияҳ мерезад.

*   *   *

Чун боғбон зи боғи хазон умр рафтанист,
Аммо ҳанӯз ғунчаи ин дил шукуфтанист.

*   *   *

Субҳ дар ҷанги шаб омад ғолиб,
Ҷавшанаш хунолуд,
Хаста аз кӯчаи мо мегузарад.

*   *   *

Пухту напухт,
Меваи ин боғи умр рехт,
Боди хазон чу пиллакашон барг мезанад.

* * *

Дар мактаби замона
Ҳамдарси мо ғами мост.

* * *

Зиндагии бе ту
Дафтари пуршудаи хотираҳост.

* * *

Вақте ки қалам баёнгари ҳолам нест,
Дил дафтари санггаштаро мемонад.

* * *

Бод аз косаи гул хӯрд шароби борон,
Қад-қади кӯча каловидаву ғавғо дорад.

* * *

Ҳоли сафед гаштани сар бингару мапурс,
Ин дегро дар оташи ғам кардаам сафед.

* * *

Эй аз ватан ҷудо,
Ҷони зи тан ҷудо,
Чун ҷавзи бурда зоғ,
Сабз аз чаман ҷудо,
Боре, ки оварӣ,
Ёбоӣ мешавад.

* * *

То сурмаи чашмат накунӣ хоки дари дӯст,
Бар мартабаи дӯст расидан натавонӣ.

*   *   *

Маъшуқа аҷаб раҳм ба ҳоли дили мо кард,
Гесӯш бuриду дилам аз банд раҳо кард.

*   *   *

Дар дили дарёи ман афтод акси офтоб,
Мавҷи лапишхӯрдаро монад дили дар изтироб.

*   *   *

Ишқи пирӣ
Охирин талвосаи оташ
Дар дами мурдан.

*   *   *

Даройӣ аз дари дил ҳамчу афтоб,
Дилам чун ях чакида мешавад об.

*   *   *

Чашмам, ки об бар рухи пажмурда мезанад,
Абрест дар ҷанозаи гул гиря мекунад.

*   *   *

Нахли пирам,
Чун бихушкам,
Бори охир дар бухорӣ мешукуфам.

*   *   *

Дар ин дили пирам чӣ ҳавасҳои зиёд аст,
Парвози баланд мекунад турна,
Хазон аст.

*   *   *

Реша дар хоки ватан кун, то бисабзӣ чун дарахт,
Бод аз оворагардӣ хокбарсар мешавад.

*  *  *

Ҳаво шудрӯст,
Табъи осмон хира,
Чу рӯзи тирамаҳ рӯи дилам тира,
Намеборад.

*  *  *

Ин қадар мечӯшад ин дил, метапад,
Оқибат ин чашма дарё мешавад.

*  *  *

Шасти дил кундӣ кард,
Моҳии васли ту дар дарё рафт,
Ошиқӣ хотира шуд.

*  *  *

Сардии хонаи дил барфи зимистонворӣ,
Яхи порисаи дил мижжаи гирёнворӣ,
Дили ман урён аст,
Дили ман гирён аст.

*  *  *

Касмахар шуд  колаи одамгарӣ,
Одам одам мефурӯшад.

*  *  *

Душмании душманам аз душманист,
Душмании дӯст ҳайронам, ки чист.

*  *  *

Бархезу сари сахт ба девори Худо зан,
Ин қасрбаландон ғами бечора надоранд.

* * *

Умеди боумедон дар паси дарвоза пинҳон аст,
Калиди хонаи дилҳои дарбаста куҷо бошад?

* * *

Ҳама пажмурдаву зардам,
Ба кишти ташна мемонам,
Ту борони баҳорам бош.

* * *

Рӯт дар ёдам нест,
Ёди ту соқии ин танҳоист,
Ки ба ман бодаи ғам мебахшад.

* * *

Ишқи ту
Оташи хомӯшест,
Ки ҳанӯз аз таги хокистари он
Лахчае дудкунон месӯзад.

* * *

Чахчу наравад арғушт,
Равған надиҳад чархушт.
То қат нашавад ангушт,
Ангушт нагардад мушт.

* * *

Аз химчаи модарам панаҳ мебурдам
Бар домани модарам замони тифлӣ.
Аз химчаи зиндагӣ сари сахтамро
Ҷое, ки паноҳ метавон кард, куҷост?

* * *

Боғ шуд подачари гову харон,
Боғбон пурхоб аст,
Кӣ паронад хобаш?

* * *

Нони хушк аст чу рӯзит, кабобат надиҳанд,
Ризқ агар қатра бувад, косаи обат надиҳанд.
Ҷони ман, чанд бинолӣ зи азоби дунё,
Беш аз оне, ки насиб аст, азобат надиҳанд.

* * *

Қаламам гиряи мардона кунад,
Дӯст агар хидмати хирсона кунад.
Ғафлати миллати душманпасидар
Ба Худо, ки мара девона кунад.

* * *

Дафтарам холии холӣ,
Хомаам арвоҳи ланг аст.
Қалби ман дунёи нотинч,
Синаам майдони ҷанг аст.

* * *

Ин барф бихезаду биояд наврӯз,
Номардият, эй боди зимистон, монад.

* * *

Чу зоти хеш бо  илми замона
Илоҳӣ, нокасон одам насозанд.

* * *

Эй чун баҳори нозанин,
Эй нозбӯ, нӯшофарин,
Эй дарди ишқат ангубин,
Бозо, ки ёдат кардаам.

*  *  *

Биёбонест, дар дам мекашад чун қатра дарёро,
Ҷиғилдонест нафсаш мебарад чун танга дунёро.
Хиёнатпешае, имонфурӯше, аҳриманзоте,
Яҳудовор бифрӯшад ба як дирҳам Масеҳоро.

*  *  *

Дилам танг аст,
Чунон танг аст,
Ки дар он як сари мӯи ғаме дигар намеғунҷад.

*  *  *

Араҳи боғбон шакар дорад,
Меваҳо шоҳид.

*  *  *

Иззатталабӣ гувоҳи баднафсист.

*  *  *

Бикуш нафсат,
Касе дар ҳаққи мурда бад намегӯяд.

*  *  *

Зи душворӣ каси номард метарсад,
Гули нозук зи боди сард метарсад.

*  *  *

Субҳ дидам ашк дар чашмони гул,
Гуфтамаш:
Пуроб чашмонат чарост?
Гуфт:
Дорам ҳоли зоре, ки напурс,
Боғбон бо гулфурӯшон ошност.

* * *

Бонамак бош,
Аз намак ширин шавад бодоми талх.

* * *

Умеди мо ба лутфи дигарон нест,
Гули худрӯ ба бӯи боғбон нест.

* * *

Ҷӯи ман беоб аст,
Чашми боғам ба умеди борон,
Осмон беабр аст.

* * *

Ҳаворо гиря мегирад,
Ғамангез аст оҳанги зимистон.

* * *

Гул,
        Дареғ аз ҷонат,
Хор шав,
То  нахӯрад гову харе осонат.

* * *

Хоки пои дигарон будан нашояд, гарчи гард
Пушти пое мехӯрад бар дидаҳо ҷо мешавад.

* * *

Чун гард нашин рӯи гилеми дигарон,
Хоҳӣ, ки ба зарби калтакат н-афшонанд.

* * *

Бой аз ҳоҷӣ шавад шайхи араб,
Дуздро бингар қарақчӣ мезанад.

* * *

Ҳар нафас, ҳар дам ғанимат,
Ҳар дами беғам ғанимат.
Суҳбати ҳамдам ғанимат,
Чун нафас одам ғанимат.

* * *

Ин қадр торик аст шаб,
Рӯи шабафрӯзи ту кӯ?
Кандаст кӯки чашми дил
Мижгони дилдӯзи ту кӯ?

* * *

Яке чашм пешу яке чашм пас,
Пушаймонхаёлу алохуннафас.
Барои гузашта чӣ сӯзӣ чу хас,
Гузашта гузашту гузаштасту бас.

* * *

Кас дар талаби мо набувад ғайри ғами мо,
Он ҳам, ба хаёлам, сари бегонагӣ дорад.

* * *

Хонашарик кардаӣ, дил, ғами ношиносро,
Ҳаққи намак чӣ мекунӣ ин ғами носипосро.

* * *

Ишқи ту дар оташи дилу ҷон пухтаст,
Ин мева дар офтоби сӯзон пухтаст,
Аз он ширин аст.

* * *

Аз хӯрдани ғам
Дам мекунаду намекафад, дил
Бар ишками ғафси муфтхорон монад.

* * *

Сар меравад аз соғари дил бодаи ишқат,
Соқӣ, хабарат нест.

* * *

Аз боди ҳавову ҳавасат дил ба замин зад,
Он мева, ки пухтаст, бирезад зи шамоле.

* * *

Нигаҳат оташрез,
Чашми ту оташбоз,
Хонаи сабри маро месӯзӣ.

* * *

Офтоби ғами дил сӯзон аст,
Сар ба ҳар соя, ки бинӣ нахалон,
Об бар оташи дил зан, ки ҳаво сард шавад.

* * *

Ба ҳалли мушкилоти зиндагонӣ дарнамемонам,
Фалак деворгар бошад агар, деворгардонам.

* * *

Дар чӯби қалам дирафш кардам номам,
Бошад, ки бубиниву маро ёд кунӣ.

* * *

Зери поят афганад чун гард боди эҳтиёҷ,
Бод осон меканад аз шох барги зардро.

*　*　*

Корвонкуш бувад ситораи рӯзам,
Корвони умедҳоямро,
Раҳзани ноумедӣ хоҳад зад.

*　*　*

Соғар талоқ дод маро, кори чап бубин,
Зан медиҳад талоқ дар ин давр мардро.

*　*　*

Модар, ту будӣ сояи давлат ба сари ман,
Рафтиву дигар сарвати ман нолаву оҳ аст.
Баъди сари ту ханда дигар дар лаби гул нест,
Олам ҳама мотамзадаи ҷомасиёҳ аст.

*　*　*

Ҷаҳони сангдилон кӯри гиря хоҳад шуд,
Ҳадиси дарди ватанро агар китоб кунам.

*　*　*

Ғунча лаб во кард,
Донистам, ки гарде доштаст.
Ҳар лаби чумбида ҳам дидам, ки дарде доштаст.

*　*　*

Шуд офтоб ҷонишини шамъу шамъ мурд,
Хуш умри шамъ баъди сараш офтоб монд.

*　*　*

Пос доред марзи кишварро:
Гар намебуд дар миён девор,
Чашм мехӯрд чашми дигарро.

* * *

Вориси шамъи мурда агар офтоб нест,
Дунё шавад хароб.

* * *

Ҷудоихоҳии ёрон ба ҷонам зад,
Миёни чашмҳо ҳам тахти девор аст.

* * *

Субҳ хандида ба дар омаду гул гирён шуд,
Гиряи шодии дидор муборак бошад.

* * *

Баҳоре, ки чунин хушрангу хушбӯст,
Зи пистони зимистон шир хӯрдаст.

* * *

Ҳурмати мурдаи зимистонро бидоред,
Вақти тавлиди баҳор сари фарзанд рафтаст.

* * *

Зидагонӣ саманди ҷавмаст аст,
Зин ба пушту лагом дар дастам
Медавам аз пушташ.

* * *

Марг мурдан нест,
Мурда-мурда зистан марг аст.

* * *

Нашав сархам,
Дарахти хамзада осонбаро бошад.

* * *

Дар миёни ҳазор хор хандидан
Кори гул бошад.

* * *

Синаам девори дудахӯрдааст,
Модарам кӯ, ки кунад бо шохҷорӯбаш сафед.

* * *

Ҷавонӣ нардбоне буд.
Бо он ба боми умр баромадам.
Нардбонро гирифтанд.
Ғами фаромадан доғи дилам шуд.

* * *

Зиндагӣ табъи дилам нест,
Ҳамчунон бо як зани нофор
Ман ба он ҳамхобаам ночор.

* * *

Ин мулк қадамҷост,
Дар он ваҷабе кӯ, ки бузурге нанишаст.
Бебок қадам накан, ки хуншор шавад пот,
Ин хок пур аз шишаи дилҳои шикастаст.

* * *

Фақат чашми банам дорад зимистон,
Кӣ медонад чӣ ғам дорад зимистон.

* * *

Марг
Охирин саҳнаи фоҷиаи зиндагист.

* * *

Ба сабри шиша тан додам,
Дили пурхун,
Даҳони баста дорад.

* * *

Гардунакашон аҷаб ҷавонмардонанд,
Миннат накашанду бори мардум бикашанд.

* * *

Беватан
Решаи аз хок бурунро монад,
Марги он тадриҷист.

* * *

Субҳ пайғомрасони хабари дидор аст,
Ки лабаш пурхандаст.
Хандаи хушхаборон зебандаст.

* * *

Кӯ яке таҳҷоӣ,
То бипурсам, ки дар ин шаҳри ғариб
Манзили як дили бедард куҷост.

* * *

Кам нагир оҳи заифонро,
Ҷангал аз як донаи гӯгирд месӯзад.

* * *

Гар набошад марг
Мешавад беқадр одам ҳамчу нон дар давраи серӣ.

* * *

Аз ғайр нанолам,
Чун риши худам рӯи маро кард сиёҳ.

* * *

Зи ғам нагрез,
Ки саг шерак шавад
Чун раҳгузар рӯ бар гурез орад.

* * *

Дар таб дили бистарии ман месӯзад,
Пурсидани бемор савоб аст,
Биё.

* * *

Эй сабзаи баҳор,
Аз хоки сабзаҳои дигар сар кашидаӣ.
Аз худ нарав,
Зи хоки ту ҳам сабза медамад.

* * *

Ишқат ба болини дилам
Шӯри қиёмат мекунад,
Беморбинӣ омадаст
Аз марг суҳбат мекунад.

* * *

Зиндагии нухтакан чун аспи маст
Гардани бас шаҳсаворонро шикаст.
Ин қадар фаҳмидаам, ки зиндагӣ
Уфтодан ношикастан будааст.

* * *

Ҳайфи он саъй, ки боиси такомул нашавад,
Вой,
Агар ғунчаи уммеди диле гул нашавад.

* * *

Ватанҷудоӣ дард аст,
Ватангадоӣ марг.

* * *

Дар тавозӯ кӯш,
Решаи хоксор гулбасар аст.

* * *

Барги сарнавда нашав,
Дур аз кунда биафтӣ чу хазонат бирасад.

* * *

Хок шуд барги зи шох афтода,
Мешавӣ хор, зи мансаб афтӣ.

* * *

Напиндорам, ки доро ғам надорад,
Хазон дорост, лекин рангзард аст.

* * *

Медавам аз пушти кори зиндагӣ,
Ришта аз думболи сӯзан медавад.

* * *

Бо дида набинамат аҷаб нест,
Оина ҷаҳоннамо набошад.

* * *

Бар иззати нафси ман расидан натавонанд,
Куштам нафсам.

* * *

Эй карда ба мурдахобӣ одат чун гард,
То шатта намехӯрӣ, нахезӣ аз ҷо.

* * *

Маймун шудааст одами маймунзод,
Эй кош, ки боз маймун одам мешуд.

* * *

Воҷибулқатл аст ин шаб,
Авфи он дигар маҳол аст.
Баъд аз ин, эй субҳи шабкуш,
Хуни шаб бар ту ҳалол аст.

* * *

Ашк дар дидаи гул вақти саҳар
Шояд аз шодии як рӯзи дигар зистан аст.

* * *

Шаб то ба саҳар чароғи афрӯхтаам,
Аз оташи оташнафасон сӯхтаам.

* * *

Бигзарад сӯзи алови виҷдон,
Доғи эҳсоси гунаҳ мемонад.

* * *

Ба зери сояи зулфат паноҳам деҳ,
Ки дар дашти кабоби зиндагонӣ сояҷое нест.

* * *

Мо харидори нишотем,
Зиндагӣ ғам мефурӯшад.

* * *

Ҷанги раҳи уммед нахест аз қадами субҳ,
Ин субҳ яқин аз раҳи боронзада ояд.

*   *   *

Чун накарданд аз ҷаҳолат ҷоҳилон дарки сухан,
Таънаи девонагӣ бар мардуми доно заданд.

*   *   *

Беғамон ҳам ягон ғаме доранд,
Дасти буд будагон камӣ доранд.
Пуштдорони касфурӯш, донед,
Бекасон низ одаме доранд.

*   *   *

Ба лабханди гули субҳат, ватан, савганд,
Ки дар баҳори диёри ғурбатҳо
Гули муроди дили ман намехандад.

*   *   *

Дари ту занҷир аст,
Хоби ту мурдақатор.
Субҳ аз пушти дари бастаи ту,
Бигзарад меҳмонвор.

*   *   *

Ҳама созӣ,
Ҳама нозӣ,
Ту илҳомӣ,
Ту инъомӣ,
Муаммоӣ,
Ҳама розӣ,
Муаммои дили моӣ.

*   *   *

Дар дафтари хотироти умрам
Ҳар сафҳаи пуршуда дареғ аст.

* * *

Ҳазорон нонхӯрак дар гирди хонаш,
Надорад дӯст мансабдору доро.

* * *

Аз сӯхтан аст нурбории чароғ,
То ранҷи зимистон накашад гул накунад боғ.

* * *

Дӯхтам дарзи қалбамро,
Ҷои сӯзан монд.

* * *

Манат парвардаам,эй гул,
Ҳамоғӯшат чаро хор аст?

* * *

Даъвии мардонагӣ расво кунад номардро,
Мокиён вақте кунад фарёд, маргаш мерасад.

* * *

Оина бурид дасти оинашиканро,
Рустам зи Шағод қасди худ мегирад.

* * *

Чашми тамаъ аз сарвати бегона бикан,
Ҳар мева ба пои кундааш меафтад.

* * *

Латтаи пеши гадо шаъни ба хок афкандаст,
Тангаи дасти гадо чашми ҳақорат бошад.

* * *

Ҳамчу нони даври серӣ хор кардӣ ишқи ман,
Дар зимистон мерасӣ рӯзе ба қадри офтоб.

* * *

Дорӣ сухане агар, чаро хомӯшӣ,
Тилло ба даруни хок санге бошад.

* * *

Аз чаман гулро ба хористон кашад
Барвазад ҳар ҷо, ки боди эҳтиёҷ.

* * *

Манъам макун аз ҳаловати дидорат,
Бар манъшуда ҳарис бошад одам.

* * *

Дастам нарасад ба меваи шохи баланд,
Бо хӯрдани афсӯс даҳан тар нашавад.

* * *

Худоё, зардаҷӯшам кард охир,
Турушрӯии ёрони турушрӯ.

* * *

Дилро бисӯхт ишқату оҳанги ҷон кунад,
Ин мурғи лонасӯз хароб ошён кунад.

* * *

Аз баҳри Худо, бас кун, юсуфиҷамолиро,
К-ин ишқи зулайхоӣ ангуштнамоям кард.

* * *

Бе дару равзана бастанд дари хонаи хок,
Бачча беруни дару оча дарун мегиряд.

*   *   *

Кушо чашми дилу аҳволи дунёро тамошо кун,
Ки ҳар барги хазон дар хок бинӣ барги гул будаст.

*   *   *

Мурғи ғам аз чамани сина фиғоне дорад,
Ки дар ин боғ дигар гӯшаи обод намонд.

*   *   *

Роҳе, ки барад ба гӯшаи оромӣ,
Роҳи гӯр аст.

*   *   *

Мекашад сӯи ту дилро ёди ту,
Банди раҳ дар пои дил печидааст.

*   *   *

Тилисме ҳаст дар шаҳри хамӯшон,
Касе, ки рафт, аз он ҷо барнагаштаст.

*   *   *

Вақти ҳола гирифтанат омад,
Мурғи дил, ба лонаат баргард.

*   *   *

Бигзарад, эй гул, зимистону баҳоре мерасад,
Гарду чанги роҳ мехезад,
Саворе мерасад.

*   *   *

Пур аз афтодану бархостан будаст
Раҳе, ки мебарад бар қуллаи мақсад.

* * *

Ман аз мурдан наметарсам,
Зи нози марг метарсам.

* * *

Дар бозии умр, дон, ки бурдат надиҳанд,
Сад хӯрда бигиранду ба хӯрдат надиҳанд.

* * *

Зардии чеҳраи хазон шоҳид,
Сарвати ройгон бало дорад.

* * *

Беғамӣ бо кӯдаки беғам гузашт,
Мову ғам мондем дар дунёи танг.

* * *

Равшандилест ҳар куҷо, монанди офтоб
Дар осмони зиндагӣ овора мешавад.

* * *

Ҳаво мебораду меборад имшаб,
Ҳаво чун ман ягон ғам дорад имшаб.

* * *

Дили беорзу помондаро монад,
Ки дар он ғайри хору хас нарӯяд.

## МУНДАРИҶА

Дар дафтари хотироти умрам ................................................ 3

Ин қадар меҷӯшад ин дил, метапад.................................... 163

Зиндагӣ фалсафаи тадбир аст ............................................. 235

Чашма як мисраи равон гӯяд ............................................... 327

**Бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.**

**Алимуҳаммад Муродӣ**

**СУНБУЛКОН**
*(гулчини ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компутер *Ҳурмузи Муродӣ*

Ба матбаа 21.05.2018 супорида шуд.
Чопаш 23.05.2018 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 27,5. Адади нашр 200 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ҶДММ «Илм» ба чоп расидааст.